**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ:657.375.2(575.3)**
**ТБК:65.9(2)261.3**
**И - 87**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ИСМАТОВ АБДУЛҲАФИЗ ФАЗЛИДИНОВИЧ**

# ТАКМИЛДИҲИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Роҳбари илмӣ: Шамсов Илёсҷон Сафарович – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**Душанбе – 2024**

# МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА.........................................................................................................4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ..................................................................15**

1.1. Таҳқиқи назарияи рушди маъмурикунонии андоз..................................15

1.2. Ҷанбаҳои институтсионалии маъмурикунонии андоз............................35

1.3. Ҳолати муосири истифодаи таҷрибаи хориҷии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт................................................57

**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ...................................75**

2.1. Раванди ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.......................................................................75

2.2. Таҳлили ҳолати муосири хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз.........................................................................92

2.3. Афзалиятҳои рушди маъмурикунонии андоз дар таъмини ҳиссаи воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ ..................................................108

**БОБИ 3. ДУРНАМО ВА САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛДИҲИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН....126**

3.1. Мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт..................................................126

3.2. Такмилдиҳии раванди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.................................................................142

3.3. Дурнамои рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................................155

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ...................... ..............................................169**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА...........................................174**

# НОМГӮИ ИХТИСОРҲО

**ААИ** – Андоз аз арзиши иловашуда

**БРМА –** Барномаи рушди маъмурикунонии андоз

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**КА** – Кодекси андоз

**КАҲҶТ** – Кумитаи андози назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КИР** – Консепсияи иқтисоди рақамӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**ММД** – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**ОМ** – Осиёи марказӣ

**СМР** – Стратегияи миллии рушд

**СҲИА** – Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз

**СҲИР** – Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

**ТИК** – Технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҲҶТ** – Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити танзими муносибатҳои бозорӣ давлат ҳамеша бо мақсади такмили низоми қонунгузории андоз ва вусъат бахшидан ба рушди маъмурикунонии андоз, ки василаи беҳтар гардонии ҷараёни муомилоти соҳаҳо дар андозбандӣ мебошад, мусоидат менамояд. Раванди барақароркунӣ ва рушди низоми андоз аз даврони соҳибистиқлолии давлат сарчашма мегирад, ки ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз заминаи воқеӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳолати ба миён омадаи навовариҳои технологӣ дар шароити имрӯза имкониятҳои истифодабарии низоми рақамиро дар соҳаи андоз таъмин менамояд, ки чунин тадбир дар аввал қобилияти давлатро оид ба ҷамъоварии маблағҳои андоз каме суст гардонида, бо гузарониданиислоҳотҳо дар низоми андоз шароитиҳои нави иқтисодиро ба вуҷуд меорад. Чунин раванд аз шароити ҷаҳонишавӣ ба рақамикунонии истеҳсолот, низоми молия, андоз, бонк ва дигар соҳаҳо ҳамчун шарти ҳатмӣ дар таҷрибаи бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба назар мерасанд.

Мавзуи интихобгардида вобаста ба аҳаммият ва ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёти давлат хело муҳим арзёбӣ гардида, он ҳамчун масъалаи муҳимми хусусияти актуалидошта дар таҳқиқоти илмӣ баррасӣ гардидааст. Вобаста ба таъмини саривақтии буҷети давлатӣ ва беҳтар намудани низоми фаъолияти мақомоти андоз, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24 апрели соли 2010 дар Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муайянкунии манбаъҳои андозбандӣ чунин қайд намуда буданд: «Низоми кори мақомоти андоз ба дигаргунсозӣ ниёз дорад. Вазифаи онҳо на танҳо ҷамъоварии пурра ва саривақтии андоз, балки пешгирӣ намудани қонуншиканӣ, пешбурди корҳои доимии фаҳмондадиҳӣ ва барои андозсупорандагон ташкил намудани курсҳои омӯзишӣ мебошад»[1]”.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.04.2010. – Душанбе, 2010. Махзани электронӣ: http://www.prezident.tj

Дар шароити муосири навгониҳои илмию технологӣ, ҷавобгӯ намудани низоми кори мақомоти андоз ва сабук намудани низоми андозбандӣ яке самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад. Тавре аз Паёми Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 20 апрели соли 2011 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба «Масъалаҳои сода намудани низоми андозбандӣ ва оммафаҳм гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба андозситонӣ метавонанд ба рушди минбаъдаи иқтисоди миллӣ ва таҳкими имкониятҳои буҷети давлатӣ мусоидат намоянд»[2] дар шароити гузариш ба иқтисодӣ рақамӣ зимни гузаронидани ислоҳотҳо дар низоми андоз заминаи воқеӣ ба ҳисобида рафт. Такмили маъмурикунонии андоз дар бахши воқеии иқтисодиёти мамлакат ҳамчун самтҳои афзалиятнок баҳри рушди низоми андози мамлакат бо дарназардошти таҷрибаи кишварҳои пешқадаму бисёрсолаи ҷаҳонӣ муҳим мебошад. Дар асоси муқаррароти Барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз самтҳои афзалиятноки рушди соҳа муайян гардида, заминаи воқеӣ ба вусъатёбии раванди фаъолияти мақомоти андоз дар шароити рақамикунонӣ, пеш аз ҳама гузаронидани ислоҳот ва сода намудани низоми кори мақомоти андоз, пешниҳоди хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, тадбирҳои иловагӣ оиди шаффофияти воридоти андоз ба буҷети давлатӣ ва боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ муайян гардиданд.

Ташкили раванди маъмурикунонии андоз бо дарназардошти қабул ва амалӣ намудани Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, татбиқи Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003 таҳти № 1174, Консепсияи иқтисоди рақамӣ ва барномаҳои рушди маъмурикунии андоз барои давраҳои миёнамуҳлат арзёбӣ мегардад, шаффоияти воридоти андозҳо ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳоро ба андозсмупорандагон таъмин менамояд.

---

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.04.2011. -Душанбе, 2011. Махзани электронӣ: http://www.prezident.tj

Татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди маъмурияти андоз барои солҳои 2020-2025 дар асоси Стратегияи миллии рушд (СМР) барои давраи то соли 2030 асос ёфта, афзалиятҳои асосии рушди иқтисодии кишварро таъмин намуда,  то соли 2030 коҳиш додани сатҳи камбизоатиро 3,5 баробар пешбинӣ менамояд. Дар баробари зиёд гардидани даромадҳои дохилӣ имкониятҳои давлат барои расидан ба ҳафҳои стратегӣ зиёд мешавад.

Беҳтар намудани шароитҳо дар соҳаи андоз дар заминаи ҳадафҳои Стратегияи давлатӣ таҳия гардида, имкониятҳои бештарро баҳри таъмин гардидани шаффофияти воридоти андозҳо,  пешгирӣ намудани қонунвайрокуниҳои андоз, вусъатёбии низоми рақамикунонии андоз ва дигар муқарраротҳои дар Кодекси андоз пешбинӣ шавандаро ба вуҷуд меорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ба таҳияи ҷанбаҳои алоҳидаи назарияи таҳқиқоти илмии андоз саҳми иқтисоддонҳои хориҷӣ муҳим аст. Оид ба паҳлуҳои андоз ва андозбандӣ, таҳқиқотҳои ҳамаҷонибаи бавуҷудой ва рушди андозҳо олимони маъруфи соҳа А.Смит, У.Петтӣ, А.Б. Лаффер асарҳо эҷод кардаанд. Таҳқиқотҳои илмӣ дар самтҳои гуногуни омӯзиши масъалаҳои андозбандӣ ҷараён доранд, ки дар асоси пайгирии такмили низоми идоракунии андоз ба консепсия ва таҳқитотҳои олимони гузашта такя менамоем.

Ҳамзамон, дар давраҳои пешин олимони тоҷик Н.Тӯсӣ, С.Айнӣ, Б. Ғафуров ва дигарон дар масъалаи асоҳои ташкили муносибатҳои андозбандӣ андешаҳои ҷолиб баён намуда буданд.

Дар замони шуравӣ вобаста ба масъалаҳои маъмурикунонии андоз таҳқиқоти илмӣ камтар ба назар расида, зуҳуроти мавҷудияти андозҳо ба идоракунии моликияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ вобаста буд. Баъд аз солҳои 90-уми асри XX зарурат пайдо гардид, ки ҳангоми ба шароитҳои иқтисоди бозорӣ гузаштан, имкониятҳои зиёди  масъалаҳои такмилдиҳии низоми андоз ва маъмурикунонии андоз ба миён омад. Қисми зиёди таҳқиқотҳо дар самти танзими давлатии андозии иқтисодиёт бахшида шудаанд. Инчунин, ба роҳ мондани механизми маъмурикунонии андоз вобаста ба ташкили ҷараёнҳои

идоракунии андоз аз тарафи як қатор олимони рус, ба монанди Т.М.Оспанов, В.А.Краснитский, В.П.Кузнетсов, В.И. Майоров, Л.Я. Абрамчик, Л.И. Гончаренко, А. В. Гришенко, А.В. Аронов, В. Кашин, Г.А. Артеменко мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст. Дар раванди амалинамоии механизми маъмурикунонии андоз омилҳое ҳастанд, ки самаранокии ислоҳоти низоми маъмурикунонии андоз ва барномаҳои қабулгардида таъсир мерасонанд.

Дар рушди низоми андози мамлакат саҳми олимони ватанӣ Б.И. Боймирзоев, Н.Қ. Қаюмов, Х.Р. Улуғхоҷаева, И.Р. Иброҳимзода, Л.Ҳ. Саидмуродзода, А.К. Қурбонов, У. Воҳидов, Д. С. Давлатов, Ф.Э. Таджибаева ва дигаон назаррас мебошанд, зеро таҳқиқоти илмии онҳо вобаста ба рушди низоми миллии андоз нигаронида шуда, ҳамчун заминаи воқеӣ дар рушди маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд.

Раванди маъмурикунонии андоз дар назария ва таҳқиқотҳои илмии олимони ватанӣ аз мадди назар дур нест, зеро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ масъалаи рушди маъмурикунонии андоз яке аз ҳадафҳои асосии стратегии давлат ба ҳисоб меравад, ки ҷиҳати омӯзиш ва мукаммалгардонии он дар таҳқиқоти илмӣ саҳми бисёр олимони ватанӣ В.Д. Сабуров, А.М. Солеҳзода, А.М. Маъмуров, С. Халифазода, М. Салимова, Ф.Ҷ. Касирова ва дигарон таҳқиқ гардидаст. Аҳамияти илмию амалӣ доштани мавзӯи таҳқиқшаванда дар алоқамандӣ бо назарияи умумии таҳқиқи андоз ва механизми муосири танзими равандҳои идоракунии андоз дар сатҳи макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ то ҳол ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд.

Дар самти мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз аз лиҳози амалӣ як қатор стратегияҳо ва баномаҳо қабул гардидаанд, ки дар оянда ба рушди маъмурикунонии андоз мусоидат намуда, минбаъд тавассути онҳо роҳҳои мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз дар асоси қонуниятҳои рушди иқтисоди миллӣ бояд омӯхта шаванд. Масъалаҳои назариявӣ ва методологии мавзуи мазкур мавриди таҳқиқи муҳаққиқони зиёди ватанию хориҷӣ гардида,

дар раванди таҳияи рисолаи худ мо аз онҳо истифода намудем. Бо дарназардошти он ки масъалаҳои дар мавзуъ таҳқиқшаванда ба шароити рақамикунонӣ нигаронида шудааст, мо дар доираи рисолаи илмӣ аз таҳқиқоти зиёди илмӣ истифода бурда, паҳлуҳои муҳим ва мубрами ин мавзуъро баррасӣ намуда, аҳаммияти онро дар шароити имрӯза арзёбӣ намоем.

Ҳамзамон, вобаста ба омӯзиши масъалаҳои назариявию методологӣ мо мақсаду вазифаҳои мавзӯи таҳқиқотро муайян намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуҳои илмӣ.** Мазмуну муқаррароти диссертатсия ба як қатор барномаҳои давлатии дар соҳаи молия ва андоз роҳандози гардида мутобиқат намуда, онҳо ҳангоми татбиқи ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, татбиқи сиёсати андозию буҷетии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва татбиқи вазифаҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва қабули барномаи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, инчунин раҳнамоӣ ва дастурамалҳо вобаста ба такмилдиҳии маъмурикунонии андоз истифода гардидаанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Арзёбӣ намудани ҳолати муосири раванди маъмурикунонии андоз ва додани тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили механизмҳои маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади гузошташудаи диссертатсия зарурати ҳалли вазифаҳои асосии зеринро тақозо мекунад:

- таҳқиқи назариявӣ ва институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз;
- таҳқиқи методии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;
- хусусиятҳои маъмурикунонии андоз вобаста ба таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ;

- арзёбии ҳолати муосири рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

- мушкилотҳо ва раванди вусъатдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;

- такмилидиҳии низоми маъмурикунонии андоз ва таҳияи модели экометрикии дурнамои воридотҳои андоз Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот** раванди такмилдиҳии маъмурикунонии андоз, шаффофияти таъмин гардидани воридоти андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлат дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад.

**Мавзуи таҳқиқот** амалӣ гардидани маҷмӯи тадбирҳо ва чораҳои андозбандиро ташкил медиҳад, ки раванди такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиётро таъмин менамояд.

**Фарзияи таҳқиқот** бар пояи муқаррароте асос ёфтааст, ки ҳангоми дар такмил додани низоми маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ беҳтар гардонидани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз чунин имкониятҳоро ба вуҷуд меорад: 1) шаффофияти воридоти андозҳо, 2) таъмини усулҳои муосири назорати андоз 3) коҳишёбии қонунвайронкунии андоз тавассути ба роҳ мондани модулҳои нави хизматрасониҳои электронӣ 4) афзудани ҳамкориҳои нави иттилоотӣ бо мақомоти андоз.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти илмӣ зимни омӯзиш** аз осори таърихи классикон, намояндагони равияҳои гуногуни иқтисодӣ (микроиқтисод ва макроиқтисод), инчунин таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ, коршиносон, мақолаҳои дар сатҳи илмӣ қарордошта (ҷумҳуриявӣ, байналмиллалӣ), ҳисоботҳои илмӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва ғайра иборат мебошад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот аз** услуби илмии диалектикии идрок иборат буда, имкониятҳои васеъи омӯзиши масъалаҳои таҳқиқшаванда, вобастагӣ, робитаи мутақобила ва мавҷуд будани падидаҳои дар рушдбударо таъмин менамояд. Дар кори таҳқиқот бо ёрии методҳо ва равишҳои илмӣ, як

қатор муносибатҳо ба предмети таҳқиқот, аз ҷумла: навгонии илмӣ, таҳлилу хулосанамоӣ, эконометрика, тасвирҳои графикӣ, муқоисанамоӣ ва амсоли инҳо амалӣ карда шудааст.

**Сарчашмаи асосии маълумот.** Пояи иттилоотии таҳқиқотро санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои таҳлилию омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, блютенҳои Бонки миллии Тоҷикистон, маводҳои нашрии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумотҳои баҳисобгирии шумораи андозсупорандагон, маводи чопӣ ва электронӣ, маводи конфронсҳои илмӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия солҳои 2020 – 2023 дар Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз асосноккунии таҳқиқи назариявию институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз, раванди ташаккули механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ва дар ин замина таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷети давлат иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд:

1. Дар асоси омӯзиши назарияҳои мухталифи олимони соҳаи иқттисод назарияи асоснокнамудаи худи маллиф оид ба мафҳуми «маъмурикунонии андоз», пешниҳод гардидааст. Ҳангоми таҳқиқи асосҳои институтсионалии рушди маъмурикунонии андоз муайян гардид, ки таъмини шаффофияти ҷараёни андоз вобаста ба ташкил ва такмили сохтори мақомоти андоз, такмили низоми қонунгузорӣ дар соҳаи андоз ва танзими давлатии сохтори институтсионалии андоз иборат мебошад.

2. Дар асоси таҳқиқи методии маъмурикунонии андоз, механизми мукаммали андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ арзёбӣ гардид, ки

тарзу усулҳои ташкили раванди банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андозро дар бар мегирад.

3. Дар асоси таҷрибаи хориҷӣ маълум гардид, ки раванди омӯзиш ва амалишавии механизмҳои маъмурикунонии андоз вобаста ба хусусияти андозбандӣ ва саҳми худи давлат ҳангоми риояи моделҳои пешқадами низоми андози давлатҳои хориҷӣ басо муҳим аст. Механизмҳои навоваронае, ки дар кишварҳои хориҷӣ истифода мешаванд, метавонанд дар низоми андози давлати мо татбиқ шаванд. Чунин технологияҳои пешрафта, аз қабили blockchain, зеҳни сунъӣ, Интернети босуръат, ҳисоббарории квантӣ, big- дата ва ғайра дохил мешаванд.

4. Ҳолати муосири рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мавриди таҳлил қарор гирифт, ки зимни он тасдиқи маълумотҳо оиди баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, беҳтар намудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, назорати истифодаи имтиёзҳои андозӣ ва дигар самтҳои афзалиятдоштаи рушди маъмурикунонии андоз муайян гардид.

5. Арзёбии мушкилотҳо ва раванди вусъатдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар диссертатсия таҷдиди назар гардида, оид ба сифати хизамарасониҳо ва раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки барои расидан ба ҳалли вазифаҳо ва мақсадҳои рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт нигаронкунанда аст, мавриди таҳлил қарор гирифта шуд.

6. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бо истифода аз моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ, моделҳои коррелятсионӣ ва регрессионӣ, таъминоти риёзӣ ва барномавии пешгуикунии омории воридоти маблағҳои андоз, ки натиҷаҳои муҳимтарини нишондиҳандаҳои босамари маъмурикунонии андоз, аз ҷумла ҳолати истифодаи технологияҳои рақамӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, таъмини ҳамгироии иттилоотӣ, роҳандозӣ намудани тартиби истифодаи меъёрҳои андоз, ҳавасмандгардонии фаъолияти

соҳибкорӣ ва дар ин замина рушди низоми андози мамлакат бо мақсади таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷети давлат, ки раванди такмили маъмурикунонии андозро таъмин менамояд, муайян гардидааст.

**Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:**

- таҳқиқи назариявӣ ва институтсионалии маъмурикунонии андоз;
- арзёбӣ намудани механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт;
- хусусиятҳои маъмурикунонии андоз вобаста ба таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ;
- таҳлил ва арзёбӣ намудани нишондиҳандаҳои афзалиятноки маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ;
- вазъи мушкилотҳои ҷойдоштаи раванди маъмурикунонии андоз ва тавсияҳо барои беҳтарнамоии сифати нишондиҳандаҳои афзалиятноки маъмурикунонии андоз;
- такмили раванди маъмурикунонии андоз ва таҳияи модели экометрикии дурнамои воридотҳои андоз дар низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот шакли гузориши илмӣ ва тавсиявӣ дошта, омӯзишу таҳлили асосҳои назариявӣ-методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба аҳамият ва ҷанбаҳои гуногуни низоми муносибатҳои андозбандӣ ва рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт фаро гирифтааст. Натиҷаҳои бадастомада, дар хусуси мавзӯи мазкур, минбаъд механизми самараноки маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои электронии андозсупорандагонро такмил медиҳанд. Тавсияҳои амалӣ, усулҳои методии дар диссертатсия дарҷёфтаро ҳангоми таҳлили барномаҳои қабулкулгардида оид ба коҳиш додани шаклу усуҳои анъанавии идоракунии андоз ва дар ин замина фароҳам овардани хизматрасониҳои электрониро ба андозсупорандагон истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.** Эътимоднокии натиҷаҳои ба дастомада бо гузаронидани таҷрибаҳо ва истифодаи усулҳои

махсус дар ҷараёни гузаронидани таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот арзёбӣ гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти анҷомдодашуда доир ба масъалаҳои такмили маъмурикунонии андоз бо истифода аз маълумотҳои аҳамияти илмию амалӣ доштаи соҳавӣ асоснок карда шудаанд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи соҳаи таҳқиқот.** Таҳқиқоти мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, мувофиқат мекунанд: 1.1. Равандҳои методологию сохтории ташаккули системаи молиявӣ; 1.3. Назария ва методологияи таъсири системаи молиявӣ дар рушди иқтисодиёт; 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андоз дар бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи танзими системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти системаи андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Дигаргунсозии системаи буҷетию андозӣ дар давраҳои гуногуни рушди иқтисодиёт:афзорҳо ва амсилаҳои мувофиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва методҳои заминавии андозбандии субъектҳоихоҷагидор; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот.** Дар таҳқиқот саҳми шахсии муаллиф аз коркарди тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ оид ба такмилдиҳии маъмурикунонии андоз бо назардошти хусусиятҳои соҳа иборат буда, дар асоси омӯзиш ва таҳлили пайдарҳамии мантиқии диссертатсия аз ҷумла таърифи муаллифии «маъмурикунонии андоз», шаклҳои идоракунии механизми маъмурикунонии андоз, таҳияи мадели рушди маъмурикунонии андоз дар асоси арзёбии таҷрибаҳои хориҷӣ, тартиби инъикоси амалиётҳо оид ба ҳалли мушкилотҳо дар соҳаи андоз, модели вобастагии нишондиҳандаҳои омилӣ, баҳогузории нишондиҳандаҳо ва тавсияю

пешниҳодҳои оид ба беҳтар намудани низоми маъмурикунонии андоз кор карда баромада шудааст.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва нуқтаҳои муҳими дар таҳқиқоти диссесртатсия бадаст омада, аз ҷониби довталаб дар конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои ҳарсолаи ҳайати профессорону устодон ва кормандони илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2020-2024) мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Нуқтаҳои муҳими таҳқиқоти диссертасионӣ дар конференсияи байналмиллалии илмию амалӣ, ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ ва семинарҳои илмию амалӣ натиҷагирӣ гардидаанд. Инчунин мақолаҳои илмии довталаб дар паёмҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2023, вобаста ба самти кори илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Натиҷаи илмии таҳқиқи диссертатсионӣ дар ҷараёни таълимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми тадриси фанҳои «Андоз ва андозбандӣ», «Назария ва таърихи андоз», «Менеҷмент ва маъмурикунонии андоз», «Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Назорати андоз» (маълумотномаи № 441/11 аз 20.11.2023 сол) ва дар амалияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (маълумотномаи № 20222/11.1 аз 24.11.2023 сол) тавсия карда шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 29 таълифоти илмии муаллиф бо ҳаҷми умумии 15,7 ҷ.ч., аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳо ва нашрияҳое, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба нашр расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар 189 саҳифаи матни чопии компютерӣ навишта шуда, шомили 19 ҷадвал ва 10 расм мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ

## 1.1. Таҳқиқи назарияи рушди маъмурикунонии андоз

Омӯзиши масъалаҳои андозбандӣ зарурияти объективӣ дошта, ҳамеша давлат барои таъминоти вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба такмили низоми андоз рӯ меорад. Зеро, раванди такмили низоми андоз беҳтар намудани шароитҳоро таъмин намуда, андешидани як зумра ислоҳотҳоро дар низоми қонунгузорӣ, тартиби соддагардонии расмиёти андозбандиро ба вуҷуд меорад. Такмили низоми идоракунии андоз ҳамеша ба омӯзиши масъалаҳои андозбандӣ ва ислоҳот ба низоми қонунгузории андоз асос меёбад, ки ҳангоми таҳқиқи назариявӣ ба консепсия ва таҳқиқоти олимони гузашта такя менамоем. Ҳамзамон, саҳми олимони тоҷик Н.Тӯсӣ, С.Айнӣ, Б. Ғафуров дар масъалаи асоҳои ташкили муносибатҳои андозбандӣ назаррас арзёбӣ мегардад. Муҳаққиқи асри XIII, файласуф, олими форсу тоҷик Н.Тӯсӣ дар асари худ “Дар бораи молиёт” оид ба нигаҳдории молиёти халқи тоҷик барои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳои гуногун, ки дар шакли молию пулӣ пардохт мекарданд, андешаронӣ намудааст. Агар мо ба таърих ва гузаштагони худ назар намоем, муайян гардидааст, ки қабл аз пайдоиши тангаҳои тиллою нуқра дар асрҳои X-XII ҳанӯз барои пойдории давлат намудҳои андоз бо номи “сардарахт”, “ушр”, ки даҳяку бистяк ва ё ин ки бо номи “дудӣ”, яъне ба таъбири имрӯза: андоз барои экология, ситонида мешуд. Дар баробари ин, андозҳо хусуссиятҳои фарққунандаи инфиродӣ ва умумӣ доштанд, ҳамчунин вобаста ба афзалиятнокиашон номгӯи андозҳо фарқ мекарданд. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи низоми андози он замон ин набудани андоз ба сари ҳар як шахс мебошад. Насируддини Тӯсӣ дар рисолаи худ «Дар бораи молиёт» қайд намудааст: «Андоз аз ҳар як сар аҳолӣ пештар гирифта намешуд. Ин навъи андоз баъдтар маъмул гардид»[3] Ин олими маъруф гарчанде ки фаъолияти пурсамари худро ба эҷодиёти асарҳои

[3] Гулов, Ш. М. Назария ва таърихи андозбандӣ: Васоити таълимӣ / Ш. М. Гулов. – Душанбе: Нушбод, 2022. – С – 200. – ISBN 978-99985—3643-2.

насрӣ бахшида бошад ҳам, вале вобаста ба мавҷудияти андозҳо, шакл ва тартиби рӯёнидани андозҳо дар таҳқиқотяшон овардааст.

Низоми иқтисодии хоҷагидорӣ дар Аморати Бухоро аз ҳисоби амлокдорон ва заминдорон бештар ба роҳ монда шуда буд, зеро дар ин давра Аморати Бухоро яке аз мамалакатҳои аграрӣ маҳсуб меёфт, зиёда аз 90%-и аҳолии он дар деҳотҳо мезистанд ва асоси иқтисодиёти мамлакатро низ маҳсулоти хоҷагии маҳаллӣ ташкил мекард. Аммо, низоми идоракунии хоҷагии халқ дар шароити ниҳоят вазнин мавҷуд буд. Тавре аз андешаронии М.М. Ҳомидова бармеояд, пас аз ҳамлаҳои пайгиронаи Россия  ва дар охир забт намудани Осиёи Миёна тамоми доираҳои муомилоти молию пулӣ ба бозори умумироссиягӣ ворид карда шуд. Дар ин марҳилаҳо корхонаҳои саноатӣ ва ташкилотҳои бонкӣ ба вуҷуд омаданд, ҳамчунин барои робитаҳои васеъи низоми ҳамкориҳои иқтисодӣ хатти роҳи оҳан сохта шуд. Дар маҷмуъ, ба хоҷагии маҳалҳо тағйиротҳои зиёди истеҳсолӣ ба назаррас расиданд, ки боиси истеҳсоли маҳсулотҳои нави хоҷагиҳо гардид. Манбаи воридоти иқтисодии Аморати Бухоро аз ҳисоби хироҷ (андоз) ва закот вобаста буд, ки Садриддин Айнӣ дар ҳошияи асарҳои таърихии худ зиёда аз 100 номгӯи андозҳоро замони аморати Бухороро муайян намудааст. Бештари андозҳо аз заминҳои корам гирифта шуда, закот аз ҳисоби тиҷорати дохилӣ ва хориҷӣ гирифта мешуд[4]

Умуман, муносибатҳои андозӣ дар ҳолат ва ҳаракати шахс вобаста буда, онро давлат вобаста ба мувозинати иқтисодӣ ба танзим медарорад. Ҳамин тавр, муносибатҳои андозӣ дар якҷоягӣ ҳамроҳи давлат ба вуҷуд омада, ба инкишофи низоми молиякунонии давлат мусоидат менамуд. Дигаргуншавии сохтори давлат, ба дигаргуншавии сохтори низоми андоз таъсир мерасонад. Агар ба китоби академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон», ки соли 1972 аз чоп баромад, таваҷҷуҳ намоем, анъанаҳои андозбандӣ ва давлатдории ҳокимони замони гузаштаи халқи тоҷик то замони зиндагии ӯро

---

[4] Ҳомидова М.М. «Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро» - и Садриддин айнӣ– ҳамчун сарчашмаи таърихӣ: Диссертатсия/  М.М. Ҳомидова. – Душанбе. – С. 177

дар бар мегирифт. Қаҳрамони халқи тоҷик, академик Бобоҷон Ғафуров барои таълифи китоби «Тоҷикон», ки чун шиносномаи халқи тоҷик дониста мешавад, заҳматҳои зиёд кашидааст[5].

Гузаштан ба иқтисоди бозорӣ дар низоми муносибатҳои андозӣ якбора тағйироти зиёдро ба вуҷуд овард, чунки нақш ва аҳамияти андоз нисбат ба давраи низоми нақшавию маъмурӣ дар ҷамъият зиёд гардид. Зарурияти идоракунӣ ва такмили қонунгузорӣ ҳамчун фишанги самарабахши танзими давлатӣ табдил ёфт. Иқтисодчии тоҷик Т.С. Исломов қайд мекунад, ки «мутобиқ гардидани низоми миллии андоз ба шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ, таҳкими самти иҷтимоии он, таъмини ҳамоҳангсозии манфиатҳои давлат ва андозсупорандагон, истифодаи андозҳо дар ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар кишвар муҳимтарин афзалиятҳои сиёсати андозбандӣ дар кишвари мо гардид»[6]. Рушди низоми андоз бо дигар гардидани шароитҳои иқтисодии давлат муҳим арзёбӣ мегардад, зеро дар натиҷаи дуруст таъмин намудани сиёсати андозӣ дар кишвар раванди барқароркунӣ ва бунёди низоми миллии андоз ба вуҷуд меояд, ки барои беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад.

Дар асоси таҳқиқи назариявӣ ва методологии рушди низоми андоз маълум гардид, ки ташаккул ва рушди низоми давлатдорӣ дар заминаи ташкили низоми молиявию андозӣ арзи вуҷуд намуда, назарияи илмии А.Смит оид ба мавқеи мақоми андоз дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ чунин маънидод гардидааст. «...барои аз зинаи пастарин ба зинаи баланд расонидани вазифаҳои давлат, танҳо се шарт лозим аст: якум – сулҳи дохилӣ ва берунӣ, дуюм – таҳаммулпазирӣ дар ҳукумат ва сеюм – андозбандии оқилона. Дар заминаи иҷрои ҳамин шартҳо, дигар равандҳо ба таври табиӣ

[5] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадим, асри миёна ва давраи нав. Китоби 1,2. – Душанбе, 2008.– 870 с. Муаллифи китоб - академики Академияи илмҳои ИҶШС Бобоҷон Ғафуров.

[6] Исломов Т.С. История становления и развития национальной налоговой системы Республики Таджикистан: Диссертатсия/ С.Т. Исломов/ Душанбе – 2007, стр. 155

роҳи ҳалли худро меёбанд...»[7]. Бо ибораи дигар истилоҳи низоми андоз ба мустақилияти низоми давлатдорӣ алоқаманд буда, барои амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва самтҳои афзалиятноки сиёсти давлатдорӣ мусоидат менамояд, яъне барои барпо намудани низоми андози мустақил, бояд давлати соҳибистиқлол сохта шавад, ки сиёсати давлатдорӣ дар арсаи байналмилалӣ эътироф гардад.

У. Петти дар асари худ «Рисола оид ба андозу пардохтҳо» чунин қайд менамояд, ки «...низоми андоз на аз рӯйи аломатҳои зоҳирӣ, балки моҳияти он дар пайдо гардидани муносибатҳои хос бо равандҳои иқтисодӣ, зери табиати иқтисодии андоз мавҷуд будани омилҳои пинҳонӣ ва оқибатҳои он ва пул ҳамчун манбаи асосии боигарии давлат ниҳон мебошад...»[8].

Марҳила ба марҳила дигар шудани равандҳои иқтисодӣ боиси тағйирёбии низоми муносибатҳои андозбандӣ мегарданд. Масалан, аломати зоҳирии андоз аз даромадро назар намоем, дар маҷмуъ сухан дар бораи сарчашмаҳои даромад меравад, аммо сарчашмаҳои даромад тағйирёбанда ва ҷойивазкунанда буда метавонанд. Бузургии мактаби У. Петти ҳамин аст, ки дар ташаккули низоми андоз ва ҷудокунии аломатҳои таркибӣ, ки хусусияти ғайриистеҳсолӣ доранд, дар низоми маъмурикунонии андоз айни ҳол ба назар мерасанд.

Андоз қисмии марказонидашудаи муносибатҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, он ба ташаккулёбии фондҳои марказонидаи маблағҳои пулии давлат, яъне фондҳои буҷети давлат ва фонди мақсадноки давлатӣ нигаронида шудааст. Андоз хусусияти иқтисодӣ дошта, асоси онро муносибатҳои пулӣ ташкил медиҳад. Дар ҳама давру замон андоз ҳамчун муносибати омирона байни истеҳсолкунандагон, тоҷирон, кишоварзон, чорводорон, савдогарон, заминдорон, истеъмолкунандагон ва давлат мавҷуд буд.

Дар ташаккули низоми андоз ва маъмурикунони андоз саҳми А.Б.

---

[7] А. Смит. "Исследование о природе и причинах богатства народов", (англ. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations), -1776 г. (https://ru.wikipedia.org).

[8] Петти У. Экономические и статистические работы: монография. -М.: Соцэкгиз, 1940. – 324 с. – С. 156.

Лаффер дар назарияи арза ва тақозо бениҳоят назаррас аст. Мо каҷхатаи А.Б. Лаффер- ро дар муайян гардидани алоқамандии байни низоми андоз ва даромади буҷети давлат мебинем. Тибқи назарияи ӯ «Иқтисоди пинҳонӣ таъсири баръакс ба низоми андоз дорад, яъне зиёд гардидани меъёри андозҳо доираи иқтисоди пинҳониро меафзояд, ба канораҷӯи аз андозҳо мусоидат менамояд ва дар чунин маврид қисмати зиёди даромадҳо аз мадди назар дур мемонанд, эъломия карда намешаванд. Дар ҳолати меъёри андозҳоро паст намудан, иқтисодиёт ҳавасманд мегарданд ва рушд меёбад. Чунин ҳолат ба он оварда мерасонад, ки даромадҳои давлат на аз ҳисоби баланд бардоштани меъёрҳои андозҳо, балки аз ҳисоби зиёд гардидани манбаъҳои андозбандӣ меафзоянд»[9]. Хизмати бузурги А.Б. Лаффер дар назарияи пешниҳоднамудааш аз он иборат мебошад, ки воқеан вобастагии нишондиҳандаҳои овардашуда дар амалия на танҳо ба ташаккули низоми андоз ва рушди маъмурикунонии андоз, балки ба дигар соҳаҳои иқтисодии кишвар алоқаманд мебошанд.

Дар шароити танзими муносибатҳои бозорӣ саҳми олимони ватанӣ вобаста ба такмили низоми миллии андоз хело зиёд гардидааст, ба андешаи олими тоҷик И.Р. Иброҳимов «тавассути зиёд намудани сарчашмаҳои ғайриандозии даромади буҷет (соҳибкории давлатӣ ва ғайраҳо), боиси кам гардидани гаронии андоз дар низоми андоз мегардад»[10]. Дар солҳои 1991-2000 ҳаҷми воридотҳои андоз ба буҷети кишвар аз 90 фоиз зиёд таъмин мегардид. Дар амалияи андозбандии низоми муносибатҳои андоз, солҳои охир зимни таҳқиқоти илмӣ ва такмил додани низоми қонунгузории андоз, кам гардидани сарбории андоз ба буҷети давлат яке афзалиятҳои асосии Стратегияи давлатӣ буда, бахри саривақт ворид гардидани андозҳо ва баланд гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз равона гардидааст.

---

[9] Лаффера, А.Б. Экономическая теория предложения. Махзани электронӣ: https://lektsii.net/3-174227.html .

[10] Иброхимов И.Р. Пути совершенствования налогово-бюджетной политики Таджикистана: монография/ - Душанбе. – Ирфон, 2004. – 51с. – С. 45.

Идоракунии низоми андоз барои ҳар як давлат бо мақсади ғанӣ гардонидани фондҳои пулии марказонидашудаи давлатӣ муҳим буда, андешидани тадбирҳои расмиёти қонунгузорӣ ва маъмурикунонии андоз дар фаъолияти мақомоти андоз алоқамандии хизматрасонии мақомоти андозро ҷиҳати таъмини пардохти андозҳо ба хазинаи давлат таъмин менамояд, ки шакли таъмин гардидани онро дар ҷадвали 1.1.1. мушоҳида менамоем.

**Ҷадвали 1.1.1. – Алоқамандии расмиёти қонунгузорӣ ва маъмурикунонии андоз***

| Расмиёти қонунгузорӣ: | Расмиёти маъмурикунонӣ: |
|---|---|
| Таҳияи стратегия ва барномаҳои амалишанванда дар рушди фаъолияти мақомоти андоз; | Марҳилаҳои амалишавии стратегая ва барномаҳо дар асоси ҷустуҷӯи омилҳои гуногуни иқтисодӣ; |
| Таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав; | Анҷом додани корҳои машваратӣ дар доираи амаликунии Кодекси андози қабулгардида; |
| Таҳияти дастурамалҳо оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳо; | Андешидани тадбирҳо оид ба риояи меъёрҳои пардохти андоз ва тартиби пешниҳоди ҳисоботҳои андоз; |
| Қабули қарорҳои идоракунӣ дар самти рушди маъмурикунонии андоз. | Таъмини самаранокии иҷрои қарорҳои қабулгардида дар самти беҳтар гардонидани робитаҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. https://andoz.tj/

Дар идоранамоии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон амалинамоии механизми маъмурикунонии андоз яке аз масъалаҳои муҳим (актуалӣ) ба ҳисоб рафта, бо мақсади самарабахш гардонидани сиёсати андозии давлат чораҳо андешида мешаванд. Мубрамияти маъмурикунонии андоз дар мавзуи таҳқиқгардида оид ба ҷорӣ намудани якчанд силсила татбиқи хизматрасониҳои электронӣ бо андозсупорандагон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ асоснок карда шудааст. Ҷорӣ гардидани расмиёти маъмурикунонии андоз ба расмиёти қонунгузории андоз асос меёбад, чунки ҳар як давлат маҷмуи вазифаҳои муайяннамудаи фаъолияти мақомоти андозро тибқи талаботҳои қонунгузории андоз маъмурӣ гардонида, бо ин восита механизми идоракунии низоми андозро мукаммал менамоянд.

Вақтҳои охир истифодаи мафҳуми «маъмурият ё маъмурикунонӣ» дар тамоми самтҳои идоракунии соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва хизматрасониҳо хусусияти объективии худро муайян намудааст. Ба вуҷуд омадани мақом ва функсияҳои маъмурикунонии андоз дар доираи амалӣ гардидани дастуру фармонҳо ва қарорҳои идоракунӣ дар соҳаи андоз, аз нуқтаи назари иқтисодчиён хусусияти идоравӣ пайдо намудааст. Дар таҷрибаи андозбандӣ таърифи ягонаи маъмурикунонии андоз аз тарафи олимон муайян карда нашудааст, ки истифодаи он хусусияти оммавӣ пайдо карда бошад. Аз ин лиҳоз маъмурикунонии андоз ба мисли дарахтест, ки марҳилаҳои инкишофро интизор аст. Дар таҳқиқоти илмии олимон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оиди мафҳуми маъмурикунонии андоз назарияҳои зиёдро дидан мумкин аст, ки метавонем қисме аз тафсири гуногунҷанбаи ин мафҳумро пайдо намоем.

Раванди омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷониба оиди мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дар шароити иқтисоди бозорӣ пайдо гардидааст. Шарҳи мухтасари он дар адабиёт ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ хеле гуногунҷабҳа ба назар мерасанд. Аксари олимоне, ки ба маъмурикунонии андоз назар мекунанд, ба мавҷудияти назорати андоз дар сохтори он ишора мекунанд. Объекти маъмурикунонии андоз ташкили ҷараёнҳои андоз мебошад, яъне муносибат бо андоз чӣ тавр ба роҳ монда мешавад. Азбаски дар хусуси муносибат бо андоз ё ихтиёран таъмин гардидани уҳдадории андоз, дар таҳқиқоти илмӣ мафҳумҳои иқтисодӣ зиёд истифода шудаанд, аммо онҳо мазмуни ягонаи маъмурикунонии андозро ошкор намекунанд. Тибқи пешниҳоди В.И. Майоров «маъмурикунонии андоз ҳамчун шакли идоракунии муносибатҳои ҳуқуқии андоз муайян гардидааст»[11].

Ташкил ва назорати муносибатҳои ҳуқуқии андоз ба объекти маъмурикунонии андоз алоқаманд мебошад, чунки манбаи ғанӣ гардонидани сарчашмаҳои даромади буҷети давлатӣ аз иҷрои уҳдадориҳои андоз вобаста

[11] Майоров, В. И. Налоговое администрирование в Российской Федерации: организационно-правовые проблемы /В.И.Майоров // Социально-политические науки – 2017. – № 3. – С. 89 – 91.

мебошад. Умуман, зери мафҳуми «маъмурикунӣ» олимон зиёд таваҷҷуҳ намудаанд, вале истифодаи ин мафҳум хеле таҷрибаи камро соҳиб аст. Мафҳуми маъмурикунонӣ дар таҳқиқоти илмии олими рус В.И. Майоров оварда шудааст, ки «маъмурикунонӣ аз калимаи лотинии “administration” гирифташуда, маънои роҳбарӣ ё идоракуниро дорад»[12].

Муайянкунии мафҳуми «tax administration», ки ба фаъолияти мақомоти андоз инъикос меёбад, минбаъд ба раванди ҳамаҷонибаи омӯзиши маъмурикунонии андоз ҷиҳати беҳтар гардидани муносибатҳои андозбандӣ мусоидат намуд.

Маъмурикунонии андоз, ин тартиби махсуси ташкили ҷараёнҳои андозбандӣ ба ҳисоб меравад, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ зарурияти масъалаҳои такмилдиҳии он аз тарафи як қатор олимони рус, ба монанди: Т.М. Оспанов, В.А. Красницкий, В.П. Кузнецов, В.И. Майоров, Л.Я. Абрамчик, Л.И. Гончаренко, А. В. Грищенко, А.В. Аронов, В. Кашин, Г.А.Артеменко мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд.

Гузариш аз як низом ба сатҳи низоми нав ё сохтани шароитҳои нави иқтисодӣ, ҳангоми омӯзиши категорияҳои молиявӣ дар таҳқиқоти илмӣ мушкилотҳои ҳамаҷонибаро ба миён меорад. Такмил додани низоми маъмурикунонии андоз яке аз афзалиятҳои асосӣ дар Стратегияи давлатӣ ба ҳисоб рафта, омӯзиши ҷанбаҳои назариявию амалии он дар раванди гузариш ба амсилаи нави иқтисодиёт (иқтисоди рақамӣ) тағйиротҳои ҳамаҷонибаро вобаста ба таъмини механизми андозбандӣ, танзими андоз бо восита аз иқтидорҳои иқтисодӣ ва алоқамандии тағйиротҳо дар низоми идоракунии андозро ба вуҷуд меорад.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба мафҳуми маъмурикунонии андоз соли 1997 яке аз аввалинҳо шуда, олими рус Т.М.Оспанов дар асари худ «Ислоҳоти андоз ва ҳамоҳангсозии муносибатҳои андоз» саҳми худро гузоштааст. Ӯ чунин мешуморад, ки «маъмурикунонии андоз дар доираи системаи андоз амалӣ гардида, дорои салоҳиятҳои муайянкардашуда,

ваколатҳои муқаррарнамудаи давлат ва низоми қонунгузории андоз ба ҳисоб меравад, ки ҳисобу китоби мақомоти андоз ва андозсупорандагонро осон менамояд»[13]. Қисми асосии маъмурикунонии андоз ташкили чараёни идоракунии андоз мебошад.

Назарияи пешниҳодгардидаи М.Т.Оспанов дар шароити иқтисодиёти бозорӣ муносиб арзёбӣ гардид, ба он хотире ки дар баробари тадбиқи механизми амалинамоии маъмурикунонии андоз ба роҳ мондани ташкили ҷамъоварии андозҳо, тартиби баҳисобгирии андозҳо, ҷорӣ намудани шаклҳои назорат оид ба тартиби дурст ҳисоб кардан ва сари вақт пардохт намудани андозҳо, иҷрои уҳдадориҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ба роҳ мондани ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оид ба гирифтани натиҷаҳо, инчунин муносибнамоии ҷараёни андозбандӣ байни иштирокчиёни раванди андозбандиро дар бар мегирад.

Ба ин монанд, мавқеи назарияи пешниҳоднамудаи М.Т. Оспановро дар бораи мавҷудияти маъмурикунонии андоз В.А. Красницкий дастгирӣ намуда, ӯ илова менамояд, ки «дар низоми маъмурикунонии андоз ҷараёни идоракунии андоз ҷой дорад, ки он вобаста ба асосҳо, вазифаҳо ва шаклҳои нави идоракунии андоз оид ба ташкили ҷараёни идоракунии қувваҳои истеҳсолкунанда ба вуҷуд меояд»[14].

Инчунин, В.А. Красницкий, дар якҷоягӣ бо И.А. Перонко «маъмурикунонии андозро ҳамчун системаи идоракунии давлатии муносибатҳои андоз ҳамчун назария дар таҳқиқотҳои илмиашон асоснок намуданд»[15].

Дар шароити такмилёбии низоми иқтисодиёти бозорӣ моҳияти маъмурикунонии андоз дар раванди амалишавии фаъолияти мақомоти андоз

[13] Оспанов М. Т. Налоговая реформа и гармонизация налоговых отношений. Издателӣство С.– Петерб. гос. ун-та экономики и финансов, 1997.– Ст. 425 с

[14] Красницкий В. А. Организация налогового администрирования (на примере работы налоговых органов)/ Тема диссертации и автореферата по ВАК РФ 08.00.10, Краснодарского края: Дисс.к.э.н. — Краснодар, 2000. Ст.– 237

[15] Перонко И.А., Красницкий В.А. Налоговое администрирование // Налоговый вестник. – 2000. – № 10. – С. 22.

ҳамчун самти афзалиятнок ба ҳисоб рафта, барои иҷрои қарорҳои идоракунии мақомоти андоз, масъалаҳои зиёдро ба вуҷуд овард. Дар самти иҷрои қарорҳои идоракунӣ олими рус Л.И. Гончаренко ба таҳқиқотҳои илмиаш ба масъалаи амалӣ гардидани маъмурикунонии андоз аз ҷониби мақомоти андоз таваҷҷуҳ зоҳир намуда, пешниҳод намуд, ки «минбаъд ҷорӣ намудани мониторинг имконят медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ оид ба нигоҳдорӣ ва рушди низоми андоз дар маҷмуъ аз тарафи мақомоти андоз ҳамчун як ҷузъи маъмурикунонии андоз қабул карда шаванд»[16].

Бо мурури замон дар системаи идоракунии андоз назарарияҳои гуногун оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз ба назар расиданд. Аз назарияи пешниҳоднамудаи Л.И. Гончаренко бармеояд, ки ҷорӣ гардидани маниторинг дар низоми идоракунии андоз коҳишёбии шаклу усулҳои назорати андозро таъмин намуда, ба ин восита таъминоти иттилоотиро вобаста ба самти муаяйннамудаи қонун дар тамоми сатҳҳои маъмурикунонии андоз таъмин менамояд.

Грищенко Алексей Валеревич ба таклифҳои Л.И.Гончаренко розӣ шуда[17], ба мафҳуми «маъмурикунонии андоз» пешниҳодҳои худро оид ба мониторинги андоз, таҳия ва арзёбии пешниҳодҳо оид ба ислоҳоти қонунгузории андоз илова намуд[18].

Маъмурикунонии андоз ҳамчун қисми таркибии низоми идоракунии андоз ба татбиқи чораҳои назоратӣ ва идоравии фаъолияти мақомоти андоз нигаронида шудааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки маъмурикунонии андоз воситаҳои махсуси идоракуниро бо истифода аз усулҳои маҷбурӣ (маъмурӣ) ё таҳдиди истифодаи ҷарима, ҳабси суратҳисобҳои бонкӣ, амволи дигари андозсупоранда ва ғайра таъмин менамояд. Аз ин рӯ, маъмурикунонии андоз

---

[16] Гончаренко, Л.И. Налоговое администрирование: дискуссионные вопросы понятийного аппарата. Вопросы теории и практики налогообложения: Финансовая академия при Правительстве РФ, кафедра «Налоги и налогообложение». – 2005. – С. 3 – 7.

[17] Гончаренко Л. И. К вопросу о понятийном аппарате налогового администрирования // Налоги и налогообложение. 2010. № 2.

[18] Грищенко А. В. Налоговое администрирование/ К.вопросу о понятийном аппарате налогового администрирования// Изд. Известия Ургей• 7 (133) • 2015. Стр. 32-37

ин раванди ситонидани андоз ва ба вуҷуд омадани муносибатҳои андоз байни кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон оид ба муносибатҳои истеҳсолӣ ва дигар шаклҳои идоракунӣ мебошад. Тавре маълум мегардад, маъмурикунонии андоз муносибатҳои омиронаи давлат ва андозсупорандаро дар бар мегирад ва андозсупоранда дар ин муносибат нақши асосии объективиро мебозад.

Доир ба нақши маъмурикунонии андоз ва татбиқи сиёсати андоз, саҳми Г.А. Артеменко аз он иборат аст, ки «низоми маъмурикунонии андозро маҷмуи тадбирҳои аз чиҳати илмӣ асоснок намудаи давлат буда, бо мақсади беҳтар гардидани самаранокии самтҳои стратегии рушди таъминоти хазинавӣ ва танзими муносибатҳои андозбандӣ мусоидат менамояд»[19]. Хулоса баровардан мумкин аст, ки маъмурикунонии андоз ин татбиқи маҷмуи тадбирҳои давлатӣ дар самтҳои стратегияи рушди низоми молиявӣ ва танзими муносибатҳои андозӣ мебошад. Тибқи консепсияи пешниҳоднамудаи Г.А. Артеменко татбиқи амсилаи маъмурикунонии андоз ҳамбастагии ду равиши ҷараёни идоракунии низоми андозро муайян менамояд, ки он равиши субъективӣ ва объективӣ мебошад. Дар равиши субъективӣ татбиқи тадбирҳо ва расмиёти назорат аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ гардида, дар равиши объективӣ ҳамгироии маъмурикунонии андоз ба раванди амалинамоии ҷараёнҳои андоз ба инобат гирифта мешавад.

Воқеан, татбиқи чораҳо ҷиҳати амалӣ гардидани дастуру фармонҳо, қарорҳо ва иҷрои қонунгузории андоз дар ҳар ду самти равиш ҳамбастагӣ доранд. Маъмурикунонии андоз ҷузъи муайянкунандаи идоракунии низоми андоз ва унсурҳои таркибии ин низом мебошад.

Маънидод гардидани маъмурикунонии андоз ҳамчун низоми босуръат инкишофёбанда дар низоми идоракунии муносибатҳои андозӣ асоси воқеӣ пайдо намуда, бо қабул гардидани як қатор барномаҳои стратегӣ ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба вуҷуд овард. Маъмурикунонии андоз дар фаъолияти ҳамарӯзаи

---

[19] Артеменко Г. А. Совершенствование системы налогового администрирования в России.

мақомоти андоз нақш ва аҳаммияти худро пайдо намудааст, ки доир ба механизми рушди низоми маъмурикунонии андоз саҳми олимону мутахассисон назаррас мебошанд. Дар натиҷаи муқоиса ва таҳлилҳо мушоҳида гардид, ки назарияи олимон ва мутахассисон дар рушди механизми маъмурикунонии андоз идома ёфта, дар он саҳми олимон чунин ба назар мерасанд (нигаред ба ҷадвали 1.1.2).

**Ҷадвали 1.1.2. – Таҳқиқи назариявии маъмурикунонии андоз***

| Р/т | Маллифон | Назарияҳо |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| **1.** | В.И. Майоров | «Худи калимаи “маъмурикунонӣ” аз калимаи лотинии “administration” гирифташуда, маънои роҳбарӣ ё идоракуниро дорад**.** Маъмурикунонии андоз ҳамчун шакли идоракунии муносибатҳои ҳуқуқии андоз муайян карда шавад»[20]. |
| **2.** | В.А.Красницкий ва И.А. Перонко | «Маъмурикунонии андозро ҳамчун системаи идоракунии давлатии муносибатҳои андоз мебошад»[21]. |
| 3. | Т.М.Оспанов | «Маъмурикунонии андоз дар доираи системаи андоз амалӣ гардида, дорои салоҳиятҳои муайянкардашуда, ваколатҳои муқаррарнамудаи давлат ва низоми қонунгузории андоз ба ҳисоб меравад, ки ҳисобу китоби мақомоти андоз ва андозсупорандагонро осон менамояд»[22]. |
| 4. | В.А.Красницкий | «Низоми маъмурикунонии андоз дар ҷараёни идоракунии андоз ҷой дорад, аммо вобаста ба он асосҳо, вазифаҳо ва шаклҳои нави идоракунии андозро оид ба ташкили ҷараёни идоракунии қувваҳои истеҳсолкунанда ба вуҷуд меоранд»[23]. |

[20] Майоров, В. И. Налоговое администрирование в Российской Федерации: организационно-правовые проблемы /В.И.Майоров // Социально-политические науки – 2017. – № 3. – С. 89 – 91.
[21] Перонко И.А., Красницкий В.А. Налоговое администрирование // Налоговый вестник. – 2000. – № 10. – С. 22.
[22] Оспанов М. Т. Налоговая реформа и гармонизация налоговых отношений. Издателӣство С.– Петерб. гос. унта экономики и финансов, 1997. Ст. – 425 с
[23] Красницкий В. А. Организация налогового администрирования (на примере работы налоговых органов)/ Тема диссертации и автореферата по ВАК РФ 08.00.10, Краснодарского края: Дисс.к.э.н. — Краснодар, 2000. Ст.– 237

**Давоми ҷадвали 1.1.2.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 5. | В.П.Кузнецов | «Маъмурикунонии андоз ин фаъолияти доимии мунтазам ва мақсадноки мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо, ки ба таъмини риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асос ёфта, ҷиҳати сари вақт ва пурра аз ҷониби андозсупорандагон пардохтани андозҳо ва дигар пардохтҳо нигаронида шудааст»[24]. |
| 6. | Л.Я. Абрамчик | Маъмурикунонии андоз ба маънои маҳдуд ва васеъ:<br>– «ба маънои маҳдуд, ин фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти андоз ва шахсони мансабдори онҳо ҷиҳати таъмини сари вақт ва пурраи воридоти андозҳо, боҷҳо ва дигар ухдадориҳо мебошад;<br>– ба маънои васеъ ин як механизми идоракунӣ дар соҳаи андоз мебошад»[25]. |
| 7. | Л.И. Гончаренко | «Маъмурикунонии андоз – ин раванди аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ гардида, минбаъд ҷори намудани мониторинг имконият медиҳад, ки қарорҳои идоракунӣ оид ба нигоҳдорӣ ва рушди низоми андоз дар маҷмуъ аз тарафи мақомоти андоз ҳамчун як ҷузъи маъмурикунонии қабул карда шаванд»[26]. |
| 8. | А. В. Грищенко дар асоси назарияи Л.И.Гончаренко | «Мафҳуми низоми идоракунии андоз характери маъмурию ҳуқуқӣ пайдо менамояд,ки он на танҳо ба муносибатҳои ҳуқуқии андоз хос аст, балки ба татбиқи сиёсати пешгирифтаи мақомоти андоз алоқаманд мебошад»[27]. |
| 10. | Г.А.Артеменко | «Низоми идоракунии андозро маҷмуи тадбирҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокнамудаи давлат, ки он бо мақсади татбиқи самаранокии самтҳои стратегии рушди таъминоти хазинавӣ ва танзими муносибатҳои андозбандӣ чораҳо андешида мешавад, ташкил медиҳанд»[28]. |

[24] Керимова Амина Агаларовна, Омарова Ольга Федоровна Теоретические аспекты налогового администрирования деятельности кредитных учреждений// РППЭ. 2011. №1. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/teoreticheskie-aspekty-nalogovogo-administrirovaniya-deyatelnosti-kreditnyh uchrezhdeniy (дата обращения: 26.03.2024).
[25] Байтеряков Р.Э. Понятие налогового администрирования в административном праве // Финансовое право и управление. 2016. № 2. С. 124-128. URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=67897
[26] Гончаренко, Л.И. Налоговое администрирование: дискуссионные вопросы понятийного аппарата. Вопросы теории и практики налогообложения: Финансовая академия при Правительстве РФ, кафедра «Налоги и налогообложение». – 2005. – С. 3 – 7.
[27] Грищенко А. В. Налоговое администрирование/ К.вопросу о понятийном аппарате налогового администрирования// Изд. Известия УрГЕЙ• 7 (133) • 2015. Стр. 32-37
[28] Артеменко Г. А. Совершенствование системы налогового администрирования в России

**Давоми ҷадвали 1.1.2.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 11. | О.А. Миронов ва Ф.Ф. Ханаев | Маъмурикунонии андозро ҳамчун «Низоми босуръат инкишофёбандаи идоракунии муносибатҳои андоз, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти андоз дар шароити иқтисоди бозоргонӣ» арзёбӣ мекунад. Аз нуқтаи назарияи институтсионалӣ «...мафҳуми маъмурикунонии андоз на ҳамчун як категорияи одӣ, балки як институти махсусе мебошад, ки дар он пойгоҳ барои амалӣ намудани сиёсати андозӣ, усулҳо ва меъёри андозбандӣ, идоракунии самараноки кормандони мақомоти андоз, назорату санҷишҳои андозӣ ва уҳдадориҳои андозсупорандагон дар назди мақомоти давлатӣ шароит фароҳам меорад...»[29]. |
| 12. | Улуғхоҷаева, Х.Р.,Ҷураева, М. Н. | «Маъмурикунонии андоз – ин тағийрот дар сиёсати андоз аст, ки барои гузаронидани ислоҳоти низоми андозбандӣ ва беҳтаршавии сифати ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлат ба ҳисоб меравад»[30]. |
| | Солеҳзода А.М. | «Маъмурикунонии андоз дар ду шакл, бо маънои маҳдуд – системаи назорати андоз ва ба ҷавобгарӣ кашидан барои қонунвайронкуниҳои андоз ва бо маънои васеъ – ҳамчун намуди махсуси идоракунии фаъолият, дар ҷараёни идоракунии фаъолияти мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои мансабии онҳо, ки бо роҳи банақшагирӣ амалӣ мегардад, ташкил ва назорат бо мақсади баланд бардоштани ҷамъоварии андозҳо ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомотҳои андоз, зуҳур меёбад»[31]. |
| 13. | Ҷумабоев, Х. Қ. | «Маъмурикунонии андоз – ҳамчун ниҳоди таъмини ҷамъоварии андоз, ҷузъи расмиёти идоракунии низоми андоз дар доираи сиёсати андозӣ, ки муносибатҳои ташкилию ҳуқуқии давлат ва шахсони уҳдадорро ифода менамояд»[32]. |

---

[29] Ханафеев, Ф. Ф. Налоговое администрирование как система управления налоговыми отношениями // Экономические науки. – 2008. -№7 (44). -С. 177. (С. 180-185).
[30] Улугходжаева, Х.Р., Джураева, М.Н. Проблемы совершенствования системы налогообложения в Республике Таджикистан//Вестник ТГНУ.Д., 2010. – № 6 (62). – С. 31.
[31] Солеҳзода А.М. Налоговое адмнистрирование в Республике Таджикистан, / уч. пос.. - Д.2018, с.10.
[32] Ҷумабоев, Х. Қ., Маъмуров А. М. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа //Паёми молия ва иқтисод. -№4 (28). -2021. -С. 91-101.

**Давоми ҷадвали 1.1.2.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 14. | Маъмуров А.М. дар пайгирии андешаи Куклина Т.В. | «Маъмурикунонии андоз амали мақсадноки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии раванди андоз маҳсуб меёбад, ки дар доираи сиёсати давлатии молиявӣ миёни иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқии андоз, аз ҷумла вазифаҳои ҷамъоварии андоз, назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ, баҳисобгирӣ ва кор бо андозсупорандагон ба вуҷуд меояд, ки, самаранокии маъмурикунонии андозро ҳамчун маҷмуи даромади воқеии андозӣ дар буҷети давлат муайян мегардад, ки ҳангоми сарфаҳои аниқ дар амал ба даст омадаанд»[33]. |
| 17. | Муқаррароти моддаи 2 Кодекси андоз | «Маъмурикунонии андоз – маҷмуи чораҳои аз ҷониби мақомоти андоз бо риояи талаботи Кодекси андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалишавандае, ки ба таъмини тадбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои андозӣ, боҷи давлатӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет равона гардидаанд»[34]. |
| 18. | Таҳияи муаллиф | Маъмурикунонии андоз – ин маҷмӯи тадбирҳои амаликунандаи мақомоти андоз буда, таъмини риояи қонунгузории андоз ва мунтазам таъмин намудани шаффофияти воридоти андозро баҳри нигоҳ доштани тавозуни молияи давлатӣ, ки бо дар назардошти пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ва вусъатдиҳии ҳамкориҳои фосилавӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқи назариявии маводҳои илмӣ.

Аз таҳқиқоти назариявии олимони ватанию хориҷӣ бармеояд, ки дар маъмурикунонии андоз мафҳуми ягона вуҷуд надорад, зеро он ҳамчун раванди институтсионалии идоракунӣ, дар заминаи такмили низоми қонунгузории андоз рушд ёфта, тадбирҳои амалишавандаро барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон бо дарназардошти фароҳам гардидани шароит баҳри таъмини шаффофити

[33] Маъмуров А. М. Assessment of the Present Status of Tax Administration at the Regional Level / A. M. Mamurov, S. B. Salomov // Bulletin of TSULBP. Series of Social Sciences. – 2022. – No. 2(91). – P. 82-92. – DOI 10.24412/2411-1945-2022-2-82-92. – EDN

[34] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе аз 23.12.2021 таҳти № 1844. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/Legislation/TaxCode

воридоти андоз мебошад. Дар ташаккули маъмурикунонии андоз саҳми олимони ватанӣ зиёд аст, зеро дар таҷрибаи ҳамарӯзаи фаъолияти мақомоти андоз масъалаи такмили маъмурикунонии андоз ва беҳтар намудани робитаҳои мақомот бо андозсупорандагон ҳамчун самти афзалиятноки асосии Стратегияи давлатӣ дар мадди назари Ҳукумати кишвар қарор дорад.

Назарияҳое, ки аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, дар раванди такмили низоми қонунгузорӣ ва рушди маърукунонии андоз ба таври васеъ мушоҳида мегардад. Саҳми олимоне, ки дар рушди маъмурикунонии андоз, ҷустуҷӯи тарзу усулҳои муосири идоракунии низоми андоз ва тақвияти низоми қонунгузорӣ беандозаанд, ки онҳоро ба таври мушаххас дар таҳқиқоти илмӣ дида баромадем, аз ҷумла оид ба масъалаҳои рушди низоми андозию буҷетӣ, сиёсати андозӣ ва сиёсати пулӣ Б.И. Боймирзоев, Л.Ҳ. Саидмуродов, И.Р. Иброҳимов ва дигарон корҳои таҳқоқотии арзишманд анҷом додаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши назарияи асоснокнамудаи иқтисодчии ватанӣ Б.И. Боймирзоев муайян гардид, ки «ҳал кардани муаммоҳои андозӣ тавассути баҳодиҳии сиёсати иқтисодӣ ғайриимкон аст, зеро он тавассути баҳодиҳии ҷараёнҳои ташаккули қисми даромади буҷет ва қисмати хароҷоти он, аз лиҳози мақсад ва вазифаҳои танзими буҷетии иқтисодиёт муайян кардан мумкин аст»[35]. Муаммоҳои андоз боиси халалдор гардидани сиёсати давлатии андоз мегардад. Бояд қайд намуд, ки заминаи асосии раванди ташаккули идоракунии андоз аз лиҳози мақсад ва вазифаҳои андоз, дар сари вақт андешидани тадбирҳои маъмурӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳқиқоти назариявии Л.Ҳ. Саидмуродов дар шароити ниҳоят мураккаби вазъи иқтисодии кишвар оид ба «масъалаҳои истифодаи таҷрибаи универсалӣ ва мурракаби фишанги бисёралоқамандона, хусусан низоми андоз дар шароити гузариш, дар ҳоле ки иқтисодиёт ба иқтисоди бозорӣ

---

[35] Боймирзоев Б.И. Бюджетное регулирование экономики в условиях перехода к рыночному хозяйству (на материалах Республики Таджикистан): автореферат на соис. учен. степени канд. эк. наук -08.00.05. – Душанбе, 2002. – 25 с.

мубаддал гардидааст, ҳамаи натиҷаҳои низоми андози кишвар ва таъсири оқибатҳои он ба сатҳ ва дараҷаи рушди иқтисодӣ хело муҳим мебошанд»[36]. Натиҷагирии таҳқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, дар шароити дигаргун гардидани вазъи иқтисодиёт, раванди дигаргунсозии низоми андоз вобаста ба шароити иқтисодии давлат алоқаманд карда мешавад, чунки низоми андоз яке аз унсури муҳимми сиёсати молиявию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Заминаи асоси гузариш ба шароити иқтисоди рақамӣ тақозои замон буда, дар миёни сатҳҳои иқтисодиёти кишвар бо мақсади амалӣ намудани ташкили идоракунии андоз ва маъмурикунонии андоз муҳим мебошад.

Ҳамзамон, таҳқиқотҳои назариявии солҳои охир вобаста ба масъалаҳои такмилдиҳии маъмурикунонии андоз тавре аз ҷадвали 1.1.2 бамеояд, аз он шаҳодат медиҳад, ки маъмурикунонии андоз ин тартиби махсуси идоранамоии қонунгузории андоз вобаста ба ташкили ҷараёни андозбандӣ мебошад, ки раванди амалишавии он хусусиятҳои беҳтарсозии фаъолияти мақомоти андозро таъмин менамояд. Ҷиҳати вусъатбахшидани раванди маъмурикунонии андоз дар баробари фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти андоз саҳми олимони ватанӣ дар масъалаҳои такмили механизми маъмурикунонии андоз, ҷоннок гардонидани воситаҳои танзимикунандаи меъёрию ҳуқуқии андоз, инчунин раванди қабули қарорҳо ва барномаҳо бо мақсади рушди маъмурикунонии андоз хело зиёд гардидаанд.

Раванди вусъатдиҳӣ дар самти мукаммал гардидани фаъолияти мақомоти андоз ва гузаронидани ислоҳот дар доираи консепсияҳо ва барномаҳои қабулгардида, вобаста ба масъалаи рушди низоми маъмурикунонии андоз дар доираи нақшаю чорабиниҳо амалӣ гардида истодаанд. Воқеан, мавҷуд будани мушкилотҳо дар самти амалӣ намудани раванди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт масъалаи актуалӣ ба ҳисоб меравад. Тадбиқи чунин раванд дар аввал баҳснок

[36] Саидмуродов Дж.Л. Внешняя трудовая миграция в условиях трудоизбыточного региона: автореферат на соис. канд. экон. наук. – 08.00.05/ - Душанбе, 2013. – 25 с. – С. 8.

буда, вале дар баробари қабул гардидани як қатор баномаҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба низом даровардани маъмурикунонии андоз боиси он гардид, ки Кумитаи андоз бо истифода технологияҳои иттилотӣ, низоми баҳисогирии андозҳо ва пардохти андозҳоро сода намояд. Дар асоси омӯзиши корҳои илмию таҳқиқотии А.М. Солеҳзода маълум гардид, ки «айни замон истифодаи технологияҳо ба шаклҳои гуногуни хизматрасониҳо алоқаманд гардидааст, ки мушкилоти асосиро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар тамоми бахшҳо ба миён овардааст»[37]. Аммо истифодаи воситаҳои технологӣ ба мақсад ва беҳтар намудани сифати маъмурикунонии андоз мувофиқ буда, он чунин имкониятҳоро ба вуҷуд меорад:

- баҳодиҳии мунтазам ва тавсифи самараи нишондиҳандаҳо;
- роҳу усулҳои нави самаранокии идоракунии андоз;
- мутобиқ намудани методологияи идоракунии андозҳо ба сатҳи рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва субъектҳои алоҳидаи хоҷагидорӣ;
- сатҳи стандартикунонӣ дар маъмурикунонии андоз ва раванди рақамикунонӣ;
- дараҷаи қаноатмандии андозсупорандагон аз беҳтар намудани хизматрасониҳои электронии андоз.

Аз нуқтаи назари А.М. Солеҳзода самаранокии маъмурикунонии андоз аз маҷмӯи амалҳои мақомоти андоз оид ба идоракунии муносибатҳои ҳуқуқии андоз иборат буда, дар заминаи он заминаи ташкили муҳити андоз, қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва ғанӣ гардонидани буҷети давлатиро фаҳмидан мумкин аст.

Яке аз самтҳои асосии кори таҳқиқотиам, ин нишон додани самтҳои асосии мукаммалсозии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонӣ мебошад. Ислоҳотҳои низоми андоз доир ба беҳтар намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон дар доираи

---

[37] Солехзода А.М. К вопросу методики оценки и критерии эффективности налогового администрирования // Российско-Таджикский (славянский) университет

амалинамоии барномаҳои мушаххас анҷом дода мешаванд, ки ба афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар алоқаманд мебошанд. Мукаммалнамоии механизми маъмурикунонии андоз ин раванди соддагардонӣ ва дастрасӣ ба андозсупорандагон мебошад, ки мақомоти андоз бо истифода аз роҳу воситаҳои гуногуни технологияҳои рақамӣ шароит фароҳам меорад, то ин ки хизматрасониҳои босифати андозсупорандагонро бо татбиқи усулҳои рақамикунии электронӣ ҳамчун омили муҳимми таҳкими минбаъдаи иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии кишвар мебошад, таъмин намояд. Инчунин, он боиси коҳиш ёфтани робитаи инфиродии андозсупорандагон бо кормандони мақомоти андоз мегардад.

Ёдрас шудан бамаврид аст, тибқи таҳлилҳои амиқи А.М. Солеҳзода «рушди минбаъдаи низоми маъмурикунонии андоз бидуни фароҳам овардани рушди нишондиҳандаҳои муайянгардидаи соҳаи андоз, таъмин гардидани шаффофият ва нишондиҳандаи самаранокии фаъолият дар соҳаи андоз ва ба амсилаи ягонаи консептуалии самаранокии раванди иҷроиши даромади буҷети давлатӣ бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонии ислоҳоти маъмурикунонии андоз, ғайриимкон аст»[38].

Дар таҳқиқоти илмии худ олими ватанӣ А.М. Маъмуров, назарияи Т.В. Куклина оид ба «маъмурикунонии андоз – ин амали мақсадноки мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии раванди андозбандӣ маҳсуб меёбад, ки дар доираи тадбирҳои пешбинигардидаи сиёсати давлатии молиявӣ ҷамъоварии андозҳо, назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ, баҳисобгирӣ ва кор бо андозсупорандагон анҷом дода мешаванд» пайгирӣ намуда, «самаранокии маъмурикунонии андозро дар маҷмӯи даромадҳои воқеии андозӣ ба буҷети давлатӣ муайян намуд, ки ҳангоми сарфаҳои дурусти воситаҳо ба даст омадаанд»[39], маънидод менамояд.

---

[38] Солехзода А.М. Развитие концептуальных подходов к оценке эффективности налогового администрирования в РТ. Журнал Экономика Таджикистана №1.2019. – Душанбе, 2019, стр 71-79. – ISBN: 978-99947-1-473-5.

[39] Mamurov, A. M. Assessment of the Present Status of Tax Administration at the Regional Level / A. M. Mamurov, S. B. Salomov // Bulletin of TSULBP. Series of Social Sciences. –

Вобаста ба такмили маъмурикунонии андоз тадбирҳоро роҳандозӣ намудан ба мисли убури роҳи сангин аст, зеро таъмини вазифаҳои гузошташуда ва заминаи асосии ҳадафҳои маъмурикунонии андоз оянда боварии халқро оид ба сиёсати пешгирифтаи давлат зиёд менамояд. Мақомоти андоз ҷиҳати амалӣ гардонидани стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳо бо мақсади таъмин ҳамкориҳои ба таври фосилавӣ ва пардохти андоз корҳои заруриро ҷоннок намуда истодааст. Дар ин самт мақомоти андоз марҳила ба марҳила тадбирҳоро аз соли 2014 то имрӯз ҷиҳати автоматикунонии анбори электронӣ ва тадбиқи технологияҳои муосири рақамӣ ҷоннок намуда истодааст, ки имконияти васеъро баҳри дастрасӣ гардидан ба сарчашмаи маълумотҳо, пешниҳоди ҳисоботҳо, аз ҳама муҳимаш таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷет ва ҳамкориҳои фосилавиро бо андозсупорандагон зиёд менамояд.

Дар ҷамъбасти фасли мазкур чунин натиҷаҳои хусусияти навгонӣ доштаро ба даст овардан мумкин аст:

1. Зимни омӯзиши масъалаҳои идоракунии низоми андоз муқаррар гардид, ки ҷорӣ гардидани маъмурикунонии андоз ба қонунгузории андоз асос ёфта, ҳар як давлат маҷмуи вазифаҳои муайяннамудаи мақомоти андозро тибқи талаботҳои қонунгузории андоз маъмурӣ гардонида, бо ин восита механизми идоракунии низоми андозро мукаммал менамоянд.

2. Дар асоси назарияҳои иқтисодчиён мафҳуми маъмурикунонии андоз муайян гардид, ки маъмурикунонии андоз – ин маҷмуи тадбирҳои фаъолияти мақомоти андоз оид ба таъмини риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва ҷустуҷӯи тарзу усулҳои нави расмиёти содагардонӣ бо мақсади таъмини стратегияи рушди низоми молиявӣ ва ташкили раванди воридоти андоз, фаҳмида мешавад.

3. Муайян карда шуд, ки маъмурикунонии андоз дар заминаи ташкили муносибатҳои омиронаи давлат ва андозсупоранда рушд меёбад, ки дар ин

---

2022. – No. 2(91). – P. 82-92. – DOI 10.24412/2411-1945-2022-2-82-92. – EDN ULBGAZ.

муносибат ҷустуҷӯи роҳу усулҳои муосири таъмини манбаҳои молиявӣ накши асосии объективиро мебозад.

4. Оиди маъмурикунонии андоз назарияи ягона муайян карда нашудааст, танҳо баъзе хусусиятҳое, ки мафҳуми маъмурикунонии андозро пурра мекунанд, аз тарафи коршиносон ва олимони ватанӣ ошкор гардидаанд. Аз ин хотир фаҳмиши амиқ ва таърифи ягонаи маъмурикунонии андоз аз сиёсати давлатии андоз вобастагӣ дорад. Мақсади рушди маъмурикунонии андоз барои давлат соддагардонии расмиёти бақайдгирӣ, таҳлил, назорат ва дастрасӣ ба ахборот буда, ба андозсупорандагон шароит фароҳам овардани хизматрасониҳои босифатро бо татбиқи усулҳои рақамикунӣ, ҳамчун омили муҳимми таҳкими минбаъдаи иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии кишвар таъмин менамояд.

5. Дар таҳқиқоти рисолаи илмӣ маъмурикунонии андоз ҳамчун маҷмуи чорабиниҳои дар доираи қонунгузории андоз пешбинишаванда, ки ҳаҷми даромади воқеии андозиро ба буҷети давлат зиёд менамояд, дар доираи беҳтар гардидани хизматрасониҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон, раванди коҳишёбии хароҷотҳои маъмурӣ ва тартиби содагардонии назорати андоз ба роҳ монда мешавад.

## 1.2. Ҷанбаҳои институтсионалии маъмурикунонии андоз

Рушди низоми андоз дар мамлакат ба асосҳои институсионалӣ вобаста буда, аз замони ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, дар ин замина ҷиҳати рушд додани низоми андози мамлакат як қортор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул ва амалӣ гардид. Ҷанбаҳои инститионалии рушди низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вазъияти ниҳоят душвор ба вуҷуд омада, бо қабул намудани як қатор санадҳои меёрию ҳуқуқӣ ва гузаронидани ислоҳотҳо ҷиҳати ба низом даровардани фаъолияти мақомоти андоз ва таъмини ҷараёнҳои андозбандӣ шароит фароҳам оварда шуд. Ба вуҷуд омадани асосҳои институтсионалии рушди низоми андозро И.Р. Иброҳимзода чунин шарҳ додаанд: «асосҳои институтсионалии рушди низоми андоз ин ташкили институтҳои расмӣ – санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ,

низоми андоз, мақомоти андоз ва ташкили институтҳои ғайрирасмӣ – урфу одат, расму оинҳо, анъанаҳо ва дигар шароитҳо мебошад»[40]. Аз ин бармеояд, ки заминаи асосии бавуҷудоӣ ва рушди маъмурикунонии андоз дар мамлакат ҳамчун ниҳоди хусусияти институсионалӣ дошта, дар ташаккули минбаъдаи низоми идоракунии андоз мусоидат намуда истодааст.

Фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҲҶТ) ҳамчун фаъолияти дастаҷамъӣ ба ҳисоб рафта, барои таъмини иҷрои «қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин дар доираи ваколатҳои худ иҷрои Конститутсия, дигар қонунҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалиеро, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст»[41], равона гардида, аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ иҷро шудани онҳоро мунтазам назорат мекунад.

Дар таҳқиқоти илмӣ мо бештар ба ҷанбаҳои институсионалии рушди маъмурикунонии андоз диққати худро равона намудем. Аз рӯзҳои аввали таъсиси мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми муайяни идоракунии андоз мушоҳида намегардид. Омилҳои асосии зудтағйирёбанда дар шароити ниҳоят вазнин қарор доштани вазъи сиёсии мамлакат ва надоштани таҷрибаи мукаммали идоракунӣ дар соҳаи андоз мебошад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун санади олии қонунгузорӣ 6 ноябри соли 1994 нахустин бор қабул гардида, дар таҳрири нав дар асоси Қонуни канститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2016 бо муқарророти меъёрҳои заминавии андозу молия ва як қатор меъёрҳои бобҳои

---

[40] Иброҳимзода И.Р. Асосҳои институтсионалии рушди низоми андоз//Файзуллоев Б.С./ Ахбори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. 2021. Т. 89. № 4. С. 13-25.

[41] Қонуни конститутсионии ҷумҳурии тоҷикистон “Дар бораи ҳукумати ҷумҳурии тоҷикистон» (ахбори маҷлиси олии ҷумҳурии тоҷикистон, с. 2001, №4, мод. 215; с. 2003, №4, мод. 152; с. 2008, №1, қ. 1, мод. 1; с. 2009, №12, мод. 813; с. 2016, №7, мод. 602) (қонуни конст.чт аз 22.04.2003 № 22, аз 5.01.2008 № 346, аз 3.12.2009 № 575, аз 23.07.2016 № 1325, аз 18.07.2017 № 1455)

гуногуни муносибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бахшида шудааст. Ташаккули меъёрҳои соҳаи андоз дар моддаи 45-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[42], ки барои танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ аҳаммияти умумӣ доранд, оварда шудаст.

Дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ масъалаҳои таъмини пардохтҳои буҷети давлатӣ дар заминаи Раёсати даромадҳои давлатӣ ва андозҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он моҳи январи соли 1992 таъсис дода шуд[43], амалӣ карда мешуд. Дар ин давра фаъолияти мустақилонаи мақомоти андоз таҳти иҷрои вазифаҳои Ҳукумати кишвар ба роҳ монда мешуд, аммо низоми мустақили андоз дар кишвар мунтазам набуд, дар як муддати кӯтоҳ воҳидҳои сохтории мақомоти андоз дар ҳамаи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои мамлакат таъсис ёфтанд, вазифаҳои дар назди мақомоти андоз бударо бо тартиби риояи қонунҳои алоҳидаи системаи миллии андоз иҷро мекарданд, аз он ҷумла: тартиби баҳисобгирии андоз, андозбандии соҳибкории озоди ташаккулёфтаистода, шаклҳои ҷавобгарӣ барои қонунвайронкунии андоз низ муайян гардидаанд.

Қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар рушди институтсионалии соҳаи андоз қадами дигар ба ҳисоб рафта, бо қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андоз» дар моҳи марти соли 1992 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи асосҳои мақомоти андоз» дар моҳи июли соли 1994 алоқаманд аст, мусоидат намуд[44].

Амалӣ гардидани қонун «Дар бораи асосҳои мақомоти андоз» низоми андозбандиро дар кишвар то андозае ба низом даровард, аммо аз сабаби набудани таҷрибаи бозоргонӣ як қатор масъалаҳо ҳамчун норасои боқӣ

---

[42] Конститутсияи ҶТ. 6 ноябри соли 1994, таҳти № 572
[43] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии андоз» дар моҳи марти соли 1992
[44] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз 4 майи соли 1995 таҳти рақами 221 дар заминаи Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

монданд, ки дар он вақт ҳалли худро наёфта буданд, аз ҷумла номгӯи зиёди андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, истифодаи меъёрҳои баланди андозҳо, назорати қувваи кории зиёдро талаб мекард. Албатта, дар оғози ҳар кор мушкилоти соҳа ба вуҷуд меояд, аз ин рӯ бо мақсади таҳкими сохтории ташкили назорати андоз бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 4 майи соли 1995 таҳти № 221 дар заминаи Сарраёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Инчунин, дар асоси фармаиши роҳбари давлат, ҷиҳати ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 25 октиябри соли 1995, таҳти № 642 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»[45] ба тавсиб расид. Қарори мазкур барои рушди фаъолияти мақомоти давлатии андоз вобаста ба муҳиммияти омӯзиши масъалаҳои такмили сохтори фаъолияти мақомоти давлатии андоз ва мустақил гардидани фаъолияти мақомот шароитҳои мусоидро пайдо намуд.

Таъсис ёфтани Кумитаи андоз ҳамчун ниҳоди марказонидашуда дар марҳалаи мазкур аз он иборат буд, ки нахустин шакли системаи миллии андози мамлакатро дар шароити иқтисоди бозорӣ ба миён овард. Дар маҷмуъ, хусусиятҳои иқтисодёти давраи гузаришро инъикос менамуд, ки ин давра раванди мураккаби гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ буд. Дар ин давра тамоми шаклҳои муносибатҳои хоҷагидорӣ ба системаи идоракунии андоз ва сохтори мақомоти андоз мутобиқ гардонида шуд.

Бо мақсади такмил ёфтани низоми қонунгузории андоз ва назорату риояи таъмини саривақтии пардохти андозҳо бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои 1997-1998

---

[45] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 1995, № 642 "Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар хусуси баровардани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти давлатии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон"

корҳои зиёде анҷом дода шуданд, аз ҷумла моҳи ноябри соли 1998 нахустин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва 1 январи соли 1999 мавриди амал қарор гирифт. Нахустин Кодекси андоз дар рушди институтсионалии низоми андози кишвар заминаи воқеъии қонунгузорӣ ба ҳисоб мерафт, ҳамчун муқаррароти асосии маъмурӣ, тамоми манбаҳои молиявии дар раванди фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷудбударо ба танзим медаровард. Дар Кодекси андоз раванди маъмурии ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ муайян гардида, нахустин бор ба андозсупоранда додани рақами мушаххаси андозсупоранда, шумораи андозҳо аз 45 ба 17 ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ кам карда шуданд. Раванди ислоҳоти иқтисодӣ пас аз қабул гаштани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи дигари рушди низоми андоз дар мамлакат гардида, тадриҷан ба тағйир ёфтани фазои соҳибкорӣ ҷиҳати ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоягузориҳо тадбирҳо мусоидат намуд.

Аз соли 1995 Кумитаи андоз ҳамчун сохтори мустақил дар рушди низоми милли андоз фаъоляти менамояд. Сиёсати андозию гумрукӣ дар он замон аз сабабҳои нарасоии мутахассис ва мавҷуд набудани технологияҳои назоратӣ дар соҳаи андозу гумрук коста гадида буд, ки боиси зиёд гардидани хароҷотҳои давлатӣ гардид. Бо мақсади таъмини сиёсати андозию гумрукӣ моҳи январи соли 2002 дар заминаи Кумитаҳои андоз ва гумрук, Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар вазорат ду мақоми асосии ситонидани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ амал мекарданд, ки қариб 90 фоизи қисми даромадҳои буҷетӣ бар зиммаи онҳо вогузор буд. Чунин тадбир зиёд давом накард, бо мурури замон таҷрибаи дигар давлатҳо собит намуд, ки системаи милли андоз ба ҳолати аввала гузаштан, тадбири дуруст аст. Инчунин, ислоҳоти дигар иқтисодӣ дар тағйироти сохтори давлатӣ аз аввали соли 2007-ум оғоз гардид, ки Вазорати даромадҳо ва пардохтҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд, ки то имрӯз амал карда истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки 10 солаи аввали соҳибистиқлолии давлат барои расидан ба ҳадафҳои дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошташуда, танҳо азнавсозӣ ва мутобиқсозии самтҳои институсионалии идоракунии давлат ба ҳисоб мерафт. Чунин меҳисобем, ки яке аз ин самтҳо азнавсозии системаи мустақили андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Муваффақияти фаъолияти мақомоти андоз натанҳо дар ташкили сохтори мустақил, балки ба тайёр кардани мутахассисон, азнавомӯзии кормандони соҳа, омӯхтани таҷрибаи хориҷии андозситонӣ, такмили низоми қонунгузории андоз ва дар ин замина беҳтар намудани шароити ҳамкориҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон мебошад. Назарияи таҳқиқгардидаи Қурбонова М.С. тасдиқ менамояд, ки «зарурати мунтазам такмил додани қонунгузории андоз ва ҷустуҷӯйи доимии самтҳои нави татбиқи сармояи хусусӣ нақши менеҷменти андозро на танҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ҳатто дар нақшаи стратегӣ низ муҳим арзёбӣ менамояд»[46]. Ҳама вақт ислоҳотҳо дар низоми қонунгузорӣ роҳу вотиситаҳои нави идоракуниро ба вуҷуд меорад. Дар ҳақиқат таъмини самтҳои муайнгардидани низоми идоракунии андоз на танҳо барои рушди андозсупорандагон, балки ба рушди тамоми ҳаёти соҳаҳои иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд.

Баъзан ҳолатҳои нигаронкунанда дар ташаккули фаъолияти мақомоти андоз ба назар мерасанд. Замони қабул гардидани нахустин Кодекси андоз номгӯи андозҳо то 17 адад кам гардид. Як бора қисми андозҳоро ихтисор ё ба таркиби дигар номгӯи андозҳо ҳамроҳ кардан мушкилотҳои андозбандиро дар фаъолияти мақомоти андоз ба миён овард, чунин ҳолат муаммоҳои андозбандиро зиёд намуд. Ин гуногунфаҳмиҳо на танҳо дар мақомоти андоз, чунки бо сабаби таърихӣ доштани гузариш ба иқтисоди бозорӣ якбора ба тамоми институтҳои молиявии мамлакат мушкилотҳои зиёд ба вуҷуд

---

[46] Қурбонова, М. С. Моҳияти иқтисодии менеҷменти андоз: вазифа ва ҳадафҳои асосии он / М. С. Қурбонова // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2023. – No. 3(83). – P. 202-207. – EDN BFOOVE.

омаданд. Раванди соддагардонии низоми идоракунии андоз зери таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор гирифта, ҷиҳати кам кардани шумораи андозҳо ва ба роҳ мондани механизми содаи пардохти андозҳо, мушаххас гардонидани категорияҳои алоҳидаи андозсупорандагон аз рӯи сарбории андоз ва беҳтар гардонидани сифати хизматрасониҳо тадбирҳои аввалиндараҷа бо қабул гардидани Кодекси андоз дар солҳои 2004, 2012 ва 2021 амалӣ карда шуд. Қайд гардидааст, ки «мақсади асосии қабули Кодекси нави андоз дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи рушди маъмурикунонии андоз, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рақамикунонии муносибатҳои андозӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошад»[47].Гуфта метавонем, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав қабулгардида, барои беҳтар намудани ҷараёнҳои андозбандӣ, таъмини шаффофияти воридоти андоз дигаргуниҳои зиёдро дар заминаи амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 фароҳам оварда, муносибатҳои андозбандиро дар ҷамъият боз ҳам осон ва танзим медарорад. Мо бартариятҳои қабул ва амалинамоии Кодекси андозро вобаста ба марҳилаҳои он, ки ба рушди институтсионалии фаъолияти мақомоти андоз таъсир мерасонад, дар ҷадвали 1.2.1. дида мебароем.

**Ҷадвали 1.2.1. – Бартариятҳои қабул ва амалинамоии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар 4 марҳила)***

| р/т | Марҳилаҳо | | Бартариятҳо |
|---|---|---|---|
| | Қабули кодекси андоз | Амалишавии Кодекси андоз | |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. | Нахусти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, тахти № 665 | Амалишавии Кодекси андоз ба 1 -уми январи соли 1999 | «Дар Кодекси андоз номгӯи стандартии андозҳо муқаррар шуда, шумораи умумии андозҳо то 30 адад кам гардид. Яъне шумораи андоз 17 номгӯйро ташкил дод. Андозҳои зерин барҳам дода шуд: андоз аз |

[47] Ҳусейнов, У. С. Самтҳои асосии такмил додани низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / У. С. Ҳусейнов // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. – No. 1(35). – P. 279-286. – EDN WLIQEL.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | даромади бонкҳо, андоз аз фоидаи фаъолияти суғуртавӣ, андоз аз фаъолияти биржавӣ, андоз аз амалиёт бо коғазҳои қиматнок, андоз аз хариди воситаҳои нақлиёт, андози махсус аз корхонаю иттиҳодияҳо, андоз аз амволе, ки ба мерос монда мешавад вай тухфа мешавад, андоз аз сохтмони объектҳои истеҳсолии дар минтақаҳои курортӣ биношаванда, андози даромади шахсони воқеъӣ аз пасандозҳои дар бонкҳо гузоштаашон, даромад аз ҷангал, даромад аз эълонҳо ва ғайра»[48]. |
| **2.** | Кодекси андоз 25 ноябри соли 2004 бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №572 | Аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд. | «Ба Кодекси нави андоз як қатор тағйироту иловаҳо ворид карда шуд, ки он масъалаҳои муҳимми андозбандӣ, муносибатҳои андозӣ дар ҷомеа ба таври дақиқу фаҳмо баён ёфтааст. Дар он вазифагузорӣ, ваколат ва масъулияти сохторҳои ҳукумати ҷумҳурӣ дар амалисозии сиёсати андоз муайян гардид. Ҳамин тавр, Кодекси нави андоз аз 371 модда, 18 фасл ва 53 боб иборат буда, ба он муҳимтарин иловаҳо, ки ба масъалаҳои ташкили ҳисоботи андозсупорандагон, фаъолияти санҷишии сохторҳои андоз, ҳисоботи андоз, тартиби пардохти қарзҳои андоз вобастаанд, ворид гардидаанд»[49]. |
| **3.** | Кодекси андоз 17 сентябри соли 2012, таҳти № 901 | Аз 1 январи соли 2005 мавриди амал қарор дода шуд. | «Бо ин мақсад ҷиҳати дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат якчанд ислоҳотҳо дар низоми қонунгузории андоз гузаронида шудааст, ки дар он шумораи эъломияҳои пешниҳодшавандаи андозӣ аз 117 ба 48 адад, шумораи умумии пардохтҳои андозӣ аз 21 адад ба 10 адад, шакли содакардашудаи пардохти андозҳо тибқи низоми махсуси андозбандӣ, пешбини гардидани низоми алоҳидаи имтиёзноки андозбандӣ ва дигар тағйиротҳо ба чашм мерасанд»[50]. |

[48] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон “Дар бораи қабули Кодекси андоз”, соли 1998 таҳти 665

[49] Кодекси андоз 25 ноябри соли 2004 бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №572

[50] Кодекси андоз 17 сентябри соли 2012, таҳти № 901

**Давоми ҷадвали 1.2.1.**

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| **4.** | Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2021, тахти № 1844 | Аз 1 -уми январи соли 2022 мавриди амал қарор гирифт. | «Бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар мамлакат, беҳтар намудани рамиёти маъмурикунонӣ ва татбиқиислоҳотҳо дар шароити рақимикунонӣ як қатор навгониҳо якчанд ислоҳотҳо дар Кодекси андоз ба роҳ монда шудааст, ки он имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои фосилавӣ дар оянда тақвият дода шавад. Ҳамзамон, шумораи андозҳо аз 10 ба 7 номгӯй кам гардид, як қатор хизматрасониҳо электронӣ дар расмиёти маъмурикунонии андоз ҷорӣ гардид ва бо ин васила шакли содакардашудаи пардохти андозҳо бо тариқи электронӣ ба роҳ монда шуд»[51]. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси муқаррароти Кодексҳои андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон, соли 1998 тахти 665; Кодекси андоз 25 ноябри соли 2004 бо Қарори Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №572; Кодекси андоз 17 сентябри соли 2012, тахти № 901; Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе аз 23.12.2021, тахти № 1844)

Иҷрои дастурҳои фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ислоҳоти маъмурикунонии андоз, ба инобат гирифтани манфиатҳои соҳибкории қонунӣ, содаю оммафаҳм ва дастраси омма гардонидани қонунгузории андозро тақозо менамуд. Мавҷуд будани консепсияҳо ва барномаҳои қабулгардида, воқеияти имрӯзаи фаъолияти мақомоти андозро аз таҳлили корҳои иҷрогардидаи замони гузашта шаҳодат медиҳад. Бо мақсади такмили сиёсати андозбандӣ ва маъмурикунонӣ дар кишвар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 ноябри соли 2011, тахти № 541 «Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат»[52],[53] қабул ва амалӣ гардид. Яке аз ҳадафҳои асосии Консепсияи амалигардида ин сода намудани низоми андозбандӣ, кам

[51] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе аз 23.12.2021, тахти № 1844

[52] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 ноябри соли 2011 № 541 "Дар бораи Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат"

[53] Консепсияи сиёсати андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи миёнамуҳлат аз 2 ноябри соли 2011 № 541

намудани эъломияҳои андоз ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар кишвар ба ҳисоб мерафт.

Пайваста Ҳукумати мамлакат вобаста ба тағйирёбии сохтори бозори ҷаҳонӣ, ноустувории иқтисодиёти кишварҳои пешрафта дар азнавсозӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ кӯшиш менамояд. Масъалаи такмили маъмурикунонии андоз яке афзалиятиҳои сиёсати андози кишвар ба ҳисоб меравад, ки таваҷуҳи мақомоти андозро дар самт зиёд менамояд. Қабул намудани қарор «Дар бораи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2015» аз 3 декабри соли 2010 таҳти №626 қадами аввал дар марҳилаи рушди маъмурикунонии андоз дар кишвар ба ҳисоб рафт. Барнома (БРМА) раванди тағйироти институтсионалиро дар низоми кории мақомоти андоз ба вуҷуд оварда, бо дарназардошти тавсияҳо ва таҷрибаи бисёрсолаи ҷаҳон, ки ба хусусиятҳои хоси кишвари мо таҳия гардидааст, амалӣ карда шуд. Дар барнома вазифаҳо, мақсадҳо, навсозиҳо ва тадбирҳои амалишаванда вобаста ба вазъи кунунӣ ва мукаммал гардонидани фаъолияти мақомоти андоз, инчунин маҳсулнокии фаъолияти мақомоти андоз тавассути ба роҳ мондани раванди автоматикунонӣ бо назардошти имкониятҳои ҳадди ақали хароҷоти маъмурӣ, инчунин такмил додани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон муаяйн гардида буд.

Дар асоси татбиқи Лоиҳаи грантии Бонки ҷаҳонӣ, ки таҳти № 810-TJ[54] «оид ба ислоҳоти маъмурикунонии андоз амалӣ гардидани як қатор корҳо дар доираи компанетҳои муқарраргардида, аз ҷумла ҷорӣ намудани низоми мустақили табодули маълумот, фаъолияти хуби нозироти андозсупорандагони калон, ҷорӣ намудани низоми содакардашудаи бақайдгирии соҳибкорӣ, низоми такмилдодашудаи назорати аудити дохилӣ ва баҳодии фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва ғайра», ки аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ ба маблағгузории 18 млн. доллари ИМА грант оғоз гардид. Бояд қайд кард, ки сохтори умумии Лоиҳаи татбиқгардида, марҳилаҳои

[54] Ҳисоботи ниҳоии Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз. Грантии Бонки ҷаҳонӣ № 810 – TJ. Махзани электронӣ:

муайянро аз рӯи самтҳои пешбинӣ намудаи Барнома (БРМА) дар бар гирифт, ки ба рушди самтҳои афзалиятноки Барнома мусоидат намуд.

Дар заминаи компанетҳои муайянгардидаи Лоиҳаи грантӣ такмили сохтор ва идоракунии нерӯи инсонии Кумитаи андоз, баланд бардоштандани самаранокии равандҳои амалиётӣ, таҳияи талаботҳо барои автоматикунонӣ дар асоси маделҳо, ҷойгир намудани технологияҳои иттилотӣ ва ғайра дар асоси таҷрибаи андозбандии хориҷӣ тадбирҳои саривақтӣ арзёбӣ гардид. Марҳилаҳои иҷрогардидаи корҳо ба тафаккури системавӣ ва қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав мусоидат намуд. Метавонем татбиқи лоиҳаро дар Барнома (БРМА) аз рӯи се самт дар ҷадвали 1.2.2. натиҷагирӣ намоем[55].

**Ҷадвали 1.2.2. Афзалиятҳои Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019***

| р/т | Самтҳо | Натиҷагири вобаста ба самтҳо: |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1. | Баланд бардоштани сифати низоми андоз | – таҳияи санадҳои зерқонунӣ ҷиҳати татбиқи Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>– баланд бардоштани шаффофияти хароҷотҳои андоз, аз ҷумла таҳияи методология ва модели эконометрикии арзёбии самаранокӣ, таъсири ҳавасмандгардонӣ ба иқтисодиёти миллӣ, гузаронидани таҳлили фоидаю хароҷотҳои андоз;<br>– содагардонии талаботи ҳисоботи андоз;<br>– таҳлили заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ, таҳияи тағйиру иловаҳо ба танзим ва омӯзиши кормандони Вазорати молия ва Кумитаи андоз оид ба ҳамоҳангсозии андоз ва ҳисоботи молиявӣ ҳангоми муайян кардани андоз аз даромад (бо таваҷҷуҳ ба ташкилотҳои молиявию кредитӣ), инчунин баҳисобгирии муҳосибӣ барои андоз аз арзиши иловашуда;<br>– таҳияи модели пешрафтаи пешгӯии даромадҳои андозӣ ва ғайриандозии буҷети давлатӣ дар асоси таҷрибаи байналмилалӣ;<br>– инкишоф додани системаи таълими пайваста ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши кормандон;<br>– таҳкими инфрасохтори техникии Кумитаи андоз ва дигар Раёсатҳои минтақавӣ бо роҳи харидории компютерҳои фардӣ ва дигар таҷҳизоти идоравӣ ва ғайра. |

[55] План взаимодействия с заинтересованными сторонами (ПВЗС). Таджикистан: Программа налоговой реформы (ПНР) P171892

**Давоми ҷадвали 1.2.2.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 2. | Чорабиниҳо барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон пешбинӣ гардидааст. | – таҳия ва татбиқи пешниҳодҳо оид ба зиёд намудани шумораи ххизматрасониҳои фосилавӣ ва фавқулодда барои андозсупорандагон тавассути хизматрасониҳои инфиродӣ;<br>– таҳияи таклифҳо барои беҳтар намудани шароити мусоид ба андозсупорандагон ва таъмини инфрасохтори асосии мақомоти андоз оид ба ташкили тамғагузории электронии молҳо;<br>– ба тартиб даровардани нақшаи ягонаи муҳосибавии бахши давлатӣ ва татбиқи он барои ҳамаи андозсупорандагон;<br>– арзёбии ҳолати идоракунии технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди маделҳои муосир дар бахши давлатӣ;<br>– такмил ва навсозии инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ ва техникӣ, аз ҷумла хариди серверҳо барои марказҳо ва таҷҳизоти шабакавӣ, таҷҳизоти амнияти шабакавӣ ва нармафзор ва таҷҳизоти идоракунии шабака;<br>– баланд бардоштани сифати хизматрасонии машваратӣ ба андозсупорандагон дар маркази Call;<br>– таҳия ва татбиқи механизми бозгашт бо андозсупорандагон ва ба итмом расонидани Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо истифода аз алоқаи андозсупорандагон;<br>– омӯзонидани кормандони мақомоти андоз оид ба истифодаи замимаҳо барои хизматрасониҳои электронӣ;<br>– харид ва насби таҷҳизот барои татбиқи системаи идоракунии навбати электронӣ дар мақомоти андоз. |
| 3. | Мутобиқати ихтиёрӣ беҳтар карда шуд | – таҳияи методология ва татбиқи самараноки идоракунии хавфҳои мутобиқат дар системаи аудити ба хавф асосёфта;<br>– ҷорӣ намудани санҷишҳои андоз аз арзиши иловашуда дар асоси низоми идоракунии хавф ва расмиёти тезонидашудаи низоми автоматикунонидашудаи баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда;<br>– таҳия ва татбиқи барномаи мониторинги андоз бо мақсади мониторинги риояи фаъолияти андозсупорандагони калон;<br>– таҳияи равишҳои методологии нархгузории интиқолӣ;<br>– таҳияи пешниҳодҳо дар асоси заминаҳои меъёрӣ барои таҳкими андозбандии провайдерҳои хизматрасонии рақамӣ;<br>– мубодилаи электронии додаҳо ва ҳамгироии |

| | | |
|---|---|---|
| | | системаҳои иттилоотӣ бо дигар шуъбаҳо ва мақомотҳои давлатӣ;<br>– такмили низоми иттилоотӣ ва таълими андозсупорандагон, таҳия ва татбиқи курсҳо, модулҳои таълимӣ дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла формати электронӣ;<br>– гузаронидани тренингҳо барои тренерони ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ оид ба андозбандӣ;<br>– омӯзонидани кормандон оид ба низоми идоракунии хавфҳо, аудити хавфҳо ва идоракунии қарз. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асосиислоҳоти Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019. Махзани электронӣ: https://www.google.com/search?client=firefox-b-e&q=P171892

Ислоҳоти самти аввали амалинамоии Барнома такмили сиёсати андозро дастгирӣ намуда, дар натиҷа ба ташаккулёбии низоми маъмурикунонии андоз, яъне раванди содагардонӣ, шаффофият ва самаранокии фаъолияти мақомоти андоз мусоидат намуд. Инчунин, ба таҳкими иқтидори кормандон оид ба идоракунии низоми содакардашуда истифодаи равишҳои муосир дар идоракунии расмиёти маъмурикунонии андоз ва баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз шароит фароҳам овард.

Дар самти дуюм тадбиқи чорабиниҳо барои беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон пешбинӣ гардидааст. Афзоиши раванди автоматикунонии хизматрасониҳо ба андозсупорандагон шарти асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба андозсупорандагон мебошад. Дар таҷриба ба вуҷуд омадани пандемияи COVID-19 ба коҳиш ёфтани тадбиқи технологияҳои рақамӣ барои идомаи тиҷорат таъсири худро гузошт. Чунин ҳолат дар таҷрибаи кишварҳои пешрафта имконияти зиёд намудани истифода хизматрасониҳои электрониро ба вуҷуд овард, ки ин дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузариш ба иқтисоди рақамӣ муҳим арзёбӣ гардид. Гуфта метавонем, ки то марҳилаҳои анҷомёбии Барнома (БРМА) дар қадами аввал Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва татбиқи истифодаи хизматрасониҳои электронӣ на он қадар таҷрибаи зиёд дошт. Бо дар назардошти имкониятҳо ва фароҳам гардидани

шароитҳо мақомоти андоз барои расидан ба афзалиятҳои иқтисоди рақамӣ ҷиҳати такмилдиҳии хизматрасониҳои электронӣ ва татбиқи воситаҳои онлайнӣ тадбирҳои заруриро амалӣ менамояд.

Самти ниҳоии натиҷаҳои пешбинишаванда, коҳишдиҳии миқдори санҷишҳои андоз ва робитаи мустақими андозсупоранда ҳангоми иҷрои уҳдардориҳои андоз дар асоси истифодаи системаи идоракунии хавфҳо ва интихоби парвандаҳои аудити андозсупорандагон муаррифӣ гардидааст. Метавонем натиҷагирии иҷроиши Барнома барои истифодабарии маблағҳои грантиро аз рӯи компанетҳои алоҳидаи Лоиҳа дар давоми солҳои 2015-2018 таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 1.2.3. – Натиҷагирии маблағҳои истифодагардида, аз рӯи ҷузъҳои Лоиҳа дар давоми солҳои 2015 – 2018 (бо ҳисоби долари ИМА)*[56.57]**

| Р/Т | Компанентҳо | Ҷамъбасти соли 2015 | Ҷамъбасти соли 2016 | Ҷамъбасти соли 2017 | Ҷамъбасти соли 2018 |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Рушди институтсионалӣ | 325 754 | 842 455 | 688 147 | - |
| 2. | Рушди амалиётӣ | 28 903 | 923 886 | 159 627 | - |
| 3. | Технологияи иттилоотӣ | 2 542 418 | 570 697 | 01 390 | 1 663 879 |
| 4. | Идораи лоиҳа ва идаркунии тағйиротҳо | 375 614 | 405 896 | 275 160 | 210 763 |
| **Ҳамагӣ** | | 3 727 689 | 2 742 934 | 1 184 330 | 1 874 642 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҷамъбасти ҳисоботҳои молиявии Лоиҳа Махзани электронӣ: https://andoz.tj › docs › vsemirniy-bank › img501

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ муҳиммияти навсозии маъмурикунонии андоз, ки ба ирода ва хоҳиши мақомоти андоз маънидод гардида, он яке аз

[56] “Проект по реформированию налогового администрирования” Грант № Н 810 – TJ. Финансовая отчетность специального назначения проекта за год, закончившийся 31 декабря 2016

[57] “Проект по реформированию налогового администрирования” Грант № Н 810 – TJ. Финансовая отчетность специального назначения проекта за год, закончившийся 31 декабря 2018

самтҳои тадбиқи лоиҳа ба рушди институтсионалии маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад, дар асоси чунин нишондиҳандаҳо тавсиф гардид:

- таъмин гардидани сарчашмаи даромадҳо дар асоси барномаҳои давлатӣ;
- имкониятҳои зиёд намудани сармоя барои беҳтар намудани фаъолияти соҳибкорӣ;
- андешидани тадбирҳои фосиланок баҳри кам гардидани хароҷоти бемавриди андозсупорандагон;
- роҳҳои самаранок гардидани истифодаи маблағҳо дар заминаи кам гардидани хароҷотҳои маъмурии давлатӣ.

Дар заминаи мавҷуд будани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва техникӣ рушди институтсионалии соҳаи андоз бо мақсади азнавсозии сохторӣ ва функсионалии мақомоти андоз «Низомномаи Кумитаи андоз дар таҳрири нав таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012 таҳти №456»[58] тасдиқ карда шуд. Низомнома дар доираи амалӣ намудани ваколатҳо, ташкили фаъолият, сохтори Дастгоҳи марказии Кумита ва нақшаи идоракунии Кумита ба тавсиб расидааст. Ҷиҳати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, дар асоси Фармоиши Раиси КАҲҶТ аз 28 ноябри соли 2014, №354 ба сохтори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андоз тағйиротҳо ворид гардид, ки ба беҳтар гардидани ҳамгироии иттилоотӣ (ҳамкориҳои фосилавӣ) мусоидат намуд.

Баланд гардидани самаранокии фаъолияти КАҲҶТ дар беҳтар гардидани идоракунӣ ва бо маълумотҳои зарурӣ таъмин намудани мақомоти ҳудудии андоз мувофиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2017, №112 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 вобаста мебошад, «Маркази коркарди маълумот бо 18 басти

---

[58] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав” аз 31 августи соли 2012 таҳти №456

корӣ, ки аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андоз маблағгузорӣ карда мешаванд, таъсис дода шуд»[59].

Бо боварӣ гуфта метавонем, ки КАҲҶТ корҳои назаррасеро дар самти марҳилаи аввали рушди маъмурикунонии андоз дар асоси барномаи муосири идоракунӣ анҷом додааст. Масалан, азнавсозии сохтор ва беҳтарнамоии шароити муосир (сохтори мутамарказонидашуда), ҷорӣ намудани системаи ҳамгироиҳо (бахши иттилоотӣ – call center), фаъолият намудани Маркази такмили ихтисос дар назди Дастгоҳи марказӣ ва таъсиси марказҳои таълимӣ дар вилоятҳо мебошад. Пайдарҳамии тадбиқи барномаҳо ҷиҳати азнавсозӣ ва рушди маъмурикунонии андоз ба навовариҳои бесобиқа дар фаъолияти мақомоти андоз равона гардида, дар оянда чунин раванди мукаммалсозӣ ва беҳтар намудани самаранокии назорат дар мақомоти андоз идома хоҳад ёфт.

Аз соли 2004 сомонаи расмии КАҲҶТ таҳия гардид, ки барои дастрасӣ пайдо кардан ба хизматрасониҳои электронӣ, огоҳи пайдо намудани андозсупорандагон аз истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ба андозсупорандагон нигаронида шудааст. Тайи солҳои 2015-2019 дар доираи амалинамоии нақшаю чорабиниҳои Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, дар соли 2020 бештар аз 70% шумораи умумии корбарон аз мавҷудияти сомона бохабар гардиданд. Аз шумораи умумии пурсидашудагон 70% дар бораи мавҷудияти сомона хабар доранд. Ин шумора ҳудудан ба 86% дар соли 2022 расид. Аз ҳама фаъол шахсони ҳуқуқӣ 80% ва дар шаҳри Душанбе 86% ҳиссаи истифодабарандагони сомона мебошанд.

Ҷорӣ гардидани сомона электронӣ дар КАҲҶТ яке аз афзалиятҳои сиёсати имрӯза дар мамлакат ба ҳисоб рафта, тартиби ташкил ва иҷрои он вазифаҳои мақомтро дар самти назорати иҷрои қонунгузории андоз пурзӯр менамояд. Мавҷудияти сомона ба шаҳрвандон ва андоз супорандагон имконият медиҳад, ки оид ба истифодаи хизматрасониҳои электронӣ шинос

---

[59] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 2017, №112 оид ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 вобаста мебошад.

гарданд, аз рафти фаъолияти мақомоти андоз маълумот пайдо намоянд, шакли дуруст интихоб ва пур кардани ҳисоботҳоро аз назар гузаронанд, гирифтани иттилооти зарурӣ дар бораи қонунгузории андоз ва норасоиҳои мавҷудбударои баён карда тавонанд. Аёниятҳо дар сомонаи электронӣ бештар гардида, тавассути вебсайт корбарон барои пешниҳоди хизматрасониҳои мақомоти андоз имконият пайдо мекунанд, ки монеаҳоро дар сурати дастрас нашудани иттилооти зарурӣ ба андозсупорандагон коҳиш дода, вақти сарфшударо барои дарёфти маълумот кам мекунад.

Барои иртибот бо андозсупорандагон дар сомонаи расмии КАҲҶТ ҷиҳати ба роҳ мондани муроҷиатҳои электронӣ имконият фароҳам оварда шудааст. Вале бо дарназардошти мавҷудияти мушкилотҳои ҷойдошта дар самти ҳамкориҳои электронии мақомоти андоз бо андозсупорандагон, портали хизматрасонии электронӣ дар сомонаи КАҲҶТ ҷойгир карда шудааст, барои пешниҳоди саволҳо ва маслиҳатҳо мусоидат менамояд.

Дар асоси маълумотҳои КАҲҶТ 32% аз шумораи умумии пурсидашудагон дар бораи хизматрасонии муроҷиати электронӣ оид ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳанд, 54% -и он шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Аз шумораи умумии пурсидашудагон 81% аз имконияти истифодаи электронӣ огоҳанд. Соҳибкорони инфиродӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбат ба дигарон ба таври электронӣ эъломияҳои худро пешниҳод мекунанд, аммо дар баробари ин, тадриҷан афзоиши ҳиссаи чунин соҳибкорон мушоҳида мешаванд. Вобаста ба натиҷаи назарраси нишондиҳандаҳои мазкур якчанд тавсияҳо бо мақсади мукаммал гардидани низоми истифодаи хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод гардидаанд:

- таваҷҷуҳ дар кори иттилоотию маърифатӣ оид ба имконияти пешниҳоди эъломияҳои андоз тавассути вебсайт бояд ба минтақаҳо ва минтақаҳои деҳот равона карда шаванд;
- ҷорӣ намудани имкониятҳои пешниҳоди ҳисоботи танзимшавандаи андозсупорандагон ба забонҳои русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шаванд.

Шабакаҳои иртиботии Маркази тамоси КАҲҶТ имконият медиҳад, ки ҳар як андозсупоранда ба саволҳои худ посух гирад. Чунин шабакаи иртиботӣ имконият медиҳанд, ки дар роҳ ва интизорӣ вақтро аз даст надода, ба таври фосилавӣ посух бигиранд.

Бо дарназардошти рушди технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»[60] дар соли 2020 ба тавсиб расид, ки дар натиҷа шакли таҷдидшудаи сомона дар Кумитаи андоз тарҳрезӣ гардид, ки мувофиқи муқаррароти қарори мазкур истифодаи он бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шуд.

Бо мақсади осон намудани истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои андоз дар сомона ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон пешниҳод карда шудааст. Тадбирҳои роҳандозигардида барои корбарони сомона зуҳуроти навро дар ҷодаи кам кардани гардиши ҳуҷҷатгузории коғазӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ ба миён меорад.

Бинобар сабаби дастраси надоштани он андозсупорандагоне, ки ба шабакаи интернет, ё аз сабаби набудани таҷҳизотҳои зарурӣ ва малакаи кор бо компютер эъломияҳои андозро дар шакли электронӣ ба мақомоти андоз пешниҳод карда наметавонанд, нисбати бартарафнамоии чунин ҳолат мақомоти андоз дар доираи ҳадафҳои стратегӣ дар ҳамаи нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳо утоқҳои алоҳида (терминалҳо) ташкил ва бо таҷҳизотҳои ҳозиразамон муҷаҳҳаз гардонид, ки андозсупорандагон метавонанд аз он истифода намоянд.

---

[60] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»

Ислоҳоти институтсионалӣ пас аз анҷоми «Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз барои солҳои 2013 – 2018» бо дастгирии Кумитаи андоз ва Вазорати молия ҷиҳати такмил ёфтани маъмурикунонии андоз нигаронида шудааст. Барномаи омодагардида, барои солҳои 2020-2025 бо баъзе хусусиятҳо, ба монадӣ: беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ тавассути дуруст ба роҳ мондани сиёсати андоз, дастгирии иҷрои ихтиёрии уҳдадориҳои андоз ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон фарқ мекунад. Дар натиҷаи амалӣ гардидани Барномаи маҷмӯӣ системаи иттилоотии идоракунии андоз, системаи иттилоотии идоракунии захираҳои инсонӣ ва дигар ҷузъиёти корҳои пешбинишавандаи баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва одоби муоширати бо андозсупорандагон такмил меёбад.

Татбиқи Барнома (БРМА) бо маблағгузории 50 миллион доллар оғоз гардид, ки ҳадафи татбиқи Барнома соддагардонии расмиёти андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва беҳтар намудани иҷрои ихтиёрии ӯҳдадориҳои андоз мебошад.

Маблағгузории Барнома се самтро дар бар мегирад, аз ҷумла:

1. Беҳтар намудани сифати низоми андоз.
2. Баланд бардоштани сифати хизматрасонҳо ба андозсупорандагон.
3. Такмили иҷрои ихтиёрии уҳдадориҳои андоз.

Амалисозии Консепсияи иқтисоди рақамӣ (КИР) ва барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ барои солҳои 2021-2025, таҳкимбахши асосҳои институтсионалӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори технологияҳои иттилоотӣ дар мақомотҳои дахлдор, вусъатдиҳии низоми рақамикунонии иқтисодиёт, раванди вусъатдиҳии ҳукумати электронӣ, тартиби омодасозӣ ва соҳибкасб намудани

мутахассисон, амалигардонии раванҳои дигар вазифаҳо дар шароити рақамикунонӣ мувофиқ ба мақсад мебошад.

Бо ин мақсад, таъмин гардидани хизматрасониҳо ба шаҳрвандону андозсупорандагон мақомоти андоз ҳамкориҳоро байни сохторҳои дахлдор Вазорати молия, Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ, Бонки амонатгузории «Амонатбонк», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентиҳои омор, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ, Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ) бо дар¬назардошти имкониятҳои техникии ин вазорату идораҳо ба роҳ монда истодааст.

Яке аз роҳҳои амалинамоӣ бо мақсади рақамикунонии мақомот, кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ташкилотҳои молиявии қарзӣ мебошад. Дар доираи муқаррароти қонунгузорӣ айни ҳол бо 33 адад ташкилотҳои молиявии қарзӣ созишномаҳои ҳамкорӣ оид ба табодули электронии маълумот ба имзо расонида шуда, кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ба таври электронӣ амалӣ шуда истодааст, ки бо ин тартиб шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имконият доранд бе ташриф овардан ба мақомоти андоз мактуби ахборотӣ оид ба кушодани суратҳисоби бонкиро дар шакли электронӣ дастрас намоянд.

Сарфа намудани вақти андозсупорандагон, истифодаи технологияи иттилоотӣ ва фароҳам овардани барномаҳои компютерӣ яке аз афзалиятҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад, ки кӯшишҳои мақомоти андозро дар ин самт бештар менамояд. Дар ин давра мақомоти андозро лозим меояд тамоми хизматрасониҳои худро дар шакли электронӣ, бе ҳозир шудани андозсупоранда ба мақомоти андоз роҳандозӣ намуда, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро на танҳо зиёд, балки сифатан низ беҳтар намояд.

Бо мақсади таъмини иҷрои фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2 июни соли 2022, №294-ф «Дар бораи ҷорӣ намудани муроҷиати электронии

андозсупорандагон»[61] қабул карда шудааст, ки тибқи он ҳама намуди муроҷиатҳои андозсупорандагон ба дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, мақомоти ҳудудии андоз ва ирсоли ҷавобҳои онҳо барои шахсони ҳуқуқӣ аз санаи 1 июли соли 2022, барои соҳибкорони инфиродӣ аз санаи 1 октябри соли 2022 ва барои дигар андозсупорандагон аз санаи 1 январи соли 2023 тавассути «Утоқи шахсии андозсупоранда»[62] ба тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар мақомоти андоз ҳамеша бо мақсади дастгирӣ намудани субъектҳои соҳибкорӣ, батанзим даровардани муносибатҳои андоз, роҳҳои пешгирии гуногунфаҳмиҳо дар фаъолияти ҳамарӯза ва қонунвайрокуниҳо, инчунин дар КАҲҶТ шумораи назорати андоз кам шуда, дар баробари ин муқарраротҳо як қатор тадбирҳо оид ба назорати андоз, маниторинги андоз такмил гардида истодаанд.

Маниторинги андоз яке аз шаклҳои муосири назорати андозӣ буда, ҳамчун механизми татбиқи сиёсати андоз ба ташаккули раванди маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд. Тавре аз таҳқиқоти назариявии Табарзода Д. бармеояд, ки «мониторинги андоз шакли нави назорати андоз буда, ҳамкории иттилоотии байни андозсупорандагон ва мақомоти андозро дар бар мегирад»[63]. Муайян намудани маниторинги андоз ҳамчун роҳу воситаҳои нави хизматрасонӣ буда, шаффофияти риояи талаботҳои муқаррарнамудаи Кодкси андозро таъмин менамояд.

Яке аз мақсадҳои асосии сиёсати имрӯзаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар мамлакат ба ҳисоб меравад. Бо ин

---

[61] Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 2 июни соли 2022, №294-ф «Дар бораи ҷорӣ намудани муроҷиати электронии андозсупорандагон»

[62] Махзани электронӣ: www. andoz.tj №16(1371) 20.04.2023

[63] Табарзода, Д. Р. Мониторинги андоз ҳамчун шакли нави назорати андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Д. Р. Табарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2024. – No. 1(66). – P. 291-296. – EDN HESQFY.

мақсад, ҷиҳати иҷрои талаботи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, таҳти № 586 «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ»[64] мақомоти андоз бо бештар аз 19 муассисаву ташкилотҳои қарзӣ ҳамкориҳои фосилавиро роҳандозӣ намуд. Дар ин самт созишномаҳо оиди ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба роҳ монда шуда, тавассути он минбаъд андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз хизматрасониҳои эквайрингӣ, ҳамёни электронӣ ва Пос-терминалҳо ба буҷети давлат супорида мешавад.

Минбаъд барои вусъат додани рақамикунонии андоз ва такмили низоми маъмурикунонии андоз раванди ислоҳотҳои институтсионалиро тақвият дода, баҳри беҳтар гардонидани корҳо дар самти навсозӣ, вусъат бахшидан ба рақамикунонии соҳа ва дар ин замина мусоидат намудан ба пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ,  ки татбиқи ҳадафҳои «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» баҳисоб меравад, тадбирҳои муҳим арзёбӣ мегардад.  Рушди босамари маъмурикунонии андоз шароитҳои мусоидро баҳри рушди устувори фаъолияти соҳибкорӣ, коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ ва дигар чораҳои иловагӣ, ки ба татбиқи минбаъдаи барномаҳои нави давлатӣ дар соҳаи андоз ва гузариш ба иқтисоди рақамиро фароҳам меорад.

Дар ҷамъбасти параграфи мазкур чунин хулосаҳои хусусияти навгонидоштаро метавон пешниҳод намуд:

1. Муқаррар гардид, ки бунёди низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шароити институтсионалии сифатан нав, яъне мутобиқатнамоии фаъолияти минбаъдаи мақомоти андоз ва раванди татбиқи корҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди бозориро пайдо намуд. Барқарор ва рушди низоми милли андоз дар доираи қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва арзёбӣ гардидани меъёрҳои танзимкунандаи Кодекси андоз ба

---

[64] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, таҳти № 586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ[64]”

фаъолияти соҳибкорӣ ва татбиқи дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарм, Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

2. Муайян карда шуд, ки такмили қонунгузории соҳаи андоз зимни омӯзиш чор марҳилаи қабули Кодекси андоз, ки аз ҳамдигар бартариятҳои мусбӣ доранд, пешниҳод гардидаанд. Раванди ислоҳоти иқтисодӣ пас аз қабул гаштани нахустин Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи дигари рушди низоми андози мамлакат гардид, ки тадриҷан ба тағйир ёфтани фазои соҳибкорӣ тағйироту иловаҳои зиёд ворид карда шуд

3. Муқаррар гардид, ки ҳама гуна ислоҳот эҳтиёҷ ба дастгирии молиявӣ ва техникӣ доранд. Аз ин рӯ барои вусъат бахшидан ба раванди амалишавии Барнома, самтҳои афзалиятдоштаи маъмурикунонии андоз бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ ҷонибдорӣ гардид, ки мо онро дар доираи компанетҳои тақсимгардида ошкор намудем.

4. Муқаррар карда шуд, ки рафти корҳои иҷрогардида дар мақомоти андоз вобаста ба самтҳои афзалиятноки дар Барнома пешбинигардида, масалан азнавсозии сохтор ва беҳтарнамоии шароити муосир, ҷорӣ намудани системаи ҳамгироиҳо, фаъолият намудани дигар бахши хизматрасониҳо ва таъсиси марказҳои таълимӣ дар вилоятҳо анҷом ёфтааст.

5. Зина ба зина қабул гардидани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ барои беҳтар гардидани низоми фаъолияти мақомоти андоз, такмили сифати хизматрасониҳо, содаю оммафаҳм гардонидани тартиби бақайдгирӣ, пешниҳоди эъломияҳои электронӣ ва дастрасӣ пайдо намудани андозсупорандагон ба шароитҳои институтсионалии муосири мақомоти андоз дар диссертатсия пешниҳод гардидаанд.

### 1.3. Ҳолати муосири истифодаи таҷрибаи хориҷии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Низоми андози амалкунанда дар марҳилаҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ боиси ба миён омадани мушкилотҳои зиёд гардид, ки чунин шароит ба якбора паҳн гардидани технологияҳои рақамӣ, фароҳам овардани низоми рақамикунонии андоз ва дар ин замина имконияти омӯзиш ва истифодаи

таҷрибаи хориҷиро ба миён овард. Дар аввал барои мақомоти андоз ва андозсупорандагон имконияти истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳамчун ҳолати нигаронкунанда ба назар мерасид, дар ҳоле ки аллакай аксарияти кишварҳои пешрафта пурра ба низоми иқтисоди рақамӣ гузаштаанд ва суръати кориашонро ба сонияҳо табдил додаанд.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ тадбири саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад, чунки дар ҳоли ҳозир тавассути ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ, ҳамгироиҳои иттилоотӣ, мубодилаи иттилоотҳо ва ғайра имкониятҳои зиёд барои рушди минбаъдаи маъмурикунонии андоз ба вуҷуд меояд. Бо мақсади ба низом даровандани раванди ташаккули маъмурикунонии андоз мақомоти андоз дар доираи имкониятҳои худ, ҷиҳати расидан ба таъмини шаффофияти воридотҳои андозӣ дар заминаи ҳамкориҳои хориҷӣ ва истифодаи таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ саҳми худро зиёд намояд.

Истифодаи тиҷорати онлайнии платформаҳои рақамӣ дар аксарияти мамлакатҳои ҷаҳон мушоҳида мегардад, махсусан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи дар тамоми соҳаҳо ворид гардида, ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, таъсири худро мегузорад. Дар айни замон истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба беҳтар гардидани раванди маъмурикунонии андоз, таъмини самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таъмин менамояд. Дар ин бобат таҳқиқотҳо вобаста ба раванди татбиқи вазифаҳои хизматӣ ва назорати маъмурикунонии андоз дар асоси технологияҳои рақамӣ мувофиқ ва саривақти арзёбӣ мегардад, ки дар ин самт «бисёр хизматрасониҳои электронӣ ва онлайнӣ ба таври кофӣ офарида шудааст. Бо вуҷуди ин моделҳои нав ва тамоюли ҷаҳонӣ мушкилоти берунии соҳаи идоракунии андозро муайян мекунанд, ки таҳия ва такмили унсурҳои алоҳидаи он дар муҳити рақамӣ имконпазир мебошад»[65].

[65] **Батаев И.Т.** Сервисная и контрольная функция налогового администрирования в системе цифрового взаимодействия государства и экономических субъектов Автореферат,

Дар сатҳи иқтисодиёти ҶТ ворид гардидани технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури таъмини мубодилаи маълумотҳо дар сатҳҳои байнисоҳавӣ ва шаҳрвандон арзёбӣ гардида, алҳол ба тамоми самтҳои фаъолияти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ба назар мерасанд. Тайи солҳои охир истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ бештар паҳн гардида истодаанд, ки чунин тадбирҳо аз дастгириҳои ҲҶТ далолат медиҳанд. Бо мақсади таъмини саривақтии сиёсати андоз барномаҳои давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ аз тарафи мақомоти андоз дар муҳити рақамӣ тадбирҳои зарурӣ андешидаанд.

Масъалаҳои рушди маъмурикунонии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар сатҳи омӯзиш ва муқоисаи кишварҳои хориҷӣ мавқеи хоссаро соҳиб буда, ҳамзамон қайд намудан бамаврид аст, ки низоми андоз дар шароити нобаробарии сатҳҳо байни кишварҳои ҳамрадиф қарор доранд. Дар қиёс мо ҳолати муосири раванди ташаккулёбии низоми маъмурикунонии андози кишварҳои хориҷиро бо раванди такамилдиҳии маъмурикунонии андози кишвар муқоиса менамоем.

Ҳар як мамлакат метавонад дастурҳои вазифавиро вобаста ба таъминоти барномавии системаи автоматикунонидашуда барои муҳайё гардидани шароит ба муштариён ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷатҳо оид ба бақайдгирӣ ва иҷрои уҳдадориҳои пардохти андоз чораҳо амалӣ намояд. Дар ҷараёни маъмурикунонии андоз пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ барои бисёр андозсупорандагон дар аввал кори осон наменамояд, чунки ҳангоми гузариш аз низоми пештараи пардохти андоз ба сохти нави низоми пардохти андоз мушкилиро ба миён меорад, вале зиёд гардидани хизматрасониҳои электронӣ заминаи асосии рушди маъмурикунонии андоз буда, дар доираи як камарбанд рушд додани ҳамкориҳо бо дигар созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ мебошад.

Тавре аз таҷрибаи андозбандии кишварҳои Аврупо ва Америка бармеояд, садсолаҳо боз фаъолияти бонизоми ин мамлакатҳо мутобиқ ба

---

Грозный – 2020. Стр 1-24. Махзани электронӣ: https://www.dissercat.com › content › servisnaya-i-kontr.

шароити иқтисоди бозорӣ амалӣ гардида, нақши онҳо дар такмилдиҳии низоми маъмурикунонии андоз ва татбиқи сиёсати андоз хеле хуб мебошад, чунки низоми идоракунии андоз дар ин кишварҳо аз сиёсати пешгирифтаи давлат вобаста аст. Маслан, «дар ИМА раванди маъмурикунонии назорати андозҳо чунин аст, ки се шакли асосии назорату санҷишҳои андозӣ амал менамояд»[66]:

– дар шакли фосилавӣ;
– дар шакли камералӣ;
– санҷиши сайёр.

Бо ин восита дар ИМА усулҳои муосири низоми маъмурикунонӣ ҷорӣ гардидааст, ки он имконияти ба тарзи ихтиёрӣ ва саривақт пардохт намудани андозу боҷҳоро ба андозсупорандагон медиҳад, то ин ки онҳо бе тадбиқи чораҳои маъмурӣ, маблағҳои андозии худро ба буҷети давлат пардохт намоянд. Бо мақсади таъмини афзалияти маъмурикунонии андоз, аз тарафи олимони англис Muehlbacher, S., Kirchler, E. & Schwarzenberger, H. «модели ‘lippery slope’- ро , ки нишебии равиши алтернативиро, аз ду нишондиҳандаи тағйирёбандаи калидӣ – эътимод ва қудрат иборат аст, дар таҳқиқоташон мувофиқ намуданд. Вобаста ба ҳар ду ҳолат тахмин меравад, ки риояи ихтиёрӣ пеш аз ҳама эътимод пайдо кардан ба мақомот аст, аммо риояи маҷбурӣ ба вазифаи салоҳиятҳое ки ба мақомот тааллуқ доранд»[67].

Аз нуқтаи назари тавсияҳои амалишавандаи онҳо чунин мешуморем, ки Кумитаи машваратии идоракунии электронии андози ИМА барои эътимод пайдо намудани андозсупорандагон, такмили системаи идоракунии андозро дар асоси ихтиёран риоя гардидани қонунгузории андоз, андешидани чораҳои маҷмуӣ ва силсилавӣ ба таври васеъ роҳандозӣ намуда, дар асоси

---

[66] Халифазода С. Такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир: Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз. Душанбе 2022
[67] Muehlbacher, S., Kirchler, E. & Schwarzenberger, H. Voluntary versus enforced tax compliance: em pirical evidence for the “slippery slope” framework. Eur J Law Econ **32**, 89–97 (2011). https://doi.org/10.1007/s10657-011-9236-9

таҳияи модели эътимоднокии андозсупоранда "Taxpayer Trust Model[68]" метавонад ба қонунгузорон, маъмурони андоз ва ҷонибҳои манфиатдор дар раванди қабули қарорҳо кӯмак расонад..

Маъмурикунонии андози ИМА дар бисёр ҳолатҳо рушдёбанда арзёбӣ гардида, барои таъмини дастрасӣ, шаклу усулҳои интихоб, шаффофият ва амният ҳамчун экосистемаи андоз якҷоя кор мекунанд. Раванди идоракунии андози америкоӣ дар алоҳидагӣ амал намекунад, он ҳамчун системаи ба ҳам алоқаманд, ки дар якҷоягӣ бо дигар сохторҳои дахлдор системаеро эҷод мекунанд, ки андозсупорандагон самарабахш будани кори системаи маъмурикунониро интизорӣ мекашанд. Эътимоднокии андозсупорандагон ба низоми кори мақомоти андоз алоқаманд мебошад, чунки шаффофияти воридоти андоз аз масъулият, таъмин гардидани ҳамкориҳои байнисоҳавӣ ва тадбиқи сиёсати қонунгузорӣ вобаста мебошад.

Таъмини иҷрои қонунгузории андоз дар низоми кори мақомоти андози дигар кишварҳо фарқ мекунад, масалан таъмини иҷрои қонунгузории андоз дар ИМА зиёда аз 80% - и воридоти андозро ташкил медиҳад. Ин далел гувоҳӣ он аст, ки дар ин кишвар системаи кори маъмурикунонии андоз тайи солҳои зиёд дуруст роҳандозӣ гардида, ҳамчун васила барои самаранокии риояи қонунгузории андоз ва фаъолияти мустақилонаи андозсупорандагон мебошад. Ин нишондиҳанда дар Тоҷикистон дар сатҳи паст буда, қайд кардан зарур аст, ки дараҷаи ихтиёран иҷро намудани уҳдадориҳои андоз ба сатҳи фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ вобаста буда, тибқи натиҷаҳои санҷишҳои амалиётии мақомоти андоз зиёда 25%-ро ташкил намуд.

Низоми байналмилалии андози кишварҳои аврупоӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ вобаста ба мавҷуд будани тағйирёбии ҳолати авзои сиёсии ҷаҳон яке аз масъалаҳои ба такмили маъмурикунонии андоз ниёз доштаи созмонҳои дохилиидоравии аврупоӣ гардид. Бо ин мақсад аз тарафи Созмони

---

[68] Publication 3415, Electronic Tax Administration (ETA) Advisory Committee Annual Report to Congress// Publication 3415 (Rev. 6-2023) Catalog Number 28110R Department of the Treasury Internal Revenue Service.https://www.irs.gov/site

дохилиаврупоии маъмурикунонии андоз (IOTA) дар 27-умин Ассамблеяи Генералии IOTA, ки аз 27 то 29 июни соли 2023 дар шаҳри Тифлиси Гурҷистон баргузор гардида буд, ки «дар ин лаҳзаҳои ноором, на танҳо барои минтақаи Аврупо, балки барои тамоми ҷаҳон, бояд захираҳоро барои пешниҳоди маъмурикунонии андози хизматрасониҳои давлатӣ мунтазам сафарбар намоем. Ин як ҳадафи умумӣ аст, ки роҳи ҳалли онро танҳо андешидани тадбирҳои муштараки маъмурикунонии андоз, тавассути иштироки созмонҳои шарики байналмилалӣ, тиҷорат ва академия дар бузургтарин чорабинии IOTA ба миён меояд»[69], ки ривоҷ мегирад.

Яке аз масъалаҳои асосӣ дар Ассамблеяи Генералӣ «Тағйир додани низоми байналмилалии андоз ва маъмурияти андоз» буд, ки он доираи васеъи мавзуъҳои марбут ба рушди низоми технологии маъмурикунонии андоз, мутобиқатнамои ба навсозии табиати байналмилалии қоидаҳои андозситонӣ, технологияҳо ва моделҳои тиҷоратро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар бар мегирифт.

Нақши рақами бақайдгирӣ дар маъмурикунонии андозҳо бениҳоят муҳим аст. Дар аксарияти давлатҳо тартиби бақайдгирии андозсупорандагон ва раванди муносибат бо андозсупорандагон тавассути рақами бақайдгирӣ ба роҳ монда мешавад. Ин масъала аз сиёсати андозбандии кишварҳо вобастагӣ дорад. Масалан, дар Фаронса рақами бақайдгирии андозсупорандагон тавассути «рақами мушаххаси суғуртаи иҷтимоӣ барои пардохти андоз аз даромад ва андоз аз арзиши иловашуда»[70] истифода бурда мешавад.

Дар аксарияти кишварҳои ИА, аз ҷумла Дания, Корея, Норвегия, Австрия, Шветсия ва Олмон бо мақсади ба роҳ мондани назорати пардохти андозҳо рақами умумиҷамъиятии андозсупоранда дода мешавад. Чунин раванди шакли назорат дар ИМА бо додани рақами мушаххаси суғуртаи

---

[67] 27th General Assembly of IOTA "Transformation of International Tax System and Tax Administrations" Махзани электронӣ: https://www.iota-tax.org/search/node/2023%20report

[70] Институциональные и организационные характеристики налоговых органов. Studme.orgURL:tp://studme.org/111512129929/ekonomika/institusionalnye_organizasionnye_harakterist iki_nalogovyh_organov.

иҷтимоӣ ва дар кишварҳои аъзои ИДМ асосан рақами мушахасси андозсупоранда (РМА) истифода бурда мешавад.

Тайи солҳои зиёд аст, ки кишвари мо аз таҷрибаи давлатҳои ИДМ истифода мебарад, ки низоми андозбандиашон нисбатан муосир буда, бештар аз се даҳсолаи охир аз интихоби самтҳои алоҳидаи низоми андозбандӣ, ки барои ҶТ аз манфиат холӣ нест, баҳрабардорӣ менамоянд. Ҳангоми истифодаи таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ омилҳое ҳастанд, ки аз вазъи иқтисодӣ, мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, анъанаҳои миллӣ, воҳидҳои марзию маъмурӣ ва дигар хусусиятҳои ба сиёсати пешгирифтаи давлат вобаста ба инобат гирифта мешаванд.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ солҳои зиёд идоракунии низоми андози ҶТ дар шароити ниҳоят вазнин қарор гирифт. Тамоми санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар соҳаи андоз амалишаванда вобаста ба тадбиқи сиёсати дохилию хориҷии кишвар бештар аз таҷрибаи қонунгузории Федератсияи Россия ба мо боқӣ монда буд. Масалан, дар солҳои 90-ум низоми идоракунии андоз дар бисёр мамлакатҳои Аврупо нисбат ба Федератсияи Россия содатар гардид.

Аз замони таъин гардидан ба мансаби Роҳбари Хадамоти Федералии андози Россия дар соли 2010, Михаил Мишустин дар пешбурди «Стратегияи аввалини низоми рақамӣ» нақши калидӣ гузошт[71]. Вай кори худро аз рақамикунонии маъмурикунонии андоз шуруъ намуд. Он портали андозро ташкил намуда, бо воситаи он андозсупорандагон имконият пайдо намуданд, ки эъломияҳои андозӣ, маблағҳои баҳисобгирифташуда ва андозҳои пардохтгардидаро аз назар гузаронанд. Албатта, чунин тадбирҳо дар аввал хело роҳи мушкил ба назар мерасид, чунки хароҷотҳои бисёрро талаб менамуд. Мушкилоти мавҷудбуда, барои корхонаҳои корпаративӣ ҳангоми сохтани форматсияҳои ҳисоботии андозсупорандагон хароҷотҳои иловагиро

[71] Стратегия цифровой трансформации: написать, чтобы выполнить / С83 под ред. Е. Г. Потаповой, П. М. Потеева, М. С. Шклярук. — М.: РАНХиГС, 2021. — 184 с. https://storage.strategy24.ru › files › news › 202102

ба вуҷуд меовард. Ҳамин тавр, Россия барномаи хизматрасонии рақамикунонии андозро дар муҳлати кӯтоҳ амалӣ кард.

Таҷрибаи гузаштан ба низоми электронии хизматрасониҳо на танҳо дар Федератсияи Руссия барои кишварҳои ИДМ тағйиротҳои зиёдро ба вуҷуд оварда, бо андешидани тадбирҳои созандагӣ ва такмили низоми маъмурикунонии андоз заминаи воқеӣ ба ҳисоб рафт. Чунин раванди фароҳам овардани шароит бо мақсади таъмини шаффофияти даромадҳою харҷотҳои андозии кишвар тадбири муҳим ба ҳисоб рафта, барои пурзӯр гардонидани назорати воридоти андозҳо ба сатҳҳои буҷет мусоидат менамояд.

Дар фаъолияти мақомоти андоз татбиқи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар масъалаи маъмурикунонии андоз тайи солҳои охир ба назар мерасад. Барои ба таҷрибаи ҳамарӯзаи маъмурикунонии андози дигар киварҳои пешрафта ҳамрадиф гардидан, метавонем қайд намоем, ки имкониятҳои дохилии молиявиро барои омодасозии шаҳрвандон ва тафаккури ҷомеаро ба таҷрибаи беҳтарини истифодаи технологияҳои рақамӣ шинос кардан он шароитҳоро муҳайё созем. Дар ин маврид аз рейтинги кишварҳое истифода намоем, ки механизми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Тоҷикистон мувофиқ бошад.

Аз рӯи сарчашмаҳои Doing Business1 маъруфтарин кишварҳо дар амалияи андозбандӣ аз руи рейтинги истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки дар асоси таҳлил ва тавсияҳои Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) оид ба рушди хизматрасониҳои рақамӣ дар соҳаи андозбандӣ муайян шудаанд, аз ҷумла барои таҳлил кишварҳое оварда шудаанд, ки вақтҳои охир дар соҳаи идоракунии андоз тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ бо дарназардошти тадбирҳои пешниҳодкардаи СҲИР ба нишондодҳои зиёд сазовор гардидаанд ва инчунин дар нишондиҳандаи «Пешбурди соҳибкорӣ» дар амалияи андозбандӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон болотаранд, мушаххас гардидаанд. Ба ин кишварҳо дохил мешаванд: Австралия, Сингапур, Канада,

Британияи Кабир, Ирландия, Нидерландия, Австрия, Дания, Норвегия, Россия ва Қазоқистон[72].

Раванди рақамикунонӣ сифати идоракунии давлатиро ба куллӣ тағйир медиҳад. Бо афзоиши босуръати хароҷоти истеҳсол, таҳлил ва ҷамъбасти маълумот, афзоиши шумораи коргарони дорои омӯзиши таҳлилӣ дар бисёр кишварҳои пешрафта, низоми ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумотҳоро ҳамчун як қисми моделҳои ташкилӣ ва идоракунии худ нигоҳ медоранд.

Ҳангоми гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар бисёре аз ин кишварҳои минтақаи Аврупо ва Осиё иқтидорҳои давлат камтар ба назар мерасанд. Махсусан, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти давлат ва ба даст овардани эътимоди шаҳрвандон аз вазифаи аввалиндараҷа дар назди ҳукуматҳои мамлакатҳои минтақа ба ҳисоб мераванд. Дар баробари рушди технологияҳои иттилоотӣ дастрас гардидани аҳолӣ ба истифодаи он ба таври назаррас меафзояд. Масалан, ба роҳ мондани назорати андозро нисбат ба андозсупорандагон ба таври доимӣ тавассути пешниҳоди хизматрасониҳои фардӣ нигоҳ медорад.

Дар таҷрибаи фаъолияти мақомотҳои андози давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон мониторинги иҷрои қонунгузории андоз ва механизми такмилдиҳии пешниҳоди хизматрасониҳо риояи самараноки иҷрои қонунгузории андоз, ки шаффофияти фаъолияти иқтисодиро таъмин менамояд, ба назар мерасанд.

Дар асоси маълумоти кишварҳои аъзои ИДМ дар соли 2019, ки аз ҷониби Шурои ҳамоҳангсозии ИДМ омода гардидааст, ки дар он самтҳои асосии фаъолияти муосири хизматрасониҳои андози давлатҳои аъзои ИДМ, инчунин масъалаҳои такмилдиҳии низоми андози давлатҳои аъзои ИДМ

---

[72] Доклад всемирного банка об экономике региона Европы и Центральной Азии • весна 2021, данные, цифровизация и государственное управление// 2021 год. Международный банк реконструкции и развития / Всемирный банк, 20433 округ Колумбия, Вашингтон, улица nw, 1818 h https://www.vsemirnyjbank.org

инъикос ёфтааст. Дар маҷмуъ, инъикос гардидани самтҳои афзалиятноки маъмурикунонии андоз тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои нави иттилоотӣ ва қоидаҳои ҷорӣ намудани механизми ҳисобнома-фактураҳои электронӣ инҳоро дар бар мегирад[73]:

– фароҳам овардани шароити муосири андозбандӣ барои андозсупорандагони давлатҳои аъзои ИДМ;
– расмиёти соддагардониии бақайдгирӣ, кам гардидани сарфаи вақт, хароҷоти маъмурӣ ва меҳнат ба андозсупорандагон ва мақомоти андоз;
– танзими муносибатҳои андозӣ тавассути кам кардани робитаҳои бевоситаи андозсупорандагон бо кормандони мақомоти андоз;
– ташкили муомилоти электронии ҳуҷҷатҳо ва имкониятҳои тартиб додани ҳисоботҳои андоз ба таври автоматӣ;
– шаффофияти муомилотро дар бахши тиҷорат ва дигар шаклҳои соҳибкорӣ.

Таҷрибаи дигаре, ки дар амалияи андозбандии мамлакатҳои аъзои ИДМ натиҷаи босамар додааст, ин истифодабарии кассаҳои (хазина) онлайнӣ дар соҳаи фурӯши чаканаи молҳо ва пешниҳоди хизматрасонҳо мебошад. Чунин дастгоҳҳои онлайнии идорашаванда дар пешбурди фаъолияти мақомоти андоз бо мақсади иҷрои шаффофияти баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ воситаи муҳимм дар шароити иқтисоди рақамӣ арзёбӣ гардида, дар вақти муайянгардида маълумотро дар бораи муомилоти пулӣ ба мақомоти андоз мустақиман ё тавассути операторон интиқол медиҳанд.

Аз соли 1997 Хадамоти Федералии андози Россия дар доираи нақша-чорабиниҳои таҳиянамуда раванди автоматикунонӣ ва рақамикунонии маъмурикунонии андозро пайгирӣ намуд. Ҳамчунин, сардори Хадамоти федералии андози Россия Михаил Мишустин дар Форуми СҲИР оид ба маъмурикунонии андоз, ки дар шаҳри Сантяго вобаста ба таҷрибаи кишварҳо

[73] О влиянии цифровой экономики на развитие системы налогообложения в государствах – участниках СНГ. Махзани электронӣ: https://e-cis.info/cooperation/3049/90302/

оид ба азхудкунии воситаҳои нави технологӣ ва истифодаи он баргузор гардид, қайд намуд, ки истифодаи технологияҳои муосир ба маъмурикунонии андоз имкониятҳои номаҳдуди беҳбудӣ медиҳад[74].

Мақомоти андози Федератсияи Россия барои баланд бардоштани самаранокӣ ва кам кардани харoҷоти коркарди маълумот дар сатҳи маъмурикунонии андоз раванди мутамарказ намудани системаи иттилоотиро, ки ба кори минбаъдаи дастрасии онлайн ба фаъолияти мақомот мусоидат менамуд, тадбирҳои заруриро амалӣ намуд. Раванди мутамарказгардонии дастрасии онлайн ба Хадамоти федералии андоз аз соли 2016 оғоз гардида, то имрӯз моделҳои ҳамкорӣ тавассути системаи ҳамгироиҳои рушди хизматрасониҳои электронӣ дар Россия амал мекунанд. Айни замон дар анбори электронии Хадамоти Федералии андози Россия 14 платформаҳои электронӣ бо пешниҳоди 76 номгӯи хизматрасониҳои электронӣ ҷойгир гардидааст, онро метавонем дар расми 1.3.1. нишон диҳем.




**Расми 1.3.1. - Анбори электронии Хадамоти Федералии андози Россия дар соли 2023**
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф асоси махзани электронии сомонаи Хадамоти Федералии андози Россия www.nalog.gov.ru/

---

[74] Михаил Мишустин. Цифровизация дает безграничные возможности для совершенствования налогового администрирования. Махзани электронӣ: www.nalog.gov.ru/rn77/news/activities_fts/8588791/

Ҳамзамон, дар асоси истифодаи расми 1.3.1. пайгирии Лоиҳаҳои рушди маъмурикунонии андоз аз тарафи мақомоти андози Федератсия Россия иқдоми беназир ҷиҳати назорат бурдани низоми автоматикунонии маъмурикунонии андоз, дар вақти лозима нисбати ҳар як андозсупоранда ҳангоми анҷом додани хизматрасониҳои дар расм арзёбигардида, пешгирии ҳолати бавуҷудоии хатарҳо мебошад.

Бештар таваҷҷуҳ намудан ба таҷрибаи андозбандии Федератсия Россия аз он иборат мебошад, ки ин кишвар тавонист дар муддати кӯтоҳ тағйиротҳои ҷиддиро дар рушди маъмурикунонии андоз ҷиҳати сифатан нав ва мутобиқ намудани хизматрасониҳои электрониро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ роҳандозӣ намояд. Агар мо ба низоми маъмурикунонии андози ин кишвар назар намоем, гуфта метавонем, ки низоми идоракунии андоз федеративӣ буда, раванди маъмурикунонии андоз нисбати дигар кишварҳо фарқ мекунад. Хусусияти фарққунандааш дар он аст, ки механизми маъмурикунонии андози ин кишвар дар шаклу усулҳои истифодаи ахборотҳо ба тобеияти Ҳукумати Федератсияи Россия хос мебошад.

Масъалаи истифодаи таҷрибаҳои ҷаҳонии андозбандӣ ҷиҳати такмили низоми маъмурикунонии андоз дар заминаи Стратегияи давлатӣ роҳандози гардида, рушди низоми андозро вобаста ба хусусиятҳои миллӣ муайян менамояд. Мақомоти андоз дар самти такмил додани низоми маъмурикунонии андоз ҳамкориҳои иқтисодиро бо мақсади рушди муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани ҳамгироии минбаъдаи иқтисодӣ, фароҳам овардани имкониятҳои баробарро барои субъектҳои хоҷагидорӣ ва беҳтар намудани муносибатҳои андозбандӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон ба роҳ мондаанд[75].

Муносибатҳои андоз байни Қазоқистон ва Тоҷикистон дар доираи ҳадафҳои Стратегӣ амалӣ гардида, ҷиҳати такмили низоми андоз дар

---

[75] **Манбаъ:** Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон доир ба масъалаҳои андозбандӣ// Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/AvoidanceOfDoubleTaxation

Ҷумҳурии Қазоқистон ислоҳотҳое гузаронида шуд, ки маъмурикунонии андоз, таъмини самарабахши ташкили шаклҳои назорати андоз ва усулҳое, ки ба самтҳои сиёсати иқтисодии давлат асос ёфтаанд. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷараёнҳои иқтисодӣ дар ҳолати шахшуда намеистанд, аз ин рӯ маъмурикунонии андоз дар ҳолати тағйирот қарор дорад. Маълум мешавад, ки маъмурикунонии андоз ба дигаргунсозиҳои иқтисодиёт, раванди муносибатҳо ва дар маҷмуъ ба ҳама масъалаҳои иқтисодӣ алоқаманд буда, бо ёрии механизмҳои танзимкунанда, ба бунёди инфраструктураи иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меорад. Мақомоти андози Қазоқистон мавқеи марказиро дар соҳаи назорат ва санҷишҳои андоз бо истифода аз механизми маъмурикунонии андоз ба уҳда дорад. Дар даҳ солаҳои охир Ҷумҳурии Қазоқистон ҳангоми гузариш ба иқтисоди рақамӣ, яъне аз иқтисоди анъанавӣ ба иқтисоди рақамӣ бештар таваҷҷуҳ намуд. Иқтисоди рақамиӣ раванди табдилдиҳии ҳамаҷонибаи тамоюлҳои ҷаҳонӣ ба ҳисоб мерафт.

Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо назардошти кишвари ҳамсарҳад ва транзитӣ бо кишвари мо маҳсуб ёфтанаш, ҳамчун давлати соҳибистиқлол солҳои зиёд аст ҷиҳати такмили сиёсати андоз, баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз, кам кардани сарбории андоз, содагардонии низоми андоз ва ба куллӣ кам кардани ҳисоботи андоз тадбирҳои ҳамаҷониба меандешад. Бо мақсади боз ҳам такмил додани низоми андоз, коҳиш додани гардиши ҳуҷҷатҳои пинҳонӣ дар иқтисодиёт, амалӣ намудани самтҳои асосии Консепсияи такмили сиёсати андоз дар асоси фармоиши президенти кишвар «Дар бораи тадбирҳои иловагии такмил додани маъмурикунонии андоз»[76], тадбирҳо амалӣ мегарданд.

Ислоҳоти гузаронидаи низоми андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар давраи солҳои 2016 - 2020 имконият дод, ки номутаносибӣ дар низоми андозбандӣ ва сарбории андоз бартараф карда шаванд, соҳибкорон аз иҷрои

---

[76] Фармони Президенти Ҷуҳурии Ӯзбекистон "Дар бораи тадбирҳои иловагии такмил додани маъмурикунонии андоз" аз 10.07.2019 г. № ПП-4389//Махзани электронӣ: review.uz

фишори маъмурӣ озод карда шаванд ва натиҷаи ислоҳоти гузаронидашуда ба табдил додани хизматрасониҳои электронӣ, ки фаъолияти мақомоти андозро дар бар мегирад, шароити фароҳам овард.

Дар натиҷаи ислоҳот, дар ин давраи аз соли 2016 то соли 2020 шумораи супорандагони андози замин аз шахсони ҳуқуқӣ 37,9 маротиба зиёд шуда, аз 4,1 ҳазор то 155 ҳазор адад, супорандагони андоз аз истифодаи захираҳои об 36,5 маротиба аз 3,9 ҳазор то 141,1 ҳазор адад, супорандагони ААИ 17,3 маротиба аз 6,7 ҳазор то 115,6 ҳазор адад, супорандагони андоз аз даромад 15,2 маротиба аз 7,6 ҳазор то 115,6 ҳазор адад. Супорандагони андози аксиз 8,8 маротиба аз 0,4 ҳазор то 3,8 ҳазор адад расонида шуд. Аз рӯи рейтинги «Пешбурди соҳибкорӣ» Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар як сол аз 2,1 ба 8,2 балл афзуда, ба зинаи 69-ум дар соли 2021 баромад. Дар ҳамин ҳол, аз рӯи нишондиҳандаи “андозбандӣ” Ҷумҳурии Ӯзбакистон низ дар ҷои 69-ум (+0,6) ва аз соли 2016 инҷониб 24,6 баллро ишғол намуд. Аз ин бармеояд, ки ҳангоми гузаронидани ислоҳот дар давоми панҷ сол нишондиҳандаҳои андоз аз рӯи ҳамаи субъектҳои истифодабандагони номгӯи андозҳо дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон зиёд гардидааст.

Илова ба тағйир ёфтани меъёри андозҳо, ки ба азоиши бевоситаи гаронии андоз мавҷуд аст, яке аз масъалаҳои мубрамтарини маъмурикунонии андоз барои андозсупорандагон ба ҳисоб меравад, чунин ҳолат ҳамчун мушкилот дар пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ халал мерасонад. Дар таҳқиқоти коршиносон ҳангоми пурсиши 29% - андозсупорандагон муайян гардид, ки гаронии андоз ҳоло ҳам дар ин кишвар зиёд аст.

Мақомоти андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳама сола бо мақсади пайгирӣ ва амалӣ намудани саёсати андозбандии кишвар, самаранокии шаклу усулҳои назоратро дар миқёси андозҳои амалкунанда меомӯзад. Чораҳои назорати андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дуруст муайян намудани механизми маъмурикунонии андоз вобаста буда, тартиби иҷрои онро бо роҳу усулҳои қонунӣ ҳар сол Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон тағйир медиҳад. Дар муқоисаи ба низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти

асосии самти маъмурикунонии андоз дар тағйирдиҳии низоми қонунгузорӣ вобаста ба паст ё баланд намудани меъёрҳои назоратӣ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз соли 2016 ислоҳот дар рушди низоми маъмурикунонии андоз, мубодилаи маълумотҳо дар шакли электронӣ ва тағйиротҳо дар низоми қонунгузории мамлакатҳои Осиёи Марказӣ (ОМ) ба назар мерасанд. Ҳоло низоми андози мамлакатҳои ОМ дар кадом сатҳ қарор додад, дар ҳоле ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори малакатҳои ОМ мавқеи назаррасро дар доираи ҳамкориҳои муносибатҳои андозбандӣ соҳиб аст, дар ҷадвали 1.3.1. мушоҳида менамоем.

**Ҷадвали 1.3.1. – Номгӯй ва ҳиссаи воридоти андозҳо дар миқёси мамлакатҳои Осиёи Марказӣ барои соли 2022***

| **р/т** | **Мамлакатҳо** | **Номгӯи андозҳо** | **Ҳиссаи воридоти андозҳо ба буҷети давлат, %** |
|---|---|---|---|
| **1.** | Тоҷикистон | 7 – номгӯй | **60** |
| **2.** | Қазоқистон | 12 – номгӯй | **58** |
| **3.** | Қизғизистон | 8 – номгӯй | **64** |
| **4.** | Ӯзбекистон | 9 – номгӯй | **62** |
| **5.** | Туркменистон | 11 – номгӯй | **56** |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/ economic /20230425/ kogda-nalogi szhirayut-dohodi-u-kogo-v-tsentralnoi-azii-samoe-visokoe nalogooblozhenie. Таджикистан/

Аз рӯи маълумотҳои дар ҷадвали 1.3.1. овардашуда ҳиссаи воридоти андозҳо нисбат ба буҷети давлатӣ қиёс гардида, дар он новобаста аз зиёд ё кам гардидани номгӯи андозҳо ҳиссаи воридоти андозҳо ба буҷет мутаносиб ба таҷрибаи андозбандии ҳар як давлат муқоисашаванда аст. Аз номгӯи андозҳои овардашуда, на ҳамаи андозҳо ҳиссаи баробарро дар таъмини буҷет ишғол менамояд.

Дар маҷмуъ гуфта метавонем, ки низоми андозбандӣ мамлактҳои таҳлилгардида бо сиёсати пешгирифтаи давлат фарқ мекунад. Дар кишварҳои ИДМ ва ОМ мавқеи ҳар як давлат пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар истилоҳоти низоми молиявӣ дигар шуд. Махсусан, кишварҳое, ки ба

мамлакатҳои Аврупо ва қисматҳои ҷанубии минтақаи Осиё ҳамкориҳои иқтисодиашонро баъд солҳои 1990 -уми асри XX ривоҷ доданд, тавонистанд кишвари худро ба таҷрибаи андозбандии низоми иқтисодиёти бозорӣ мутобиқ намоянд. Ҳамкориҳо ва робитаҳои пайдарҳами иқтисодӣ боиси истифодаи таҷрибаи пешқадами ҳар як малакат мегардад. Аз ин рӯ бо мақсади такмили механизми маъмурикунонии андоз, мақомоти андоз бештар ба таҷрибаи андозбандии кишварҳое, ки низоми иқтисодиёташон ба низоми иқтисодии кишвари мо наздик аст, бештар рӯ меоваранд.

Дар маҷмуъ зимни баррасии зербоби мазкур, чунин дастовардҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Зимни таҳқиқот муайян карда шуд, ки ҷараёнҳои омӯзиш ва татбиқи маъмурикунонии андоз аз истифодаи таҷрибаҳои андозбандии кишварҳои пешрафта вобаста буда, саҳми худи давлат ҷиҳати риояи моделҳои пешқадами андозбандӣ басо муҳим аст. Ҷиҳати такмили низоми идоракунии андоз ҳамеша таҷрибаҳои андозбандии кишварҳои пешрафтаро хело мубрам арзёбӣ намуда, дар сафи кишварҳои таҷрибадор ҳамрадиф бошанд.

2. Зимни таҳлилҳо ошкор гардид, ки дар самти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ саҳми мақомоти андози Федератсияи Россия дар муқоиса бо дигар кишварҳои пас аз Шуравӣ бо мақсади рушди маъмурикунонии андоз зиёдтар аст, зеро ки бо воситаи он андозсупорандагон имконият пайдо намоянд эъломияҳои андозӣ, маблағҳои баҳисобгирифташуда ва андозҳои пардохтшавандаро сари вақт буҷет интиқол диҳанд. Чунин тадбир қудрат ва мақоми хадамоти андозро ҷиҳати пурзӯр гардидани назорати андоз дар мамлакат тақвият дод.

3. Дар таҷрибаи фаъолияти мақомотҳои андози давлатҳои аъзои ИДМ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мониторинги иҷрои қонунгузории андоз ва механизми такмилдиҳии пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба риояи самараноки иҷрои қонунгузории андоз, ки шаффофияти фаъолияти иқтисодиро таъмин менамояд, ба назар мерасанд.

4. Зимни таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҷрибаи андозбандии Ҷумҳурии Қазоқистон ошкор гардид, ки такмили низоми андози ин кишвар аз рӯи масъалаҳои зерин: маъмурикунонии андоз, самарабахш будани шаклҳои назорати андоз ва усулҳое, ки ба самтҳои сиёсати иқтисодии давлат алоқамананд, ба роҳ монда шудааст.

5. Ниҳоят таҷрибаҳои андозбандии кишварҳои ОМ ва кишварҳои ҳамсарҳад зимни таҳқоқоти рисолаи илмӣ ба инобат гирифта шуда, ҳамзамон рушди низоми маъмурикунонии андоз, мубодилаи маълумотҳо дар шакли электронӣ ва тағйиротҳо дар низоми қонунгузории мамлакатҳо ба назар мерасанд. Таҷрибаҳои амиқгардида, вобаста ба сатҳи фаъолияти давлатҳо натиҷагирӣ гардида, мо аҳаммияти ҷудонамоии соҳаҳои афзалиятдошта ва дуюмдараҷаи иқтисодиро дар татбиқи рушди маъмурикунонии андоз амалӣ менамоем.

**Хулоса дар боби якум:**

Раванди баррасии таҳқиқи назарияи рушди маъмурикунонии андоз дар шароити идоракунии иқтисоди рақамӣ нишон дод, ки маъмурикунонии андоз тули солҳои зиёд аст, ки ба ҷараёнҳои ташкили идоракунии андоз вобаста мебошад. Доир ба масъалаи зуҳурот ва рушди маъмурикунонии андоз садсолаҳо боз иқтисодчиён корҳои илмию таҳқиқотиашонро анҷом додаанд, аммо то ҳол назарияи ягона оид ба моҳияти мушахасгардидаи маъмурикунонии андоз ба вуҷуд наомадааст, ки тайи ин солҳо мавқеи худро гум накарда бошад. Таҳаввулоти назарияи маъмурикунонии андоз дар тули садсолаҳо ба як низоми муайяни идоракунӣ табдил ёфтааст, ки вобаста ба таҷрибаи имрӯзаи андозбандӣ, андешидани таъмини пардохти андозҳо, ташкили назорати андоз ва роҳу усулҳои пешгирии ҳуқуқвайронкунии андозро муайян менамояд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳқиқоти олимони ватанию хориҷӣ оид ба мафҳуми маъмурикунонии андоз назарияи худро пешниҳод намудам, ки аз назарияҳои қалан вуҷуддошта, хело сода ва оммафаҳм мебошад. Дар назарияи мазкур тартиби риояи қонунгузории андоз, ки аз маҷмуи меъёрҳо,

қоидаҳо ва механизмҳои вобаста ба ташкили ҷараёни идоракунии андоз иборат мебошад, мавриди таҳқиқ қарор гирифт.

Ислоҳоти низоми миллии андози ҶТдавраҳои зуд тағйирёбандаи таърихиро дар бар мегирад, ки имрӯз натиҷаи фаъолияти пурсамари мақомоти андоз зарурияти такмили маъмурикунонии андозро вобаста ба шароити рақамикунонии иқтисодиёт, бо андешидани таъмини як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, тағйиротҳо дар низоми қонунгузории андоз ва барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз заминаҳои мусоиди ҳуқуқиро ба миён меорад, шарти зарурӣ ҳисобидан мукин аст.

Дар маҷмуъ, алоқамандии самаранокии нишондиҳандаҳои овардашудаи маъмурикунонии андоз аз назария ва таҷрибаи имрӯзаи андозбандӣ иборат мебошад, чунки нишондиҳандаҳои баррасигардидаи маъмурикунонии андоз вобаста ба азхудкунии таҳқиқоти илмии олимон ва таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар диссертатсия муайян гардидааст.

Вазъи низоми андози ҷумҳурӣ вобаста ба таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ таҳлилу баррасӣ гардида, ҳамчунин самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ муайян гардид.

Зимни таҳлилҳо ва таҷрибаҳои низоми маъмурикунонии андози кишварҳои хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки раванди тадбирҳо ва такмили маъмурикунонии андоз аз истифодаи таҷрибаҳои андозбандии кишварҳои пешрафта вобаста буда, дар он саҳми худи давлат ҷиҳати риояи моделҳои пешқадами тадбиқи андозбандӣ басо муҳим аст.

# БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 2.1. Раванди ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Андоз қисми асосии ташкилкунандаи захираҳои молиявӣ буда, таъмини пурраи саривақтии он ба буҷети давлат вазифаи асосии мақомоти андоз мебошад. Раванди ташкили идоракунии андоз пайваста баҳри таъмини иҷрои уҳдадориҳои андоз буда, мақомоти андоз дар заминаи рушди маъмурикунонии андоз вазифаҳои худро бо мақсади шаффофияти воридоти андозҳо осон менамояд. Маъмурикунонии андоз яке аз ниҳодҳои зуҳурёфтаи амалиёти идоракунии низоми андоз ба ҳисоб меравад. Барои беҳтар гардонидани муносибатҳои андозӣ чораҳои маъмурӣ ва назоратӣ муҳим мебошад, чунки барои таъмини иҷроиши ихтиёрии пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлат андешидани тадбирҳо ҷиҳати риояи қонунгузории андоз бо мақсади паст намудани сатҳи ҳуқуқвайронкунии андозҳо вазифаҳои мақомоти андоз мебошад. Доир ба ин масъала М.В.Мишустин дар таҳқиқоти илмии худ андешаи ҷолиберо баён намудааст «Дар шароити имрӯза вазифаи мақомоти андоз ҷазодиҳии андозсупорандагон набуда, балки таъмини пешакии дастгирии иттилоотию методологӣ ва рафъ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои андозӣ мебошад»[77].

Маъмурикунонии андоз ниҳоди махсуси пайдарҳам идорашавндаи низоми андоз буда, аз маҷмуи амалҳои бо ҳам алоқаманди муносибатҳои андозӣ иборат буда, барои имконият фароҳам овардан ба андозсупорандагон ва таъмини манфиатҳои қонунии дигар иштирокчиёни қонунгузории андоз мусоидат менамояд.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ мақомоти андоз раванди ташкили механизми маъмурикунонии андозро нисбат ба ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои

[77] Мишустин, М.В. Повышение качества и эффективности налогового администрирования // Российский налоговый курьер. – 2010. – № 13-14. – С. 14-17.

ҳуқуқие, ки қонунгузории андозро риоя менамоянд, ба танзим медарорад. Татбиқи сиёсати давлатии андоз яке аз мақсадҳои асосии маъмурикунонии андоз буда, мақомоти андоз вазифаҳои дар назди давлат гузошташударо оид ба таъмини воридотҳои андоз ба буҷети давлат ва танзими риояи муносибатҳои андозиро амалӣ менамояд.

Раванди ташкили механизми маъмурикунонии андоз бо андешидани чораҳои маъмурӣ ҷиҳати иҷро намудани ухдадории андоз воситаи муҳим ба ҳисоб рафта, асоснокнамоии самтҳои фаъолияти мақомоти андоз, иҷрои вазифаҳои мақомоти андоз, ошкор намудани шаффофияти назорат, мустаҳкам намудани интизоми андозбандӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои хизматӣ ва танзимнамоии муносибатҳои андозбандиро дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт амалӣ менамояд.

Усулҳои маъмурикунонии андоз ин воситаи муҳими таъмини иҷрои қонунгузории андоз буда, «маҷмӯи чорабиниҳоро дар самти ташкили ҷараёни андозбандӣ, баҳисобгирии объектҳои андоз, тарз ва усули таъмини барномавии хизматрасониҳо, беҳтар намудани хизматрасониҳо, роҳу воситаҳои муосири табодули маълумотҳо, роҳандозӣ намудани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ ба андозсупорандагон, ҷорӣ намудани шаклу усулҳои таҳлилӣ барои маълумотҳои муқоисашавандаи ҳисоботҳои пешниҳодгардидаи андозсупорандагонро дар доираи корҳои банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андоз таъмин менамояд»[78].

Муайян гардидани механизми маъмурикунонии андоз аз нигоҳи методологӣ, ба низоми андози зудамали дар шакли механизми қавӣ ба дигаргунисозиҳои зудивазшавандаи дохилӣ ва берунӣ мутобиқшуда алоқаманд мебошад. Ин тартиб ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ тавассути қоида ва санаду меъёрҳои қонунгузории бахши андоз, назорату

---

[78] Исматов А.Ф. Усулҳои ташаккули маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ // Шамсов И.С., Исматов А.Ф.// Идоракунии давлатӣ. 2023. No. 2(61). – С. 17-24. – ISSN: 2664-0651.

санҷишҳои андозӣ ва воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатии сатҳои гуногун таъмин карда мешаванд[79].

Нисбат ба усулҳои таъмини самаранокии мехнизми маъмурикунонии андоз дар таҳқиқотҳои илмӣ саҳми Халифазода С. зиёд буда, қайд кардан бамаврид аст, ки низоми маъмурикунонии андоз мутобиқ ба шароитҳои тағйирёбандаи қонунгузории андоз ва қабули қарорҳои идоракунии мақомоти андоз асос меёбад. Ҳолатҳои зудтағйирёбандаи низоми қонунгузорӣ ва идоракунии низоми андоз ба усулҳои таъмини механизми маъмурикунонии андоз, аз ҷумла: банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назрати андоз таъсир мерасонад. Инчунин, дар раванди идоракунии низоми андоз тарзу усулҳое истифода бурда мешаванд, ба ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд, ки шакли пураи онро дар расми 2.1.1. нишон медиҳем.




**Расми 2.1.1. – Раванди ташкили механизми маъмурикунонии андоз**
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

[79] Халифазода С. Methodological approaches to the development of tax administration in the conditions of the financial and economic crisis / С.Халифазода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2022. – № 3. – С. 194-200. – EDN QISTTC.

Дар чараёни ташкили механизми маъмурикунонии андоз, банақшагирии андоз усули махсуси идоракунии андоз буда, моҳияти иқтисодии он ба истифодаи вақт ифода меёбад, ки барои ҳалли вазифаҳои гузошташуда равона мегардад. Аз ин рӯ, фаъолияти ҳамарӯзаи мақомоти андоз ба вақт вобаста буда, барои иҷрои вазифаҳо ва амалинамоии мақсадҳои маъмурикунонии андоз зарур шуморида мешавад.

Тавре аз таҳқиқотҳои илмии А.М. Маъмуров бармеояд, «банақшагирии андоз – ин банақшагирии ҷории андоз буда, ташаккулдиҳии заминаи иттилоотии даромади минбаъдаи андозро бо мақсади ба нақша гирифтани лоиҳаҳои буҷетӣ барои як соли тақвимӣ муайян менамояд. Дурнамои андоз (бештар аз як сол) маҷмӯи даромадҳоро ҳам аз рӯйи даромади андоз ва ҳам даромади ғайриандозии давлат муайян намуда, вобастагии онро ба параметрҳои макроиқтисодии рушди иқтисодиёт мувофиқ менамояд».[80] Дар маҷмуъ банақшагирии андоз аз маълумотҳои базавии ҳаррӯзаи фаъолияти мақомоти андоз таркиб ёфта, дар асоси усулҳои муайян (муносибкунонӣ ва камкунӣ), тарзу воситаҳои идоракунии андозро дар даврахои ҷорӣ, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ифода менамояд. Қайд намудан ба маврид аст, банақшагирии андоз усули махсуи идоракунии андоз дар корхонаҳо ва давлат ба ҳисоб меравад, ки дар асоси риояи меъёрҳои қонунгузории андоз равона гардида, тарзу услҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосногардидаи унсурҳои бозорӣ оид ба раванди муносибкунонӣ ва камкунии воридоти андозро таъмин менамояд.

Дуруст ба роҳ мондани механизми маъмурикунонии андоз (банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорат) самаранокии маъмурикунонии андозро таъмин менамояд. Самаранокии банақшагирии андоз аз сиёсати пешгирифтаи мақомоти андоз ва корхонаҳо вобаста мебошад, чунки дуруст риоя нагардидани банақшагирии андоз боиси ба миён омадани мушкилоти

[80] Маъмуров А.М. Дурнамо ва самтҳои такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақа. Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. 2021. № 1-2 (86). С. 178-185.

андозбандӣ мегардад. Барои ноил гардидан бо мақсади иҷрои уҳдадории андозҳо, корхона таҳти сиёсати баҳисобгирии худ маълумотҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи ҷории андози корхонаро, ки ба мақомоти андоз пешниҳод менамояд, дар асоси маълумотҳои базавӣ бо усули меъёрӣ омода месозад. Мақсади банақшагирии андози корхонаҳо бо риояи меъёрҳои камкунӣ ва муносибкунонӣ, кам кардани баъзе хароҷотҳо ҳангоми иҷрои уҳдадории андоз, ки ба натиҷаҳои молиявии фаъолияти корхона таъсир мерасонад, алоқаманд мебошад.

Усули дигари механизми маъмурикунонии андоз, танзими идоракунии андоз мебошад, ки нақши он дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ пурзӯр мегардад. Ба андешаи Н.Д.Зарипова, «танзими андозии давлат маҷмуи фаъолияти ташкилотҳоро оид ба сохторҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва тадбирҳои ҳуқуқӣ бо истифода аз таъсири андозҳо, ки ба манфиатҳои иқтисодии андозсупорандагон бо мақсади танзими фаъолияти онҳо мувофиқи консепсияи қабулшудаи рушди кишвар ташкил медиҳад», фарогир мебошад[81]. Қайд кардан бамаврид, аст ки танзими иқтисодии андоз раванди ташаккули асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад, ки аз маҷмуи усулҳои механизми маъмурикунонии андоз иборат буда, ба тамоми равандҳои фаъолияти мақомоти андоз таъсир мерасонад, ки дар асоси назарияи асоснокнамудаи Н.Д.Зарипова маҷмуи усулҳои танзимнамоии идоракунии андозро ташкил медиҳад.

Мақомоти андоз ҳамчун субъекти ташкили ҷараёни идоракунии андоз танзими андозро бо мақсади нигоҳ доштани мувозинати манфиатҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ ва маҳаллӣ), метавонад бо дарназардошти имкониятҳо ҷиҳати таъмини ҳадди ниҳоии даромадҳои буҷети давлатӣ бо истифодаи усулҳои идоракунии баҳисобгирии андозҳо ва назорати андозҳо истифода намояд.

---

[81] Н.Д. Зарипова Содержание и методы налогового регулирования деятельности организаций: Н.Д. Зарипова/ Вопросы экономики и права. 2011. № 6

Назорати андоз ин тартиби махсуси назорати давлатӣ буда, бо мақсади риояи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, фаъолияти мустақили мақомоти андозро ҷиҳати андешидани тадбирҳо оид ба ҷамъоварӣ гардидани маблағҳои андоз, иҷрои ҳуқуқу вазифаҳои мақомоти андоз ва андозсупорандагон, инчунин пешгирӣ аз ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунии андоз таъмин менамояд.

Ба мисли дигар усулҳои механизми маъмурикунонии андоз, арзёбӣ гардидани назорати андоз ҳамчун қисми таркибии назорати молиявӣ ба рафтори тамоми масъалаҳои андозии муассисаю ташкилотҳо таъсир мерасонад, то ин ки муносибатҳои дар соҳаи андоз ташаккулёбандаро ҷиҳати иҷрои қонунгузории андоз таъмин намояд.

Яке аз нишонаҳои маъмурикунонии андоз ба хусусиятҳои мурофиавӣ доштани назорати андоз хос мебошад, ки фаъолияти мақомоти андозро таъмин менамояд. Вобаста ба тартиби иҷрои қонунгузории андоз муайян намудан мумкин аст, ки тартиби иҷрои ухдадории андоз ҳатмӣ буда, аз пайдаҳамии корҳои ташкилӣ ва назорати андоз вобаста мебошад, ки иҷрои амалҳои зерин иборат аст:

– алоқамандии манбаҳои баҳисобгирифташуда;
– аз рӯи ҳисоби фоизҳо тибқи меъёрҳои муқарраргардидаи Кодекси андоз;
– истифодаи меъёрҳо ҳангоми ҳисоби ҷаримаҳо.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ имконияти зиёдро вобаста ба амалӣ гардидани афзалиятҳои сиёсати андоз, махсусан ба ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андоз пайдо мекунад, ки мақомоти андоз ҷиҳати таъмини иҷрои ухдадориҳои андоз усулҳои гуногунро истифода менамояд ва ҳар кадоми онҳо чунин нуктаҳои муҳимро дар бар мегиранд:

– ошкор гардидани манбаҳои андоз, ки ба хусусиятҳои пайдоиши андоз хос мебошад;
– тағйироти мавсимӣ дар ҳаҷми даромадҳои андоз, аз рӯи ҳаҷми корҳои иҷрошудаи давраи ҳисоботии андозҳо;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз ҳангоми ба миён омдани зарурат;

– ҳангоми ҳодисаҳои ғайричашдошт, яъне ҳолатҳои форс-мажор дар низоми идоракунии андоз.

Дар заминаи такмилёбии низоми қонунгузорӣ ва рушди маъмурикунонии андоз вобаста ба таҷрибаи андозбандии кишварҳои хориҷӣ барои беҳтарнамоии усулҳои механизми маъмурикунонии андоз дар доираи барномаҳои рушди маъмурикунонии вазифаҳои механизми маъмурикунонии андоз муайян карда шуд, ки дар расми 2.1.2 дида мебароем.




**Расми 2.1.2. – Вазифаҳои механизми маъмурикунонии андоз**
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф бо истифодаи манбаҳои қонунгузорӣ аз сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Вазифаҳои механизми маъмурикунонии андоз ба риояи маҷмуи қоидаҳо ва усулҳое алоқаманд мебошад, ки онҳоро дар асоси татбиқи стратегияи миллии рушд, консепсияҳо, барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз, қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ рушд додан мумкин аст. Қайд кардан зарур аст, ки дар марҳилаи сеюми ичрои барномаи

рушди маъмурикунонии андоз, мақомоти андоз тадбирҳои заруриро дар самти такмилдиҳии механизми маъмурикунонии андоз чораҷӯӣ менамояд, ки он ба ҳолати рушди иқтисоди миллии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Вазифаҳои гузошташудаи механизми маъмурикунонии андоз ба тамоми самтҳои фаъолияти мақомоти андоз таъсир расонида, раванди ташаккулёбии механизми маъмурикунонии андозро таъмин намуда, низоми муккамали андозбандиро дар кишвар ба вуҷуд меорад. Барои он ки имкониятҳои мавҷудбудаи низоми андози кишвар барои ҳалли вазифаҳои механизми маъмукрикунонии андоз мусоидат намояд, бояд ба принсипҳои маъмурикунонии андоз, ки тартиби махсуси идоранамоии қонунгузории андоз, тартиби ҳисоби дурусти андозҳо ва пардохти андозҳоро ба буҷет роҳандозӣ намояд, риоя карда шавад.

Принсипҳои маъмурикунонии андоз амалӣ махсусест, ки риояи он ҳаракатҳои зудтағйирёбандаи иҷрои қонунгузории андозро таъмин менамояд. Ба андешаи М.Е.Косов, принсипҳои маъмурикунонии андоз инҳоро инҳоро дар бар мегирад[82], ки метавонем онро таҳлил намоем:

– «ягонагии низоми идоракунии андоз». Ин принсип аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамаи унсурҳои маъмурикунонии андоз ва тартиби татбиқи онҳо бояд барои ҳамаи сатҳҳои низоми иқтисодиёти мамлакат як хел бошанд, яъне дар маъмурикунонии андоз ҳамчун усули дигари махсуси андозбандӣ дар иҷрои қонунгузории андоз дида намешавад, ҳамаи тадбирҳо барои минтақаҳо як хел иҷозат дода мешаванд;

– «возеҳ будани низоми идоракунии андоз барои андозсупорандагон». Ҳар як амалӣ махфибуда ва пурпечутоб дар қонунгузорӣ боиси мушкилии маъмурикунонӣ ва паст шудани сатҳи ҳамдигарфаҳмии кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагон мегардад, ки дар натиҷа самараи маъмурикунонии андозро кам менамояд;

---

[26]Е.А. Кушнарева. Налоговое администрирование страховых взносов как инструмент повышения даходной базы бюджета (магистерская диссертация). Екатеринбург – 2020г. – С. 114

– «шаффофияти низоми идоракунии андоз». Дар низоми идоракунии андоз тадбирҳо бояд ба манфиати ҷамъият роҳандозӣ гардад. Зеро тамоми тадбирҳои маъмурикунонии андоз дар марҳилаҳои амалишаванда бояд дар назари шаҳрвандон ё андозсупорандагон маълум бошад;

– «даромаднокии маъмурикунонии андоз». Бо дарназардошти таъминоти чораҳои маъмурикунонӣ ҳароҷотҳои давлат барои пешбурди фаъолити Дастгоҳи маркази андоз нисбат ба ҷамъоварии маблағи андозҳо ҳар чӣ қадар камтар бошад;

– “чандирии система”. Вобаста ба ҳар амали зудтағйирёбандаи низоми иқтисодиёти кишвар, қобилияти андешидани чораҳоро пайдо кардан аст;

– «мураккабии истифодаи усулҳои маъмурикунонии андоз». Ба шароит мутобиқ будани мавҷудияти истифодаи усулҳои маъмурикунонии андоз метавонад ҳисоб ва интиқоли андозҳоро самаранок намояд, вале дар ҳолатҳои ба миён омадани мушкилот набояд дар фаъолияти мақомоти андоз оид ба истифодаи усулҳои маъмурикунонии андоз маҳдудият эҷод кард;

– «устувории низоми маъмурикунонии андоз». Тағйирот дар низоми маъмурикунонии андоз ҳамеша ба вуҷуд меояд, вале он бояд танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ андешида шавад. Ислоҳоти мунтазами низоми идоракунии андоз боиси ноoромии вазъи идоракунии андоз мегардад. Махсусан, ҷиҳати риояи қонунгузорӣ, муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар миёни андозсупорандагон ва мақомоти андоз ба миён меоянд.

Аз таҳқиқотҳои илмии М.Е.Косов муайян гардид, ки дар таҷрибаи маъмурикунонии андоз тағйиротҳо дар амалӣ намудани принсипҳои андозбандӣ ба назар мерасанд. Ҳамеша, «шароити муосири иқтимою иқтисодии рушди кишвар ба такмил ниёз дорад, пеш аз ҳама, маъмурикунонии андоз дар самти низоми оқилонаи андоз ҳамчун воситаи афзалиятнок кардани фазоии кишвар пеш аз ҳама баланд бардоштани некӯаҳволии ҷомеаро ҳавасманд мегардонад»[83]. Кайд

[83] Маъмуров, А. М. Самаранокии маъмурикунонии андоз: муқарраროти ҳолатҳои консептуалӣ ва таъминотӣ / А. М. Маъмуров, Д. Н. Дадоматов // Ученые записки

намудан ба маврид аст, ки қоидаҳои андозбандӣ дар асоси принсипҳои андозбандӣ дар такмили механизми маъмурикунонии андоз мусоидат намуда, ташкили раванди андозбандиро таъмин менамояд. Дар солҳои охир риояи механизми маъмурикунонии андоз аз пайгирӣ ва ҳамоҳанг намудани мақсадҳо, вазифаҳо ва принсипҳои андозбандӣ бармеоянд, ки мақомоти андоз тавассути қабули қарорҳои идоракунӣ мувофиқи шаклу усулҳои имрӯзаи талаботи бозор чораҳои зарурирро андешида истодаанд.

Қайд намудан бомаврид аст, ки воситаҳои таъминкунанда барои такмили механизми маъмурикунонии андоз заруранд, аз рӯйи нишондиҳандаҳои зерин метавон ба назар гирифт:

- мавҷуд будани ҳаҷми воридоти андозҳо вобаста ба сатҳи низоми буҷетӣ;
- тартиби муайян намудани ҳаҷми манбаҳои андозбандӣ тибқи меъёрҳои банақшагирӣ вобаста ба таҳлили ҳолати молиявии фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ;
- омилҳои ташаккулдиҳандаи ба рушди механизми андоз мусоидаткунанда;
- тағйироту иловаҳо ба тартиби иҷрои усулҳои ҷамъоварии андозҳо;
- муайяннамоии омилҳои ноаёне, ки ба камшавии воридоти андоз ва кам гардидани манбаҳои андозбандӣ мусоидат доранд;
- нигоҳ доштани усулҳои дақиқкунанда ҳангми бартарафнамоии мушкилотҳои асосии даромадҳои андоз ба буҷети давлат ва ғайра.

Ҳамеша байни ду ва зиёда шахс, корхона ё давлат нобаробарӣ ҷой дорад. Нобаробариҳо боиси ба вуҷуд омадани фикри нав мегарданд. Дар ҳама шароит тағйирёбӣ дар сохтори бозори ҷаҳонӣ дида мешавад. Массалан, тағйирёбӣ дар ноустувории вазъи иқтисодиёти мамлакатҳо, ноорамии вазъи сиёсии онҳо мушоҳида мешаванд, ки онҳо пайваста дар фикри навсозӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ ҳастанд. Бояд қайд намуд, ки ислоҳоти маъмурикунонии

Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2020. – №. 4. – С. 131-139. – EDN GRYXIE.

андоз баъд аз расидан ба Истиқлолияти мустақил ва Ваҳдати миллӣ бо мақсади таъмини оромии суботи кишвар ба вуҷуд омад. Вобаста ба гағйирёбии вазъияти сохторӣ то солҳои 2000-ум дар кишвар шароити ниҳоят мушкил мавҷуд буд, ки дар ин давра бештар аз 80% - и аҳолии мамлакат дар буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва сатҳи камбизоатӣ қарор доштанд.

Ислоҳот бо мақсади банизом даровардани муносибатҳои андозбандӣ аз ҷумла дар қисмати маъмурикунонии андоз арзёбӣ гардидани нақша – чорабиниҳо дар асоси қабули БРМА ва амалӣ гардидани тавсияҳои илмию методӣ мебошад. Албатта гузаронидани ислоҳот шароитҳои навро барои андозсупорандагон бо дарназардошти таҷрибаи пешқадаму бисёрсолаи ҷаҳонӣ таъмин менамояд, ки он метавонад ба рушди низоми идоракунии иқтисодиёт дар кишвар мусоидат намояд.

Дар доираи татбиқи барномаҳои иҷрогардида корҳои назаррасе оид ба: «самтҳои ташкили инфрасохторҳои маҳдуд ва кушодаи системаи коммуникатсионӣ, компютерикунонии мақомоти андоз, таъсиси марказҳои нигаҳдории маълумот ва коркарди маълумот, табодули иттилооти дохилӣ ва берунӣ, ташкили терминалҳои хизматрасонӣ барои шаҳрвандон ва андозсупорандагонро амалӣ гардидааст»[84]. Вазифаҳои асосии таъмини самтҳои муайянгардида барои рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ арзёбӣ мегардад. Аз нуқтаи назари Шералиев Э.Н. «самтҳои асосии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар кишварҳои рушдкардаи иқтисодӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иқтисоди миллии кишвар ва истифодаи вариантҳои беҳтарини он барои шароити ҷумҳурии мо арзёбӣ шудааст»[85].

---

[84] Воҳидов У.М. Андозбандӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ/ Хоҷаева М.С.// Ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он. (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ: ДДМИТ-2022). – С.297

[85] Шералиев, Э. Н. таҷрибаи хориҷӣ оид ба такмили механизми маъмурикунонии андоз / Э. Н. Шералиев, С. Халифазода // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. – No. 1(30). – P. 149-155. – EDN QNZOTS.

Ҳолати татбиқи Барномаҳои рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2011 -2019 қайд кардан бомаврид аст, ки ҷиҳати андешидани тадбирҳо 11 вазифа ва дар доираи вазифаҳои пешбинигардида, 47 чорабинӣ иҷро гардида, муҳлати иҷрои онҳо то соли 2019 амалӣ гардид, ки натиҷаи корҳои амалигардида ҳамчун заминаи мусоидро дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ фароҳам овард.

Дар рафти иҷрои таҳқиқоти илмӣ аз натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз фаҳмиши кофӣ ҷиҳати навсозии маъмурикунонии андоз дар асоси татбиқи барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз пайдо гардид, ки ҳолати мазкурро дар ҷадвал барои давраҳои (2011-2015) ва (2011- 2019) муқоиса менамоем.

**Ҷадвали 2.1.1. – Корҳои амалигардида барои давраҳои (2011-2019)**

| Барномаи (2011-2015) | Барномаи (2011-2019) |
|---|---|
| – Иҷрои назорат аз ҷониби мақомоти андоз<br>– Кӯшишҳо барои ҷамъоварии нақшаи пешакии муайяншудаи даромадҳо нигаронида шудаанд<br>– Микро назорат бо мақсади таъмини иҷрои талабот<br>– Баҳодии идоравӣ<br>– Таваҷҷуҳи марказӣ асосан ба иҷроиши Барнома<br>– Ҷалб шудан ба аудити маҷмуӣ<br>– Баъзан истифодаи механизмҳои баррасии эътирозҳо\шикоятҳо. | – Иҷрои ихтиёрии талабот оид ба пардохти андоз<br>– Кӯшишҳо барои таъмини иҷрои талабот нигаронида шудаанд<br>– Усулҳои стратегӣ дар идоракунии риояи талабот истифода гардиданд<br>– Худбаҳодии андозсупоранда<br>– Риояи тавозун байни дониш/хизматрасонӣ ва иҷроиши Барнома<br>– Ҷалби таваҷҷуҳ ба аудити минтақаҳои хавф асосёфта<br>– Раванди сода ва шаффофи ҳали баҳсҳо. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои Кумитаи андоз барои давраҳои амалишавии Барнома. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj?years

Аз татбиқи чораҳои андешидашудаи Кумитаи андоз ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои Барномаҳои рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 гуфтан мумкин аст, ки навсозии маъмурикунонии андоз омили муҳим барои такмили низоми қонунгузорӣ ва шаффофияти воридоти андоз ба ҳисоб меравад, Қайд кардан зарур аст, ки иҷрои тамоми чораҳои зарурӣ барои татбиқи бомуваффақияти Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз, барои

расидан ба истифодабарии барномаи муосири маъмурикунонии андоз ирода ва таҷрибаи бойро талаб менамояд.

Ҳангоми вохурӣ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 10-уми майи соли 2019 бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар ба кормандони соҳаи андоз таъкид намуданд, ки ҳоло дар кишвар Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 татбиқ шуда, корҳо дар самти муосиргардонии он ҳанӯз кофӣ нестанд. Ҷиҳати боз ҳам сода ва дастрас намудани раванди хизматрасониҳо, омилҳое ҳастанд, ки дар заминаи Барномаи рушди маъмурикунонии андозро барои солҳои 2020-2025, баланд бардоштани этимоднокии андозсупорандагон ва фарҳанги истифодаи хизматрасониҳоро таъмин менамоянд.[86]

Амалӣ гардидани СМР то давраи соли 2030 шароит ба вуҷуд меорад, ки ҳаҷми даромадҳои дохилӣ то 3,5 маротиба афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ ба андозаи ду баробар кам гардад. Дар ин замина сафарбаркунии даромадҳои дохилӣ ҳамчун ҳадафи аввалини сиёсати пешгирифта барои мусоидат ба таъмини сиёсати фискалӣ дар шароити сатҳи баланди қарз боқӣ мемонад.

Идомаи ислоҳоти низоми андоз дар пайи анҷоми як барномаи «Лоиҳаи ислоҳоти системаи андоз» дар панҷсоли охир бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ амалӣ гардида, бо ҷонибдории Бонки ҷаҳонӣ дар чаҳорчӯби барномаи давлатӣ «Барномаи рушди маъмурияти андоз дар Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» таҳия гардид, ки ҳадафи рушди барнома содагардонии низоми андоз, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва баланд бардоштани сатҳи риояи ихтиёрӣ мебошад. Навовариҳои хизматрасонӣ дар асоси истифодаи технологияҳои муосир самти муҳими рушди рақамикунонӣ тибқи барномаҳои миёнамуҳлати давлатӣ барои тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, тибқи назарияи таҳқиқгардида «дар шароити рушди муносибатҳои иқтисодӣ гузаронидани ислоҳот ва содда намудани маъмурикунонии андоз яке

[86] Суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар 10.05.2019 11:56, шаҳри Душанбе

аз вазифаҳои муҳими мақомоти андоз бахри ҷамъоварӣ ва самаранок ситонидани андозҳо ба ҳисоб рафта, бе истифодаи технологияи муосири иттилоотӣ ноил гардидан ба ин ҳадаф ғайриимкон мебошад»[87].

Бо мақсади вусъатдиҳии рақамикунонӣ мақомоти андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025» дар асоси Консепсияи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон , аз 30-юми декабри соли 2019, таҳти №643 қабул гардидааст, ки он ба ташаккули ҳукумати электронии мамлакат ва рақамикунонии иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамояд. Раванди рақамикунонӣ дар мақомоти андоз имкониятҳои зиёди истифодаи хизматрасониҳои электрониро ба аҳолӣ, андозсупорандагон ва ҳамчун воситаи мубодилаи маълумот байни дигар мақомотҳои давлатӣ ба таври фаврият дар сатҳи замонавӣ таъмин менамояд. Дар оянда шароитҳои хубтарро барои истифодаи хизматрасониҳои электронӣ  тақозо менамояд.

Ислоҳот ва корҳо дар доираи БРМА барои солҳои 2020-2025 идома ёфта, зери  таваҷҷуҳи давлат ва дастгирии ҲҶТ  қарор дошта,  дар муқоиса бо самтҳои асосии рушди мақомоти андози кишварҳои хориҷӣ ба пешравӣ рӯ оварда, тибқи он сиёсати андоз дар кишвар дуруст муайян гардида, равандҳои асосии рушди мақомоти андоз дар сатҳи байналмилалӣ  бо роҳи навсозӣ ва ворид намудани тағийроту иловаҳо ба низоми қонунгузории андоз, такмили модулҳои компютерии Системаиякҷояи идоракунии иттилоотии андоз давра ба давра зиёд гардида истодааст[88].

Яке тадбирҳои вусъатёбанда оиди саривақт беҳтар намудани ҷараёни пешниҳоди хизматрасонӣҳои электронӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти андоз истифодаи модулҳои хизматрасониҳои электронӣ ба таври васеъ дар

---

[87] Давлятов, Э. М. Рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Э. М. Давлятов, Б. М. Қурбонов, К. Р. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. – №. 4-2(50). – ISSN: 2308-054X
[88] Паёми андоз. 30 солагии Истиқлолияти давлатӣ, сентябри соли 2021. Махзани элетронӣ: https://www.andoz.tj/docs/boju_hiroj/Andoz_journal_New_design.pdf

сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир гардида, барои андозсупорандагон дар заминаи ташкили 46 модул 76 адад хизматрасониҳои электронӣ мутобиқ ба шароитҳои фароҳам оварда шудааст, ки чунин тадбирҳои иҷрогардида нисбати соли 2019-ум 40 адад зиёд мебошад. Ҳар чӣ қадар зиёд гардидани миқдори хизматрасониҳо боиси соддатар гардидани истифодаи онҳо барои андозсупорандагон ва масъулони мақомоти андоз мегардад. Беҳтар намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон барои таъмини пардохи андозҳо ва назорати онҳо мусоидат менамояд. Дар оянда роҳбарияти мақомоти андоз вобаста ба рақамикунонии фаъолияти мақомот, ҳолати додугирифти маълумот бо мақомоти давлатӣ ва мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта оид ба нақшаи чорабиниҳо тадбирҳо меандешанд[89].

Рақамикунонии иқтисодиёт имконияти истифодаи технологияҳои рақамиро дар заминаи қонунгузориҳои амалкунанда аз тарафи мақомоти андоз ба танзим дароварда, бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон ва бо тартиби қулай ба роҳ мондани хизматрасониҳои мақомоти андоз ва бидуни ташриф овардани андозсупоранда ба мақомоти андоз шароит фароҳам меорад.

Вобаста ба тағйиротҳои низоми андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти кишвар, қабул ва амалӣ намудани Кодекси андоз дар давраи солҳои 2020-2021 шакли муносибатҳои андозбандӣ ба шароитҳои нав ба миён овард. Ҷараёни маъмурикунонии андоз тартиби дуруст пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда, андози низоми содакардашуда, андоз аз фоида, рафти таъмини иҷрои талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба андозбандии андоз аз суди саҳмияҳо ва ғайраҳо дар шакли электронӣ содда ва оммафаҳм менамояд.

Зиёд гардидани ислоҳоти низоми андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ раванди маъмурикунонии андозро ба низом дароварда, тавассути соддагардонии пешниҳоди хизматрасониҳо, то андозае ҳадди ақали

[89] Ҳисоботи Кумитаи андоз 19 январи соли 2023. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/docs/boju_hiroj/%E2%84%963(1358)%2019.01.2023.pdf

риояи талаботҳои қонунгузории андоз таъмин мегардад. Дар раванди ба низом даровардани муносибатҳои андозӣ ҳар як номгӯи андоз мавқеи пайвастаги ба объекти андозро соҳиб аст. Масалан, имтиёзи андоз ба таври ихтиёрӣ соҳибкоронро ҳавасманд менамояд. Ин равиш имкон медиҳад, ки раванди иҷрои уҳдадориҳои андоз ва ҳисоботҳои андозсупорандагон таҳлили эътимоднокии ҳамаи маълумотҳо ва сабти ҳар як маълумоти санҷидашаванда дар мақомоти андоз вобаста мебошад[90].

Саҳми мусбати технологияҳоро ҳатто берун аз бахши хусусӣ метавон мушоҳида кард, зеро рушди ҳукумати электронӣ суръат ва самаранокии ҷараёнҳои маъмурикунониро афзоиш медиҳад. Тибқи назарияи баённамудаи Иброҳимзода И.Р.  «самаранокии низоми андозбандӣ ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад»[91]. Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳад, ки раванди гузари хизматрасониҳои рақамӣ ба пешрафтҳои марбут ба истифодаи қобилияти зеҳнӣ дар истеҳсолот, дар ниҳоят ба коҳиши имкониятҳои шуғл ва афзоиши бекорӣ оварда мерасонад.

Бо мақсади осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андоз то имрӯз дар мақомоти андоз намудҳои гуногуни хизматрасониҳое, ки имконияти васеъи дарёфти маълумотро барои  шаҳрвандон ва андозсупорандагон пешниҳод менамояд, дар натиҷаи автоматикунонии раванди маъмурикунонии андоз, кам кардани гардиши ҳуҷҷатгузориҳои коғазӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамӣ амалӣ карда шудааст.

Тамоми вазифаҳо ва мақсадҳои гузошташуда, дар доираи самтҳои афзалиятноки сиёсати андоз муайян гардида, васеъ намудани намудани раванди хизматрасониҳоро дар соҳаи андозбандӣ таъмин менамояд. Бо дарназардошти хизматрасониҳои мавҷудбуда, масъалаҳои такмили низоми

---

[90] Смирнова Е. Е. Налоговый контроль в цифровой экономике // Финансы. — 2017. — № 11. — С. 32–34.

[91] Иброҳимзода, И. Р. Таҷрибаҳои хориҷии идоранамоии гаронии андоз / И. Р. Иброҳимзода, Т. С. Раҷабов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – № 6. – С. 5-14. – EDN IFPUOJ.

маъмурикунонии андоз идома ёфта, зарурияти ҳамаҷонибаи рушди фаъолияти соҳаҳои иқтисоди миллиро таъмин менамояд. Баён гардидани назарияи асоснокнамудаи Халифазода С. «масъалаҳои такмили механизми маъмурикунонии андоз бахусус назорат ва санҷишҳои андозӣ бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавии рушди корхонаю ташкилотҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади таъмини рақобатноки молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва зиёд намудани истеҳсоли маҳсулотҳои ватанӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ равона карда шудааст»[92], ки бо назардошти хусусиятиҳои низоми миллӣ арзёбӣ карда мешавад.

Дигар корҳои амалишаванда дар доираи БРМА барои солҳои 2020-2025 ташкили ҳамкориҳои фосилавиро байни вазорату идораҳо, аз ҷумла: Вазорати молия, Вазорати корҳои дохилӣ, Хадамоти гумрук, Палатаи ҳисоб, Бонки миллӣ, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Агентии омор, Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ ва як қатор мақомоти дигари давлатӣ оид ба табодули иттилоот дар шакли электронӣ ба ҳисоб меравад. Тақвият бахшидан ба ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ, тибқи муқаррароти Кодекси андоз ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз то имрӯз миёни мақомоти андоз в дигар мақомотҳои ваколатдор идома ёфта истодааст.

Корҳои иҷрогардидаи мақомоти андоз дар маҷмуъ барои беҳтар намудани низоми маъмурикунонии андоз дар асоси сиёсати пешгирифтаи мақомоти андоз солҳои охир зиёд ба назар мерасанд, ки имконоияти истифодаи усулҳои муосири баҳисобгирии андозҳо, таъмини пардохти андозҳо, коҳишёбии қарзи андозҳо ва тартиби иҷрои қонунгузории андозро таъмин менамояд. Ҳамзамон, бо мақсади дастгирӣ намудани субъектҳои

---

[92] Халифазода, С. Ҷанбаҳои методологии такмили механизми маъмурикунонии андоз дар шароити бухрони молиявӣ -иқтисодӣ / С. Халифазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – №. 3. – С. 194-200. – EDN QISTTC.

соҳибкорӣ, ба танзим даровардани назорати андоз, пешгирӣ намудани гуногунфаҳмӣ ва қонунвайрокуниҳо дар Кодекси андоз шумораи назорати андозӣ кам карда шуда, инчунин як қатор муқаррарот оид ба назорати андоз такмил ё дар таҳрири нав аз ҷумла, мониторинги андозӣ ва ғайраҳо пешбинӣ карда шудааст.

Дар ҷамъбасти зерфасли мазкур якчанд хулосаҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Зимни таҳқиқот хулосабарорӣ карда шуд, ки роҳу воситаҳои ташаккулёбандаи рушди маъмурикунонии андоз дар заминаи дуруст ташкил намудани раванди банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андоз мебошад.

2. Зимни омӯзиш муайян гардид, ки банақшагирӣ, танзимнамоӣ ва назорати андоз дар доираи чораҳои андешидаи мақомоти андоз ва риояи талаботҳои муқаррарнамудаи КА дар сатҳи макро ва микро амалӣ гардида, боиси дарёфти сарчашмаҳои нави даромадҳои андоз ва бунёди механизмҳои ташаккули маъмуроикунонии андоз гардид.

3. Механизмҳои маъмурикунонии андоз дар шароити муосир вобаста ба: масъалагузорӣ, вазифагузорӣ ва принсипҳои ташкили ҷараёни идоракунии андоз, ки боиси беҳтар гардидани рушди маъмурикунонии андоз мегардад, муайян гардидааст.

4. Беҳтар гардонидани маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт яке аз самтҳои Стратегияи давлатӣ ба ҳисоб рафта, дар як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ имкониятҳои ташакул додани он муайян карда шудааст. Тадбирҳои амалшавандаи БРМА барои соли 2020-2025 имконият медиҳад, ки раванди рақамикунонии маъмурикунонии андоз миқдори сарбориҳои банақшагирии андоз, танзими андоз ва иҷрои уҳдадории андозӣ кам менамояд.

## 2.2. Таҳлили ҳолати муосири хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз

Гузариш аз як низом ба низоми дигар тағйироти куллиро вобаста ба ҳолати иқтисодии мамлакат ба вуҷуд овард. То марҳилаи гузариш ба

иқтисоди рақамӣ низоми муносибатҳои андози кишвар дар шароите қарор дошт, ки аз дигаргуниҳои шароити имрӯза ба куллӣ фарқ мекунад. Имконияти васеъи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ боиси дигаргун гардидани шароитҳои рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз дар давраи гузариш ба иқтисоди рақамӣ гардида истодааст. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар заминаи рушди муносибатҳои бозорӣ қарор гирифта, бо мақсади беҳтар гардидани ҷараёни муомилоти соҳаҳо дар иқтисодиёт мусоидат менамояд. Дигаргуншавии фаъолияти мақомоти андоз дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ возеҳ гардидани тамоми хизматрасониҳои электорнӣ ва тартиби риояи технологияҳо дар самтҳои рушди маъмурикунонии андоз аст, ки сарфи назар аз фаҳмиш ва истифодабарӣ он дар ҷомеа якбора инкишоф меёбад.

Низоми андози амалкунанда ба ҳолати мавҷудбудаи истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ вобаста буда, зуҳуроти зиёдшавии он имконияти таъмини риояи қонунгузории андоз ва назорати андозро шаффоф менамояд. Зарурияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз хоҳиши истифодабаранда вобаста буда, дар ин замина мақомоти андоз танҳо шароити фароҳам овардани низоми рақамикунониро чораҷуӣ намуда, беҳтарнамоии сифати хизматрасониҳоро таъмин менамояд. Дар шароити имрӯза ҷаҳонишавии имкониятҳои истифодабарии низоми рақамӣ, дар аввал қобилияти давлатро дар ҷамъоварии маблағҳои андоз суст гардонида, бо гузарониданиислоҳотҳо дар системаи андоз шароитиҳои нави иқтисодиро ба вуҷуд меорад.

Шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ дар байни кишварҳои ҷаҳон табиати гуногун дорад ва ин комилан мантиқист, зеро дар иқтисодиёти кишварҳои пешрафта шартҳои гузариш ба иқтисоди рақамӣ хеле барвақт ба миён омад ва дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ҳоло ҳам ақибмондагии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба назар мерасанд. Назаре бояд ба ташаккули иқтисодиёт кард, ҳанӯз аз воқеият дур

нест, ташаккули иқтисоди рақамӣ аз сатҳи рушди иқтисодии кишварҳои ҷаҳон вобаста буда, истифодаи ҷузъиёти хурдро дар бар мегирад[93].

Ҳолати рақамикунонӣ дар истифодаи технологияҳои рақамӣ - ҳамчун ҷузъи ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ буда, ҷанбаи назариявӣ ва амалӣ дорад. На ҳама муҳаққиқон рақамикунониро аз ҷараёнҳои истифодаи технологияҳои рақамӣ фарқ мекунанд. Татбиқи истифодаи технологияҳои рақамӣ бо роҳи сода, роҳи мураккабро бартараф кардан бошад, пас рақамикунонӣ аз марҳилаи ибтидоии татбиқи технологияи рақамӣ бармеояд. Ҷараёни таъмини истифодаи технологияи рақамӣ, раванди рақамикунониро таъмин менамояд. То замони истифодаи технологияҳои муосир тартиби пешниҳоди эъломияи андоз вақти зиёдро талаб мекард, имрӯз воқеъият аз он шаҳодат медиҳад, ки шакли хизматрасониҳои электронӣ тавассути шабакаҳои алоқа дар доираи ҳамгироиҳои иттилоотии мақомоти андоз имкониятҳои навро барои расидан ба ҳадафҳои рақамикунонӣ ба вуҷуд меорад.

Чунин мешуморем, ки айни замон зарурияти истифодаи технологияҳои пешрафта дар тамоми самтҳои фаъолияти ҳамаҷонибаи субъектҳои иқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Имрӯз истифодаи технологияҳои рақамиро дар мақомоти андоз ҳамчун роҳи дурусти сарфаи вақт ва ҷамъоварии маблағҳои андоз дастур дода шудааст, чунки вақти зиёд сарф кардан гардиши ҳуҷҷатгузориҳои коғазӣ хароҷотҳои ҳар ду тарафро зиёд намуда, боиси мушкилотҳои андозбандӣ мегардад. 26 декабри соли 2005 аз тарафи давлат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» таҳти № 122 ва дар ин замина соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» қабул гардид, ки тибқи он гардиши такрории коғазҳо аз тарафи мақомоти андоз талаб карда намешавад. Зимни таҳқиқоти муаллиф муайян гардид, ки «рақамикунонӣ аз раванди истифодаи технологияҳои

---

[93] Шамсов И.С. Заминаҳои рақамисозии иқтисодиёт ва таъсири он ба бозори дохилии меҳнат. Ташаккулёӣ ва рушди иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва тамоюли он (маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ): ДДМИТ-2022, с. 297.

иттилоотӣ бармеояд, чунки бо ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, раванди рақамисозӣ дар аввал ниҳоят кори мушкил мебошад. Ҳоло истифодаи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни корҳо, хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулотҳо дар заминаи сармоягузориҳои молиявӣ воситаи муҳим ба назар мерасанд»[94]. Сухан дар бораи то чӣ андоза инкишоф ёфтани раванди рақамӣ дар ҳалли вазифаҳои зерин меравад[95]:

- алоқа – ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот, нигоҳдорӣ ва паҳнкунии он, огоҳсозии шаҳрвандон;
- идоравӣ – таъмини иттилоот барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва пешниҳоди онҳо ба шахсони тобеъ;
- таълимӣ – омӯзиши кадрҳои вазорату идораҳо тавассути вебсеминарҳо, видеолексияҳо, порталҳои таълимӣ ва мониторинги дониши кормандон бо истифода аз системаҳои тестии электронӣ;
- маъмурӣ – раванди таъмини назорат;
- назорат – истифодаи ченакҳо ва меъёрҳои тавсияшаванда;
- нигоҳдорӣ – мақсаднок равона гардидани ахборотҳо;
- таҳқиқот – ҷустуҷӯи иттилооти нав ва коркарди таҷрибаи дахлдор;
- амният – ҳифзи иттилоот бо дастрасии маҳдуд ва маълумоти махфӣ, пешгирӣ ва безарар гардонии таҳдиди ҳамлаҳои кибералӣ.

Баъд аз солҳои 2000-ум дар шароити ҷаҳонишавии истифодаи Интернет Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаштан ба «ҳукумати электронӣ» аз соли 2003 тадбирҳои заруририро амалӣ намуд. Дар зарфи бештар аз 20 соли татбиқи Стратегияи давлатии ТИК системаи ягонаи ҳамкориҳои давлатӣ байни тамоми мақомотҳо идоракунанда ба роҳ монда шудааст. Мақсади асосии Стратегия ташаккули низоми мукаммали ҳукумати

---

[94] Исматов А.Ф Таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар раванди маъмурикунонии андоз // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. – No. 10-1. – С. 103-112. – ISSN: 2413-5151.

[95] Использование цифровых технологий в государственном управлении/ Статьи// https://hsbi.hse.ru/articles/ispolzovanie-tsifrovykh-tekhnologiy-v-gosudarstvennom-upravlenii. 16.01.2023

электронӣ буда, ташкил намудани шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои электронӣ, рушд додани шаклҳои электронии мубодилаи маълумот, рушди соҳаи хизматрасониҳои иттилоотӣ, ҳалли масъалаҳои ҳамкориҳои иттилоотии мақомотҳои давлатӣ ва ғайраро афзалияти асосӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёт гуфтан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»[96] дар назди худ мақсади таъсис ва ҷорӣ намудани принсипи содакардашудаи бақайдгирии давлатии «Равзанаи ягона»-ро низ гузошта буд, аммо дар он замон ин масъала бо дарназардошти истифодаи таҷрибаи хориҷӣ роҳи ҳалли худро наёфт, чунки қонуни қабулгардида танҳо бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқиро ба танзим медаровард ва таҷрибаи хориҷӣ ошкор намуд, ки бақайдгирии давлатии соҳибкорни инфиродӣ дар ин замина муайян нагардида буд.

Бо мақсади таъмини низоми мукаммали ҳукумати электронӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009 оид ба ташкили принсипи равзанаи ягона чунин пешниҳод намуданд: «Принсипи равзанаи ягона бояд дар муомила бо соҳибкорон амри воқеӣ бошад ва дар ин ҷода шароите бояд муҳайё сохт, ки ҳар як соҳибкор ва ҳар як шаҳрванди хоҳишманд тавонад дар муддати кӯтоҳтарин ҳуҷҷатҳои марбут ба соҳибкорӣ ва тиҷорати худро аз қайд гузаронида, ба фаъолият шуруъ намояд. Бо мақсади боз ҳам сода гардонидани қоидаҳои бақайдгирии давлатии субъектҳои хоҷагидорӣ ҷорӣ кардани усули нави бақайдгирӣ, яъне тарзи маълумотдиҳӣ қобили қабул аст»[97]

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ба Кумитаи андоз бори дигар зарурат пайдо шуд, ки дар раванди ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар

[96] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ» таҳия ва қабул гардид. (№5 аз 22 апрели соли 2003)

[97] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. http://president.tj/ 15.04.2009 12:00, шаҳри Душанбе

муҳлати кӯтоҳ то 1-уми июли соли 2009 татбиқи «Равзанаи ягона»-ро бо тартиби замонавии бақайдгирии давлати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорни инфиродӣ таъсис диҳад. Дар асоси қоидаҳои муайянгардидаи ин принсип мақомоти андоз имконияти пайдонамудани масъалаҳои зиёдро дар рушди маъмурикунонии андоз ба вуҷуд овард. Тартиби бақайдгирии андозсупорандагон аз рӯи Феҳрист дар асоси қоидаҳои принсипи Равзанаи ягона амалӣ гардида, тибқи маълумотҳои Кумитаи андоз шумораи андозсупорандагони бақайдгирифташударо дар ҷадвали **2.2.1.** таҳлил менамоем.

**Ҷадвали 2.2.1. – Шумораи андозсупорандагони дар мақомоти андоз бақайдгирифташуда дар солҳои 2016-2022**

| р/т | Нишондиҳанда | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳамаи субъектҳо | 288683 | 301298 | 315890 | 326493 | 335305 | 339407 | 340107 |
| 2. | Шахсони ҳуқуқӣ | 31567 | 31205 | 31174 | 30929 | 31265 | 31386 | 32849 |
| 3. | Соҳибкори инфиродӣ (шаҳодатнома) | 32001 | 32097 | 33572 | 34605 | 37264 | 36663 | 35747 |
| 4. | Соҳибкори инфиродӣ (патент) | 90800 | 95953 | 101370 | 105338 | 105400 | 104349 | 99407 |
| 5. | Соҳибкори инфиродӣ (хоҷагии деҳқонӣ) | 134315 | 142043 | 149774 | 155621 | 161376 | 167009 | 172104 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxAffairs

Нишондиҳандаҳои дар ҷадвалии 2.2.1. овардашуда собит менамояд, ки ҳолати бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар давраи солҳои 2016-2022 бо тартиби қоидаҳои муайяннамудаи принсипи «Равзанаи ягона» хеле хуб ба роҳ мондашуда, нисбат ба давраи соли 2009 дар доираи андешидани чораҳои гуногун ба як тартиби муайян амалӣ гардида истодааст. Ҳамин тавр, аз соли 2016 тартиби бақайдгирии андозспорандагон (шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ) тибқи қоидаҳои муайяни Феҳристи ягонаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо тартиби

зиёдшавӣ мутазам аз тарафи Кумитаи андоз амалӣ гардида истодааст. Мақомоти андоз ҳамчун мақомоти бақайдгирандаи далатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо мақсади амалӣ намудани қоидаҳои бақайдгирии андозсупорандагон раванди содагардонии бақайдгирии давлатии андозсупорандагонро дар асоси қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва принсипи «Равзанаи ягона» ба танзим медарорад.

Гузариш иқтисоди рақамӣ ва истифодаи барномаҳои махсуси иттилоотии компютерӣ ба рушди босуръати маъмурикунонии андоз заминаи воқеӣ гузошта истодааст. Ба андешаи А.М. Солеҳзода «маъмурикунонии андоз ҳолати истисноӣ надорад, баръакс он ҳамчун раванди содагардонии дастрасии шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба хизматрасониҳои босифати андоз аз самаранокии тадбирҳои пешбигигарда вобаста аст»[98]. Яъне маъмурикунонии андоз ҳолати шахшударо ифода намекунад, вале баръакс тамоми монеаҳо ва мушкилотҳои дар соҳаи андоз бавуҷудомадаро бартараф менамояд.

Қобили қайд аст, ки раванди рақамикунонии андоз дар асоси қарорҳо, барномаҳо ва консепсияи қабулнамудаи ҲҶТ тақвият ёфта, дар давоми се соли охир аз ҷониби КАҲҶТ як қатор хизматрасониҳои нав мавриди амал қарор гирифтаанд, ки «Утоқи шахсии андозсупоранда», «Утоқи шахсӣ оид ба лоиҳаҳои грантӣ» барои пешниҳоди ҳисоботи андоз дар шакли электронӣ аз ҷониби татбиққунандагони лоиҳаҳои сармоягузорӣ, «Донистани рақами мушаххаси андозсупоранда», «Феҳристи ягонаи давлатӣ», «Пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ» барои дар шакли электронӣ бе ҳозир шудан ба мақомоти андоз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, «Андози даромад аз иҷора», «Тафтиши ҳуҷҷатҳои электронӣ», «Портали хизматрасониҳои электронӣ», «Ҳисобнома - фактураҳои электронӣ», «Ҳисобкунаки андоз» барои ҳисоб намудани андозҳо аз объектҳои молу мулки ғайриманқул,

---

[98] Солехзода А.М. Проблемы трансформации подходов и приоритетов при оценке системы налогового администрирования. стр. 10

андози замин, андози воситаҳои нақлиёт, андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолиятдошта ва ғайра, «Онлайн номнавис намудан барои қабул» дар Кумитаи андоз, «Онлайн – мушовир», «Пардохти андозҳо» – хизматрасонии эквайрингӣ ҷиҳати пардохти андозҳо тавассути кортҳои пардохти бонкӣ, «Саволҳо ва пешниҳодҳо», дар шакли электронӣ дастрас намуданимаълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ аз ҳамин ҷумлаанд[99]. Дар маҷмуъ бештар аз 80 номгӯи хизматрасониҳои электронӣ аз тарафи мақомоти андоз анҷом дода шудааст. Яке аз вазифаҳои ташкили истифодабарии хизматрасониҳои электронӣ тавассути принсипи “Равзанаи ягона” ба қайд гирифтани андозсупорандагон мебошад, ки шумораи бақайдгирифташудаи андозсупорандагон дар давоми солҳои 2015 – 2022 чунин нишондиҳандаҳоро ташкил медиҳад, ки онро дар шакли диаграмма дида мебароем.




**Расми 2.2.1. – Шумораи истифодабарандагони хизматрасониҳои электронӣ (пешниҳоди элктронии эъломияҳои андоз)***

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj //Нашри №16 (1269)

[99]Махзани электронӣ: https://andoz.tj/docs/boju_hiroj/%E2%84%9616(1269)%2029.04.2021.pdf

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи хизматрасониҳои давлатии КАҲҶТ дар шакли электронӣ, дар маҷмуъ, беш аз 90 фоизи андозсупорандагонро дар бар мегирад, ки қисми бештари онҳо истифодабарандаи фаъоли сомонаи Кумита ба ҳисоб рафта, 61 фоизи онҳо аз фаъолияти Маркази тамоси Кумита огоҳ мебошанд. Айни ҳол аз миқдори хизматрасониҳои пешниҳодгардида, қариб 50% -и онро ба таври васеъ андозсупорандагон истифода мебаранд. Миқдори хизматрасониҳои электронии пешниҳоднамудаи мақомоти андоз ҳамсола вобаста ба давраи гузариш дар ҳолати афзоиш қарор дошта, дар давоми солҳои 2015-2022 ба чунин дастовардҳо расидааст, ки онро дар шакли диаграмма чунин арзёбӣ мегардад.




**Расми 2.2.2. – Шумораи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз дар солҳои 2015 – 2022***
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj //Нашри №16 (1269)

Аз расми 2.2.3 маълум гардид, ки шумораи хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 мутаносибан ба 7,5 баробар гардидааст, ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки солҳои охир шумораи пешниҳоди хизмтрасониҳои электронӣ дар мақомоти андоз рӯ ба зиёдшавӣ дорад. Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба ҳаҷми сарбории нишондиҳандаҳои андозӣ то давраи соли 2030 раванди зиёдшавии истифодаи хизматрасониҳои электронӣ имконпазир мебошад.

Дар ҷараёни татбиқи корҳо ҳангоми аз навсозии барномаҳо ва аз назаргузаронии модулҳо мушкилотҳое, ки дар аввал ҳангоми таҳрезӣ ва истифодаи барномаҳо ба амаломада буданд, дар баробари аз худ гардидани таҷрибаи хориҷии истифодаи технологияҳои рақамӣ ва бартарафгардидани камбудиҳои ҷойдошта паси сар гардиданд. Масалан, қайд кардан бамаврид аст, ки дар модули татбиқшудаи «Утоқи шахсии андозсупоранда», дар муқоиса бо шакли пешинаи он, илова ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин, барои шахсони воқеӣ низ имконияти пайваст шудан ба утоқи шахсӣ фароҳам оварда шудааст. Он имконият медиҳад, ки тавассути утоқи шахсӣ шаҳрванд метавонад, пеш аз ҳама маълумоти инфиродии худ, аз ҷумла: рақами мушаххаси андозсупоранда, дар қайди кадом нозироти андоз қарор доштан, объектҳои молу мулки ғайриманқули бақайдгирифташударо мушаххас намуда, бо огоҳномаҳои ирсолнамудаи мақомоти андоз ва дигар иттилоот, ки дар мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз мавҷуд аст, шинос шавад.

Андозсупоранда ҳамавақт имконият дорад аз утоқи шахсии худ ва ё дар маҳалли зист, маълумотҳо дар бораи ҳар як намуди андоз, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ ба зиммааш бор гардидааст, аз назар гузаронида ба буҷет пардохт намояд. Метавонад маълумотҳоро оид ба иҷрои уҳдадориҳои андоз бо маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда муқоиса намояд. Чунин раванди корҳо дар мақомоти андоз идома ёфта, марҳила ба марҳила дар идомаи корҳои созандагӣ баҳри рушди иқтисодиёти ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳбудиро талаб мекунад. Дар ҷамъбасти соли 2023 миқдори хизматрасониҳои электронӣ аз 80 адад зиёд карда шуд. Раванди таъмини хизматрасониҳои электрониро дар солҳои 2015-2023 муқоиса намоем ва тибқи он мақомоти андоз бо андешидани тадбирҳои зарурии такмили маъмурикунонии андоз ҳамасола ҳаҷми хизмарасониҳоро то 10 номмгӯй зиёд намуда истодааст, ки чунин амал дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамиро таъмин менамояд.

Барои амалӣ намудани рақамикунонии мақомоти андоз дар назди КАҲҶТ корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» ташкил гардидааст, ки самти фаъолияти ин Марказ ба роҳ мондани барномасозии маъмурикунонии андоз мебошад. Вазифаи таъмин барномавии хизматрасониҳо ин нигоҳдорӣ ва хизматрасони техникӣ ба барномаҳои компютерии амалкунанда, ташкили хизматрасониҳои иттилоотӣ-машваратӣ, роҳу воситаҳои таъмин ва истифодабарии махзани маълумотҳо, ташкил ва таъмини бехатарии системаи шабакаҳои иттилоотӣ ва коркарди маълумот ба ҳисоб меравад.

Мақомоти андоз ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ то ин давра бо истифода аз почтаи электронии info@andoz.tj ҳисоботҳои андозсупорандагонро дархост менамуд. Дар давраи ҳисоботии соли 2023 андозсупорандагон дархосту пешниҳодҳои хуро ба миқдори 155 адад мактуб ба Кумита ирсол намудаанд, ки посухи онҳо тавассути почтаи зикршуда ба андозсупорандагон дастрас гардонида шуд. Бо ин усул миқдори дар соли 2023 нисбат ба соли 2022 ба миқдори 191 адад кам иҷро шудааст. Сабаби муроҷиатҳо бо истифодаи ин усул дар он аст, ки андозсупорандагон дархосту пешниҳодҳои худро бо истифода аз «Ҳуҷраи шахсии электронии андозсупоранда» ба мақомоти андоз ирсол намуда истодаанд. Дар маҷмуъ, ҳолати муроҷиатҳои андозсупорагонро ба мақомоти андоз барои соли 2023 дар ҷадвали 2.2.2. дида мебароем.

**Ҷадвали 2.2.2. – Муроҷиатҳои андозсупорандагон дар соли 2023**

| Р/т | **Номгӯи муроҷиатҳо** | **Шумораи муроҷиатҳо (адад)** | **Ҳиссаи муроҷиатҳо (%)** |
|---|---|---|---|
| 1 | **2** | **3** | **4** |
| 1. | Пайвастшавии электронӣ, пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ | 4638 | 23,2 |
| 2. | Ҳисобу пардохти андоз аз арзиши иловашуда, ҳисобнома-фактураҳои андоз аз арзиши иловашуда ва анбори электронӣ | 2160 | 10,8 |
| 3. | Ҳисобкунии андози ғайриманқул ва ба иҷора додани объектҳои ғайриманқул | 1645 | 8,2 |

**Давоми ҷадвали 2.2.2.**

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| 4. | Андозбандии хоҷагиҳои деҳқонӣ | 1454 | 7,3 |
| 5. | Эъломияҳои электронии хизматчиёни давлатӣ | 939 | 4,7 |
| 6. | Бақайдгирӣ ва азқайдбарории ДНХ ва POS-терминалҳо | 916 | 4,6 |
| 7. | Андозбандии соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда | 872 | 4,4 |
| 8. | Андоз аз даромад | 893 | 4,5 |
| 9. | Андозбандии соҳибкорони инфиродӣ | 749 | 3,7 |
| 10. | Санади муқоисавии электронӣ | 703 | 3,5 |
| 11. | Андози иҷтимоӣ | 649 | 3,2 |
| 12. | Корҳои назоратӣ | 634 | 3,1 |
| 13. | Имтиёзҳои андозӣ | 223 | 1,1 |
| 14. | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 162 | 0,8 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj //Нашри №5 (1412)

Аз ҷадвали 2.2.2. бармеояд, ки муроҷиатҳои асосӣ бештар дар пайвастшавӣ ба хизматрасониҳои электронӣ ва пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ буда, он ба 23,2 фоизи муроҷиатҳо рост меояд. Таҳлили зангҳои телефонӣ аз рӯи масъалаҳои муроҷиатҳои андозсупорандагон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вобаста ба мавҷуд будани масъалаи асосӣ пайвастшави ба хизматрасониҳои электронӣ ва пешниҳоди ҳисоботу эъломияҳои электронӣ дигар мавзуи муроҷиатҳое қарор доранд, ки ин муроҷиатҳо, асосан, ба тамдид кардани муҳлати шартномаҳои пайвастшави ба хизматрасонии электронӣ, истифодаи «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда», пешниҳоди электронии эъломияҳо, гирифтани маълумотнома оид ба қарздорӣ ва ғайраҳо мебошанд.

Тавре аз ахборотҳои КАҲҶТ маълум гардид, ҳолати дар амал қарор доштани хизматрасониҳои дар доираи чорабини Барномаи рушди маъмурикунонии андоз амалигардида ба ҳолати моҳи майи соли 2023 дар маҷмуъ 27,6 ҳазор шаҳрванд ва андозсупорандагон ба маблағи 7,6 млн. сомонӣ андозҳоро ба тариқи ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намудаанд[100].

---

[100] Маълумотномаи Кумитаи андоз аз 05.05.2023, №23/10-16. Махзани электронӣ:

Ҳолати истифодаи ПОС – терминалҳои электронӣ ва истифодаи ҳамёнҳои электронӣ, ки барои андозсупорандагон ва шаҳрвандон ҳангоми анҷом додани иҷрои корҳо, хизматрасониҳо ва фурӯши маҳсулотҳо шароити мусоидро ба вуҷуд меорад, аз нигоҳи сарфаи вақт ва дастрасӣ ба маълумот шаффофияти воридоти андозҳоро ба буҷети давлат таъмин менамоянд. Айни ҳол теъдоди ПОС – терминалҳои электронӣ дар нуқтаҳои фаъолияти андозсупорандагон насбгардида дар маҷмуъ зиёда аз 4,0 ҳазор ададро ташкил медиҳад. Метавонем қайд намоем, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ тавассути ПОС – терминалҳои мазкур шаҳрвандон ва андозсупорандагон, хусусан дар минтақаҳои дурдасти аҳолинишин метавонанд андозҳоро бо истифода аз кортҳои бонкӣ ба таври ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Тамоми корҳои иҷрошуда баҳри таъмини воридотҳои андозӣ ба буҷети давлат буда, ҳамзамон ёдовар мешавем, ки тайи даҳ соли охир вусъатдиҳии раванди тадбирҳои андешидашуда, аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷиҳати пардохти андозҳо ба ҷӣ натиҷа анҷом ёфтааст.




**Расми 2.2.3. – Таҳлили раванди воридотҳои андозӣ дар солҳои 2013-2022(бо ҳисоби сомонӣ)***

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф маҷмуаҳои омори солона. Махзани электронӣ: https://www.stat.tj/tafsiri-elektronii-nashriyaho-bojgoni-2/

https://andoz.tj/TaxCommittee

Ҳолати воридоти андозҳоро дар расми 2.2.4. назар намоем, аз рӯйи нишондиҳандаҳои овардашуда, ҳиссаи вориоти андозҳо бо ҳисоби миёна аз 20% то 30% зиёд гардид, ба истинои солҳои 2019 - 2020. Ҳолати кам иҷро гардидани воридоти андоз аз ҳолати кам ба нақша гирифтани воридоти андоз ба буҷети давлатӣ шаҳодат медиҳад, чунки паҳншавии бемории COVID – 19 боиси нигаронии тамоми иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон гардид.

Бо мақсади амалӣ гардидани қисми 6-и моддаи 31-и Кодекси андоз ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.11.2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ»[101], аз ҷониби шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар чор моҳи соли 2023 дар ҳаҷми 5,5 млрд. сомонӣ маблағи умумии андозҳо ва пардохтҳои ҷорӣ ба буҷет ворид гардидааст, ки аз зиёда аз 4,5 млрд. сомонии онро маблағҳои ба таври ғайринақдӣ пардохт шуда ташкил медиҳад, яне ба 82,0 фоизи маблағи умумии пардохшудаи ҳамин давра рост меояд. Бинобар ин, дар соли 2022 аз 15,4 млрд. сомонӣ маблағҳои умумии андозҳо ва пардохтҳои ба буҷет воридшуда, зиёда аз 12,5 млрд. сомонӣ ё худ 81,0 фоизи онро маблағҳои ба таври ғайринақдӣ пардохтшуда ташкил медод.

Бо мақсади вусъатдиҳии хизматрасониҳои рақамӣ тавассути хизматрасонии эквайрингӣ пардохт намудани андозҳо айни замон, бо як қатор ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла “Амонатбонк”, Бонки байналмилалии Тоҷикистон, Спитамен бонк, Коммерсбонки Тоҷикистон, Алиф бонк, Душанбе Сити ҳамкориҳо дар мақомоти андоз ба роҳ монда шудааст.

Гузариш тадриҷан ба технологияҳои рақамӣ татбиқи система, автоматикунонӣ ва роботикунонии он корҳое, ки ҳамучун навовариҳои илмӣ, эҷодӣ ба миён омадаанд, метезонад. Умуман, раванди автоматикунонӣ чунин корҳоро дар бар мегирад, ки амалиёти физикии доимо такроршаванда ё

---

[101] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» аз 30.11.2018, №565

иҷрои оддиро талаб мекунанд, ки он кори мураккабе нест, тахассуси паст ё миёнаро талаб мекунад[102].

Дар шароити имрӯза вобаста ба аҳаммияти истифодаи технологияҳои рақамӣ ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ саҳми олимони ватанӣ назаррас мебошад, чунки гузариш ба иқтисоди рақамӣ ё рақамикунонии соҳаҳо ҳамчун самти афзалиятнок дар ҷодаи соҳаҳои иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар самти рақамикунонии андоз шаклҳои гуногуни хизматрасониҳои пешниҳодгардида, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки имрӯз мақомоти андоз барои расидан ба ҳадафҳои олии кишвар тадбирҳои рақамиро пешниҳод менамояд. Вобаста ба ин ислоҳот дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 тадбирҳо оид ба:рушди маъмурикунонии андоз, содагардонии расмиёт ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон, муосиргардонии низоми пешниҳоди иҷозатҳо ва иҷозатномаҳо, пайвастшавӣ ба шабакаи таъмини неруи барқ ва дигар шабакаҳои муҳандисӣ, бақайдгирии молу мулк, таъмини дастрасии осон ба қарзҳо, ҳалли масъалаҳои пардохтнопазирии корхонаҳо, расмиёти баррасии баҳсҳои тиҷоратӣ, расмиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ, таъмини иҷрои қарордодҳо ва дигар чорабиниҳо идомаи мантиқии худро пешбинӣ гардидааст[103].

Раванди иҷрои барномаҳо ва қарорҳои қабулгардидаи мақомоти андоз дар самти вусъатдиҳии низоми хизматрасонии электронӣ ва баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагон тадбирҳои воқеӣ ва саривақтӣ арзёбӣ гардида, марҳилаҳои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиётро таъмин менамояд. Ин тадбирҳо ба ҳар як андозсупоранда имконият медиҳад, ки бо сарфа намудани вақти худ ва истифода намудани тамоми

---

[102] Шамсов И.С. Взаимосвязь информационных технологий и рынка труда в условиях перехода к цифровой экономике // Паёми Донишгоҳи миллии тоҷикистон, Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ 2020. №1, с.24-27.

[103] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441// Замима ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» апрели соли 2021, № 168// Махзани электронӣ: http://ombudsman.tj › files › barnoma2021-2025-tj

хизматрасониҳои электронӣ бидуни ташриф овардан ба мақомоти андоз иҷрои корҳояшро сифатан беҳтар намояд.

Зимни ҷамъбасти зерфасли мазкур чунин хулосаю пешниҳодҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ қайд намудан бамаврид аст, ки раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ танҳо аз тарафи мақомоти андоз кафолати доимӣ надорад. Бинобар ин, Кумитаи андоз вазифадор мегардад, ки раванди ҳамкориҳоро бо мақомотҳои дахдор, ҷиҳати таъмини бехатарии молиявии кафолати истифодабарии технологияҳои рақамӣ ва қабули барномаҳо дар ин самт бештар намоянд.

2. Муайян карда шуд, ки истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва технологияҳои рақамӣ раванди рақамикунониро таъмин менамояд. Минбаъд дар асоси ислоҳоти маъмурикунонии андоз, тартиби содагардонии бақайдгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботҳои андозсупорандагон ба назар гирифта, таҳияи идоракунии хизмарсониҳои электрониро боз ҳам ба таври шаффоф ва сабук ба роҳ монанд.

3. Зарурияти рақамикунонии маълумотҳо тавассути ба роҳ мондани «Равзанаи ягона» ва «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» талаб менамояд, ки тадбиқи он бо мақсади тартиби бақайдгирӣ ва назорат дар феҳристи ягонаи давлатӣ, инчунин дар шаки электронӣ пешниҳод гардидани он хизматрасониҳоро таъмин менамояд. Вобаста ба ин масаъала андешидани тадбирҳои маъмурикунонии андоз саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

4. Мавриди зикр аст, ки вобаста ба ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ дар чор соли охир аз ҷониби Кумитаи андоз як қатор хизматрасониҳои электронии мавриди таҳлил қарор гирифта шуд. Таҳлили маълумоти овардашуда вобаста ба пайдо намудани маълумотҳои зерин: рақами мушаххаси андозсупоранда, дар қайди кадом нозироти андоз қарор доштан, объектҳои молу мулки ғайриманқули бақайдгирифташударо мушаххас намудан, бо огоҳномаҳои ирсолнамудаи мақомоти андоз ва дигар

иттилоот, ки дар мақомоти андоз оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ мавҷуд аст, мусоидат менамояд.

5. Ҳамзамон ёдовар мешавем, ки тамоми корҳои иҷрошуда вусъатдиҳии раванди тадбирҳои андешидашударо дар самти мукаммал гардидани фаъолияти мақомоти андоз ва сифатан беҳтар шудани хизматрасониҳои электронӣ фароҳам меорад.

## 2.3. Афзалиятҳои рушди маъмурикунонии андоз дар таъмини ҳиссаи даромадҳои андозии буҷети давлатӣ

Равишҳо ва самтҳои амалӣ гардидани маъмурикунонии андоз хусусияти гуногун таркибӣ дошта, дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳо ба ҳам овардани муносибатҳои дар доираи мақсадҳо, вазифаҳо ва усулҳои маъмурикунонии андоз равона гардида, ки ба рафтори ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни андозбандӣ таъсир мерасонад, алоқаманд мебошад. Барои беҳдошти раванди маъмурикунонии андоз ба консепсияи иқтисоди рақамӣ, барномаҳои дарозмуҳлат ва барномаҳои миёнамуҳлат такя намуда, ҳангоми иҷрои он вобаста ба равишҳо ва самтҳои муайянгардидаи маъмурикунонии андоз таҳкими механизмҳои ҳавасмандкунии фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ, инчунин кам кардани хароҷот вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои андозро таъмин менамоем.

Ҳама гуна тадбирҳои вобаста ба маъмурикунонии андоз, аз лаҳзаи бақайдгирии андозсупорандагон то лаҳзаи бунёди базаҳои маълумот ва ҳамоҳангсозии электронии онҳо, ҳамчун занҷираи сарбаста вазифаҳои умумии ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ мебошанд. Дар мавриди «ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ бо мақсади таъмини иҷрои бомуваффақияти вазифаҳои маъмурикунонии андоз аз бисёр ҷиҳат ба мо имконият медиҳад, ки робитаи шахсии кормандони андоз ва андозсупорандагонро кам ва ҳатто аз байн барад»[104], мушоҳидаҳо зиёд аст.

---

[104] Аристархова М. К. Организационное, методическое, цифровое развитие налогового администрирования: учебное пособие для студентов всех форм обучения, обучающихся по направлению 38.03.01 «Экономика», профиль «Налоги и налогообложение» / М. К. Аристархова, О. К. Зуева, А. Ю. Шеина. – Уфа: Редакционно-издательский комплекс

Дар мавриди ба роҳ мондани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ҷиҳати шароит фароҳам овардан ба рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз ва амалӣ намудани тадбирҳои муҳими БРМА барои солҳои 2020-2025, зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ нақши объективӣ дошта, он дар таъмини системаи ҳамгироиҳои иттилоотӣ яке аз самтҳои муҳими рушди маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад. Дар сатҳи замонавӣ иҷро намудани барномҳои давлатӣ, ҷорӣ намудани модулҳои нави хизматрасонӣ ва пешбурди феҳристи бақайдгирии давлатии андозсупорандагон, тартиб ва шаклҳои муосири расмиёти содагардонӣ, таъмини системаи ҳамгироиҳои иттилоотӣ дар шакли фосилавӣ ё фаврӣ яке аз талаботҳои рақамикунонии иқтисодиёт ба шумор меравад, ки заминаҳои рушди маъмурикунонии андоз вобастагии зиёд дорад.

Рушди маъмурикунонии андоз дар пешрафти иқтисодиёти мамлакат нақши калидӣ дошта, ба роҳ мондани роҳу усулҳои нави идоракуниро дар тадбиқи сиёсати андоз амалӣ менамояд. Ҳамзамон, такмили маъмурикунонии андоз вобаста ба самтҳои зерин: «рушди маъмурикунонии андоз, фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, рушди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, кам кардани истифодаи ҳуҷҷатҳои коғазӣ,  баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон, беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз ҷараён доранд»[105], ки мақсад ва вазифаҳои асосии рушди маъмурикунонии андоз муайян менамояд.

Амалӣ намудани самтҳои афзалиятдоштаи маъмурикунонии андоз таҷрибаи зиёди кори мақомоти андозро дар ҳамаи самтҳои фаъолияти мақомот дар бар мегирад. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ ин раванди ҷаҳиши танҳо низоми фаъолияти мақомоти андоз нест, чунки таҷриба дар бисёр

---

УГАТУ, 2019. – 143 с.

[105] Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025// Замимаи 1. Қарори Ҳукумати  Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз 30 декабри соли 2019, № 643/ Махзани электронӣ: https://www.andoz.tj/

мамлакатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки воситаҳои истифодашавандаи иқтисоди рақамӣ дар ҳаёти тамоми субъектҳои иқтисодӣ нақши бениҳоят калон дорад. Иқтисоди рақамӣ имкониятҳои баланд гардидани эътимоднокии аҳолӣ, гузариш ба низоми хизматрасониҳои муосир ва самараноки технологияҳои пешбурди фаъолияти мақомоти андоз мусоидат менамояд, ки чунин тадбирҳо тавассути идоракунии одилона ба баланд гардидани нуфузи мақомоти андоз оварда мерасонад. Барои амалӣ гардидани вазифаҳо, мақсадҳо ва самтҳои рушди маъмурикунонии андоз як қатор мафҳумҳоеро аз назар гузаронидан мумкин аст, ки тавсифи ҳар яки онҳо аз лиҳози иқтисодӣ хусусияти гуногунро соҳибанд.

**Ҷадвали 2.3.1. – Хусусияҳои маъмурикунонии баъзе мафҳумҳои истифодашаванда дар мақомоти андоз**

| Р/т | Мафҳумҳо | Тавсифи умумӣ |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| 1. | Масъулияти иҷрои уҳдадории андоз | Шахсоне, ки тибқи Кодекси андоз иҷрои уҳдардории андозро таъмин мекунанд, ҳамчун андозсупоранда ба ҳисоб меравад. Ташкили иҷрои уҳдадории андоз аз лаҳзаи бақайдгирӣ оғоз гардида, ба рафтору амалӣ андозсупоранда хос мебошад, ки онро дар ҷанбаҳои зерин дида метавонем:<br>– ҳолати равонӣ (иҷрои уҳдадории андоз ҳамчун унсури мусбии механизми андоз арзёбӣ гардида, ташкили он ба фаъолияти дастаҷамъона ва маҳорати баланди касбӣ хос мебошад);<br>– хусусияти иҷтимоӣ, яке аз вазифаи иҷтимоии андоз буда, иҷрои уҳдадории андозро тақозо менамояд, муҳиммияти он дар равона гардидани ҳиссаи муайяни маблағ ба буҷет аз ташкили рафтору фаъолияти андозсупорандагон вобаста мебошад;<br>– тавсифи меъёрӣ, ба иҷрои уҳдадории андоз нигаронида шуда, қоидаҳои риоя ва тартиби пардохти андозро вобаста ба қобилияти идоракунии объект ва гирдгардиши молҳо дар маҳали фаъолияти андозсупоранда дар бар мегирад; инчунин (уҳдадории андоз ҳамчун ҷузъи муҳимми рафтори софдилонаи андозсупоранда дар доираи ҳуқуқӣ қабул карда мешавад, риоя накардани қонунгузории андоз ҷузъи дахлдори баҳодиҳии субъекти мебошад)<br>– тавсифи ҳуқуқӣ, иҷрои уҳдадории андоз ба рафтори одамон вобаста буда, риоя намудани талаботҳои қонгунгузорӣ ҷузъи асосии он мебошад. |

**Давоми ҷадвали 2.3.1.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 2. | Ҳамкории мутақобила ва самаранокии иҷрои вазифаҳо | Ташкили ҳамкориҳо ва иҷрои вазифаҳои мақомоти андоз баҳри беҳтар гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз ба маҷмуи меъёрҳо ва принсипҳои андозбандӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои андозӣ асос меёбад. Самаранокии иҷрои уҳдадориҳои андоз ба самаранокии иҷрои вазифаҳои мақомоти андоз дар асоси дар дурнамои стратегӣ вобаста мебошад. |
| 3. | Объективона, софдилона иҷро кардани вазифа ва хизмати давлатӣ | Ташаккули шаклҳои меъёрии рафтор бо мақсади беҳтар гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз, нигоҳ доштани тавозуни манфиатҳои субъекти андоз, ки ба муносибатҳои омиронаи давлат асос меёбад, аз манфиатҳои иҷтимоие, ки муассисаҳои давлатӣ ва нозиротҳои андоз дар доираи ҳамкориҳои мутақобила танзим мекунанд, иборат мебошад. Иҷрои саривақтии уҳдадориҳои андоз, ба ҷанбаҳои усулҳои саркашӣ аз андоз, ҳолати равонӣ, илмӣ, амалӣ ва молиявӣ алоқаманд мебошад. Новобаста ба кадом шакл бароҳ мондани ҳамкориҳо байни андозсупоранда ва мақомоти андоз бояд дараҷаи робитаҳо байни иштирокчиёни маъмурикунонии андоз мавҷуд бошад. |
| 4. | Сатҳи омодасозии кадрҳо ва мутобиқати фаъолияти касбӣ | Яке аз зинаҳои ташаккули ислоҳоти маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди рақамӣ ба мутобиқнамоии сатҳи ихтисосмандии кормандони соҳаи андоз равона гардидааст. Якбора паҳн гардидани хизматрасониҳои электронӣ дар аввал рушди фаъолияти мақомоти андозро коҳиш дода, баъдан бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ислоҳотҳо дар самти беҳтар гардидани самаранокии маъмурикунонии андоз ба миён омад. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳқиқоти илмии Солехзода А.М..[106]

Баланд бардоштани савияи дониши андозсупорандагон яке аз чораҳои мутобиқнамои ба низоми имрӯзаи фаъолияти мақомоти андоз мебошад, ки вобаста ба ин масъала пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ дар заминаи ба роҳ мондани «Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти андоз»[107] дохил намудааст. Амалӣ намудани

[106] Солехзода А.М. Технологии мониторинга в развитии налогового администрирования Республики Таджикистан. // Журнал Экономика Таджикистана -№4.2018. ISBN 978-99947-1-473-5. -Душанбе, 2018. –С. 119-126.

[107] Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон// Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 28.03.2022, №170/ Махзани электронӣ: https://www.andoz.tj › Farmoish170_2022_TJ

корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон, самти афзалиятноки фаъолияти мақомот ба ҳисоб рафта, бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупорандагон, тавассути истифодаи технологияи иттилоотӣ ва барномаҳои компютерӣ гузаронидани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ дар соли 2023 бо иштироки андозсупорандагон ва кормандони мақомоти андоз зиёда аз 1500 адад семинар-машварат гузаронида шуд.

Бештар мавзуҳое, ки дар вохуриҳо бо андозсупорандагон ташкил гардидааст, тибқи муқаррароти Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, №586, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳои маҳаллӣ, андозаи ҳадди ақали иҷорапулӣ барои молу мулк ва дигар масъалаҳои ба қонунгузории андоз алоқаманд амалӣ мешаванд.

Эътимоднокии андозсупорандагон аз муносибати корманди мақомоти андоз доир ба масъалаҳои андозбандӣ вобастагӣ дорад. Қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав аз 23.12.2021, таҳти №1844 бо дарназардошти пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, имкониятҳои зиёди навгонӣ дар соҳаи андозро ба вуҷуд овардааст, ки дар доираи механизмҳои амалкунандаи андозбандӣ аз тарафи Кумитаи андоз раванди иҷроиши он аз 01.01.2022 таҳти назорат қарор дорад.

Ҳамасола ҷиҳати риояи қонунгузории андоз, бо мақсади осон ва қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андоз ҳамаи намудҳои хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз, ки ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар шакли электронӣ дастрас гардида, дар сомонаи мақомоти андоз ҷойгир карда шудааст. Дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Консепсияи иқтисоди рақамӣ»[108] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»[109] аз моҳи апрели соли 2023 шакли таҷдидшудаи барномаи компютерии Системаи ҳамгироии иттилоотии идоракунии андоз омода гардид, ки аз 46 адад

---

[108] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 30.12.2019, №642
[109] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ” аз 02.04.2020, №1690

модулҳои алоҳидаи компютерӣ дар доираи зиёда аз 76 адад хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ пешниҳод гардида, ташкили чунин хизматрасониҳо имконияти зиёдро барои сода гардонидани расмиёти бақайдгирӣ ва иҷрои уҳдадориҳои андозии субъектҳои хоҷагидор, инчунин ба кам кардани таъсири омилҳои инсонӣ мусоидат менамояд.

Тавассути ҷорӣ гардидани барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андоз дар Кумитаи андоз модули нави хизматрасонии компютерӣ - «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» мавриди истифода қарор гирифт, ки он имкониятҳои васеъро барои танзими гардиши ҳуҷҷатгузории дохилиидоравӣ, тартиби пешбурди варақаҳои назоратӣ оид ба баҳисобгирии супоришҳои назоратӣ, мукотибот бо вазорату идораҳо ва мақомоти ҳудудии андоз, кам гардидани гардиши ҳуҷҷатгузории коғазии дохилиидоравӣ таъмин менамояд. Бо ин восита мақомоти андоз махзани электрониро такмил дода, раванди ҳамкориҳои фосилавиро бо мақомотҳои дигарди давлатӣ дар самти танзими муносибатҳои молиявӣ роҳандозӣ менамояд.

Ҷиҳати таъмини маблағгузории чорабиниҳои дар Барнома пешбинишуда, санаи 3 июни соли 2021 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд Созишнома оид ба маблағгузории лоиҳаи Грантӣ №D835-TJ «Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз» ба имзо расонида шуда, аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №471 тасдиқ карда шудааст. Мақомоти андоз дар асоси Лоиҳаи зикргардида самтҳои асосии рушди маъмурикунонии андозро дар мадди назар гирифта, таъмин гардидани онро то соли 2025 бо мақсади беҳсозии раванди корҳо дар самти рушди маъмурикунонии андоз бо гузаронидани 31 чорабинӣ пешбинӣ намудааст.

Тавре аз ҳолати муосири истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ба мо маълум гардид, дар самти беҳсозии хизматрасониҳои электронӣ бо тартиби фосилавӣ ва пайдо гардидани дастрасӣ ба истифодаи он як қатор корҳо ба анҷом расидааст. Масалан, бо назардошти имкониятҳои мавҷудбудаи рушди

технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ тибқи қарори ҲҶТ аз 10.07.2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»[110] дар соли 2020 сомонаи расмии мақомоти андоз дар шакли таҷдидгардида мавриди истифода бо 3 забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ қарор гирифт.

Гузариш ба иқтисоди рақамӣ воқеияти ҳодисаҳоро таҷассум намуда, суръати корро тезонида, имконияти зиёдро баҳри рушди соҳаҳои иқтиодиёт ба вуҷуд оварда, такмили хизматрасониҳоро мутобиқт шароити иқтисодиёт чорҷӯӣ менамояд. Албатта барои расидан рақамикунонии иқтисодиёт то давраи соли 2030 мақомоти андоз дар доираи риояи принсипҳои қонунгузорӣ зиёд намуданихизматрасониҳо ва тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳоро вусъат медиҳад.

Таъмини шаффофияти воридоти андоз яке аз масъалаҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт пайваста мақомоти андоз дастурҳои Ҳукумати мамлакатро пайгирӣ намуда, бо афзудани ҳаҷми нишондандаҳои даромади буҷети давлатӣ, ҳамасола зиёдгардидани ҳаҷми воридоти андозро ба буҷети давлат таъмин менамояд. Айни ҳол ҳолати воридоти андозҳоро бо дарназардошти тадбирҳои автоматикунонии маъмурикунонии андоз дар ҷадвали 2.3.2 муқоиса менамоем.

---

110 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017 № 344 "Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет" Махзани электронӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/

## Ҷадвали 2.3.2. – Иҷроиши воридоти андозҳо дар солҳои 2013 – 2022 (млн. сомонӣ)*

| | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | Вазъи қиёсӣ 2022/2013, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Воридоти андозҳо, азҷумла:** | **5809,0** | **7087,0** | **7947,7** | **8436,0** | **9563,2** | **10523,1** | **11115,7** | **10636,6** | **13722,7** | **15388,0** | **2,64** |
| 1. | Андоз аз даромади шахси воқеӣ | 912,3 | 1089,9 | 1296,1 | 1347,9 | 1565,3 | 1767,4 | 1912,6 | 1876,0 | 2374,0 | 2853,7 | 3,12 |
| 2. | Андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ | 698,6 | 806,5 | 1008,9 | 1033,1 | 1504,8 | 1667,1 | 1898,7 | 1697,1 | 2335,3 | 3050,4 | 4,36 |
| 3. | Андози иҷтимоӣ | 1081,4 | 1349,6 | 1358,9 | 1378,2 | 1566,2 | 1726,5 | 1812,9 | 1677,9 | 2031,9 | 1990,3 | 1,84 |
| 4. | Андоз аз арзиши иловашуда | 1200,0 | 1490,6 | 1652,9 | 1792,3 | 1947,8 | 2179,0 | 2222,6 | 2149,9 | 2916,1 | 3376,9 | 2,81 |
| 5. | Аксизҳо | 76,2 | 97,5 | 135,9 | 152,1 | 168,3 | 158,8 | 182,6 | 187,4 | 258,4 | 314,2 | 4,12 |
| 6. | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 126,2 | 195,9 | 229,4 | 406,3 | 508,9 | 645,6 | 580,5 | 631,2 | 962,2 | 1052,0 | 8,33 |
| 7. | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 422,9 | 514,0 | 382,9 | 339,6 | 371,5 | 393,9 | 448,3 | 403,5 | 523,9 | 85,2 | **- 4,96** |
| 8. | Андоз аз фурӯш | 119,9 | 85,5 | 114,9 | 65,1 | 19,4 | 19,6 | 11,5 | 2,3 | 12,1 | 14,1 | **- 8,5** |
| 9. | Боҷи давлатӣ | 91,6 | 99,4 | 90,6 | 90,7 | 120,7 | 128,5 | 133,3 | 113,3 | 151,7 | 188,1 | 2,05 |
| 10. | Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд | 339,4 | 409,3 | 489,5 | 526,9 | 583,8 | 646,2 | 683,6 | 647,7 | 712,9 | 852,4 | 2,51 |
| 11. | Дигарр пардохтҳои ҳатмии буҷети ҷумҳуриявӣ | 389,7 | 577,0 | 787,8 | 819,5 | 614,1 | 506,9 | 529,2 | 381,6 | 595,2 | 608,2 | 1,56 |
| 12. | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 118,3 | 115,9 | 115,2 | 123,0 | 184,8 | 189,0 | 211,7 | 219,3 | 237,8 | 281,0 | 2,37 |
| 13. | Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 155,9 | 181,4 | 206,9 | 241,8 | 300,2 | 357,7 | 370,8 | 374,6 | 457,0 | 587,9 | 3,77 |
| 14. | Дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ | 76,1 | 74,6 | 77,7 | 119,5 | 107,4 | 136,9 | 117,1 | 275,0 | 154,3 | 133,8 | 1,75 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф//Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxAffairs

Аслан, аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали 2.3.2. мо иҷроиши воридоти андозҳоро вобаста ба давраи амалишавии Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 17.09.2012 таҳти № 901 тасдиқ гардидааст, натиҷагирӣ намудем. Тибқи ҳолати воридоти андозҳо аз рӯи 14 нишондиҳандаҳое, ки пурра ба сатҳҳои буҷети давлатӣ равона мегардид, раванди таъмини иҷроиши онҳо гуногун ба назар мерасад. Аз рӯи маълумотҳои овардашуда ба мо маълум гардид, ки раванди воридшавии андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ҳаҷми умумии воридотҳои андозии буҷети давлатӣ ҳиссаи бештарро ташкил медиҳанд. Тавре аз бандҳои 7-ум ва 8-уми ҷадвал бармеояд, дар муқоиса ба соли 2013 ҳолати иҷроиши андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 4,96 ва андоз аз фурӯш 8,5 дар соли 2022 маротиба кам гардидааст. Натиҷаҳои воридоти андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомолигардро дар соли 2021 нисбат ба давраи соли 2013 муқоиса намоем, 1,2 мароти зиёд гардидааст, ки ин натиҷа дар давраи солҳои 2013-2021 ба фаъолияти мақомоти андоз дар ғанӣ гардонидани буҷети давлат на он қадар таъсири мусбат расонидааст. Мақамоти андоз баъзе аз муаммоҳо ва хусусиятҳои дигари таъсиррасон ба низоми андози кишварро ба инобат гирифта, ҳангоми қабул намудани Кодекси андоз дар таҳрири нав 23 ноябри соли 2021, таҳти № 1844 амалишавии андоз аз исфодабарандагони роҳҳои автомобилгардро бекор намуд, ки чунин ҳолат сабаби якбора кам гардидани иҷроиши андоз ба буҷети давлат дар соли 2022 гардид.

Азхуднамоии маблағҳои воридгардида тайи солҳои 2013-2022 иҷрои қонунгузории андозро талаб мекард. Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои ҷамъбастгардидаи воридотҳои андоз, ҷиҳати иҷрои қонунгузории андоз масъулияти кормандони мақомоти андоз бештар менамояд. Махсусан, бо мақсади дуруст ба роҳмондани назорати риояи қонунгузории андоз ва рушди маъмурикунонии андоз, қабули консепсияҳо, барномаҳо ва як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуд. Дар соли 2020 якбора паҳн гардидани бемории COVID – 19 ба ҷамъбасти тамоми нишондиҳандаҳои мароиқтисодӣ

таъсир расонид, ҳоло мо танҳо ба воридоти андозҳо аз нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 2.3.2. овардашуда назар менамоем. Масалан дар соли 2020 ба маблағи 479,1 миллион сомонӣ нисбат ба давраи соли 2019 ҳаҷми воридоти андозҳо кам иҷро гардидааст. Махсусан, иҷроиши ками воридоти андозҳоро дар мисоли андоз аз арзиши иловашуда мушоҳида менамоем, ки нисбат ба давраи ҷамъбастии соли 2019 дар соли 2020 ба маблағи 79,7 миллион сомонӣ иҷро гардидааст. Вобаста ба ҳолати мавҷуда дар ин миён ҳаҷми воридоти аксизҳо аз ҳисоби воридоти молҳои зераксизӣ ва бақайдгирии молҳои зераксизӣ, андозҳо аз истифодабарандагони захираҳои табиӣ зиёд гардидааст. Ҳамчунин, ҳолати зиёдшавии иҷроиши воридоти андозҳои маҳаллӣ дар давраи солҳои 2013-2022 мунтазам як хел аст. Андешидани чораҳои маъмурӣ дар раванди татбиқи сиёсати андозию буҷетӣ ба зиёд иҷро гардидани воридотҳои андозӣ мусоидат намуд. Дар соли 2021 воридоти андоз нисбат ба соли 2020 дар ҳаҷми 3086,1 миллион сомонӣ зиёд иҷро гардид. Бештар аз 3 млрд зиёд гардидани ҳаҷми воридҳои андоз аз татбиқи ислоҳоти маъмурикунонии андоз вобаста мебошад.

Ҳамасола таносуби воридоти андозҳо назар ба воридотҳои ғайриандозӣ бештар таъмин карда мешаванд. «Буҷети давлатӣ ҳамчун нақшаи молиявии давлатӣ ба ҳисоб рафта, ҳамасола он дар шакли лоиҳаи қонун «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз тарафи Вазорати молияи ҶТ таҳия гардида, барои баррасӣ ва тасдиқ ба ҲҶТ пешниҳод карда мешавад. Таъмин гардидани ҷараёни иҷроиши буҷети давлатӣ бар души мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ вогузор гардида, асоси онро таъмини воридоти андозҳо ташкил медиҳанд, ки дар ин самт мавқеи марказиро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиб аст»[111].

Ҳолати воридоти андозҳо ҷиҳати амалӣ гардидани мақсад ва вазифҳои давлат равона гардида, сарчашмаҳои таъмин гардидани иҷроиши воридотҳои

---

[111] Исматов А.Ф., Нақши воридоти андозҳо дар ғани гардонидани буҷети давлатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. – No. 4. – С. 162-169. – ISSN: 2413-5151.

андоз вобаста ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар ва ҳаҷми хизматрасониҳо арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, метавонем арзёбии ҳолати воридоти андозҳоро нисбат ба нишондиҳандаҳои маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ барои 2017-2022 муқоиса намоем.

**Ҷадвали 2.3.3. – Ҳиссаи воридоти андозҳо дар ММД ва ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ барои солҳои 2017 -2022 (млн. сомонӣ)***

| р/т | Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) | 61093,6 | 68844,9 | 77354,7 | 82543,0 | 98910,7 | 115739,4 |
| 2. | Ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ | 19955,5 | 23925,5 | 23469,4 | 24325,1 | 29596,9 | 36338,8 |
| 3. | Воридоти андозҳо | 13099,7 | 16121,4 | 14564,9 | 15356,7 | 19666,4 | 21814,0 |
| 4. | Ҳиссаи воридоти андоз нисбат ба ММД, % | 21,4 | 23,4 | 18,8 | 18,6 | 19,9 | 18,8 |
| 5. | Ҳиссаи воридоти андоз нисбат ба буҷети давлат, % | 65,6 | 67,4 | 62,1 | 63,1 | 66,4 | 60,0 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси таҳлили ҷамъбасти нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ. Махзани электронӣ: Сомонаи расмии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон http://moliya.tj/Documents/Index/77

Арзёбӣ гардидани ҳолати воридотҳои андоз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз рӯйи маълумотҳои дар ҷадвали 2.3.3. овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки бо дарназардошти зиёдшавии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ дар давраи солҳои 2017-2022 ҳиссаи воридоти андозҳо нисбат ба ММД аз 18,8 то 23,4 фоизро ташкил намуда, нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ аз 60 то 67,4 фоизро ташкил медиҳад. Аз нишондиҳандаҳои овардашуда бармеояд, ки ҳиссаи иҷроиши воридоти андозҳо дар ҳар ду нишондиҳандаҳои муқоисашавандаи макроиқтисодӣ ҳамасола кам гардида истодааст. Сабаби кам гардидани ҳолати мазкур аз сиёсати иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Чунин ҳолат дар мисоли таҷрибаи андозбандии кишварҳои пешрафта дигар аст, яъне дар баробари зиёд будани ММД ва ҳаҷми даромадҳои буҷети давлат ҳиссаи воридоти андозҳо то 50 фоизро ташкил медиҳад. Ҳангоми муқоиса гардидани

нишондиҳандаҳои овардашуда барои солҳои 2017-2022 дар мамлакат ҳиссаи воридоти андозҳо нисбат ба ММД қариб бетағйир боқӣ монда, вале нисбат ба ҳаҷми умумии даромадҳои буҷети давлатӣ сол то сол кам гардида, ҳиссаи иҷроиши он аз 67 фоиз ба 60 фоиз дар соли 2022 оварда шудааст.

Таъмини шаффофияти воридотҳои андоз, сарфаи вақт, пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ, роҳ надодан ба қонунвайронкунии андозӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои фосилавӣ бо андозсупорандагон, ҳамчун ҳадафи асосии маъмурикунонии андоз ба ҳисоб рафта, бо ин мақсад мо метавонем хусусиятҳои маъмурикунонии андозро нисбати андозҳое, ки ҳиссаи зиёди воридотиро ба буҷети давлатӣ таъмин менамоянд, мавриди таҳлил қарор диҳем. Солҳои зиёд аст, ки мақомоти андоз дар кишвар бо мақсади татбиқи хизматрасониҳои электронӣ пайваста роҳандозии хизматрасониҳои фосилавиро ба андозсупорандагонро тавассути гузаронидан семинар-машваратҳо, вохуриҳо ва ташкили системаи ҳамгироии иттилоотӣ ба роҳ мемонад, ки чунин тадбирҳо раванди шаффофияти воридоти андозро ба буҷети давлат зиёд менамояд.

Бо дарназардошти таъмин гардидани раванди маъмурикунонии андоз ҳамчун самти афзалиятдошта қайд менамоем, ки ба роҳ монади ҳамкориҳои фосилавӣ тақвиятдиҳии раванди ҳамкориҳоро байни мақомоти андоз ва андозсупорандагон зиёд менамояд. Васеъ намудани ҳамкории фосилавӣ ва ба роҳ мондани системаи ҳамгироиҳои иттилоотӣ бо мақомотҳои дахлдор ва андозсупорандагон раванди гузаришро таъмин намуда, бо ин тартиб мақомоти андоз тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳоро тақвият медиҳад.

Таъмин гардидани шароити истифодаи хизматрасониҳои электронӣ аз механизми идоракунии андозҳои ба буҷет равонашаванда фарқ мекунанд, чунки ҳар як номгӯи андозҳои дар буҷети давлат воридшанда манбаи пайдоиш доранд. Баҳисобгирии манбаи пайдоиш аз тартиби ҳисоб ва пардохти андоз фарқ мекунанд. Андозҳое ҳастанд, ки гуногунтаркиб буда, онҳо аз рӯи ҳиссаи пардохт дар буҷети давлат бештар ба назар мерасанд. Дар

соли 2022 ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ 25255,1 миллион сомониро ташкил дода, мо ҳиссаи воридоти андозҳоро дар намуди алоҳидагӣ муқоиса менамоем.

**Ҷадвали 2.3.4. – Ҳиссаи андозҳои воридшаванда ба буҷети давлатӣ дар соли 2022.***

**млн. сомонӣ**

| **Р/т** | **Нишондиҳандаҳо** | **Воридоти андозҳо** | **Ҳиссаи андозҳо дар буҷети давлат, %** |
|---|---|---|---|
| | **Воридоти андозҳо, аз ҷумла:** | **15388,0** | **60,1** |
| 1. | Андоз аз даромади шахси воқеӣ | 2853,7 | 11,3 |
| 2. | Андоз аз даромади шахси ҳуқуқӣ | 3050,4 | 12,0 |
| 3. | Андози иҷтимоӣ | 1990,3 | 7,9 |
| 4. | Андоз аз арзиши иловашуда | 3376,9 | 13,4 |
| 5. | Аксизҳо | 314,2 | 1,2 |
| 6. | Андозҳо барои захираҳои табиӣ | 1052,0 | 4,1 |
| 7. | Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард | 85,2 | 0,3 |
| 8. | Андоз аз фурӯш | 14,1 | 0,06 |
| 9. | Боҷи давлатӣ | 188,1 | 0,7 |
| 10. | Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд | 852,4 | 3,4 |
| 11. | Дигарр пардохтҳои ҳатмии буҷети ҷумҳуриявӣ | 608,2 | 2,4 |
| 12. | Андоз аз воситаҳои нақлиёт | 281,0 | 1,1 |
| 13. | Андоз аз молу мулки ғайриманқул | 587,9 | 2,3 |
| 14. | Дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ | 133,8 | 0,5 |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф// **Махзани электронӣ:**https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxAffairs

Дар ҷадвали мазкур ҳиссаи воридоти андозҳо гуногун ба назар мерасанд, ҳиссаи воридоти андозҳо нисбат ба ҳаҷми даромадҳои буҷети давлатӣ 60,1 фоизро ташкил менамояд, ки хусусиятҳои кам ё зиёд ишғол намудани ҳиссаи воридот ба буҷети давлат аз манбаи пайдоиши андозҳо вобаста мебошанд. Ҳолати воридшавии андозҳо ба буҷети давлат дар мисоли андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва

андози иҷтимоӣ нисбат ба дигар номгӯи андозҳо хело зиёд ба назар мерасанд, чунки бартарии ҳар як номгӯи андозҳоро вобаста ба хусусиятҳои иқтисодии фарқкунанда доштанашон дар амалия мушоҳида менамоем. Ин хусусиятҳои фарқкунанда на танҳо дар мамлакати мо, балки дар таҷрибаи андозбандии давлатҳои ИДМ ва ОМ аз рӯи таносуб хусусиятҳои фақкунандаи воридоти андозҳо ба назар мерасанд. Дар таҷрибаи андозбандии аксарияти давлатҳо таваҷуҳ бештар ба маъмурикунонии андозҳое, ки ҳисси бештари воридкуниро ба буҷети давлатӣ таъмин менамояд, зоҳир мегарданд. Аз ин рӯ, андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромад ҳамчун сарчашмаи асосии таъиноти буҷети давлатии аксарияти давлатҳои дунё ба ҳисоб меравад, ислоҳотҳо дар низоми қонунгузорӣ ва рушди маъмурикунонии андоз вобаста ба андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз даромад татбиқ гардидаанд.

Сатҳи рушди маъмурикунонии андозро ба ҳолати имрӯзаи иқтисоди рақамӣ муқоиса намуда, гуфтан мумкин аст, ки маъмурикунонии андоз шафофияти фаъолияти мақомоти андозро мехоҳад. Бо мақсади татбиқи Косепсияи иқтисоди рақамӣ, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии андоз чораҳои дахлдор пайгирӣ намуда, бахри таъмин рушди афзалиятҳои соҳа ва ҳалли баъзе аз мушкилотҳои ҷойдошта, аз ҷумла: барои таҳлили сифати маълумотҳои воридгардида, барои таҳлили пардохтҳои андозии ба шахси дуюм ва сеюм тааллуқдошта, барои тартиби дурусти муқоисиаи маблағҳои барзиёд пардохшуда ва ғайра дар фаъолияти мақомоти андоз мусоидат менамояд.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»[112], пешниҳоди хизматрасониҳо аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ тавассути портали интернетии «Ҳукумати электронӣ» анҷом дода мешавад. Имрӯз бе ташкили табодули маълумот байни мақомотҳои дахлдори давлатӣ, ба роҳ мондани пешниҳоди хизматрасониҳо ба субъектҳои хоҷагидор тасаввур кардан ғайриимкон

---

[112] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ». Қарори ҲҶТ аз 2 апрели соли 2020 №1690

мебошад.

Ҳама гуна ислоҳотҳо эҳтиёҷ ба дастгирӣ дошта, бо мақсади тақвият бахшидан ба раванди амалишавии БРМА бо дастгирии ҲҶТ, Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузории «Лоиҳаи ислоҳоти маъмурикунонии андоз барои солҳои 2013 – 2018»-ро ба андозаи 18 млн. доллари ИМА дар шакли грант оғоз кард. Дар асоси арзёбии нишондиҳандаҳои системаи идоракунӣ ва ҷанбаҳои назариявии иҷтимоӣ аз рӯи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ[113] қариб дар ҳамаи самтҳои амагардидаи Барнома норасоиҳои маълумот барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи андозбандӣ қайд карда шуд.

Самаранокии ислоҳоти Барнома дар асоси нишондиҳандаҳои ҳамаи хизматрасониҳо ба андозсупорандагон, ки аз ҷониби Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон 82 фоизро ташкил гардид, бо қаноатмандӣ натиҷагирӣ гардидани баъзе аз хизматрасонӣ ба андозсупорандагонро, ки ҳамчун зуҳуроти калидӣ дар расми 2.3.1. арзёбӣ менамоем:




**Расми 2.3.1.** – Самаранокии ислоҳоти Барнома*

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф маълумотҳои ҷамъбасти солонаи фаъолияти Кумитаи андоз

[113] Оценка систем управления экологическими и социальными аспектами (ОСУЭСА). Программа налоговой реформы в Таджикистане (P171892). Всемирный банк Декабрь 2020г.

Барои беҳтар намудани самтҳои фаъолияти мақомоти андоз раванди ислоҳотҳо  мунтазам идома ёфта, барои пурра амалӣ гардидани Баарнома мусоидати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷалби сармоягузориҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад. Тезонидани раванди хизматрасониҳо ва дастгирӣ ёфтани иҷрои Барномаҳо метавонад ба густариши ҳамкориҳо вобаста ба таъимни риояи қонунгузории андоз, аз ҷумла саривақт ба қайд гирифтан, таъмини пардохти андозҳо, назорати андоз ва ҷавобгарӣ барои қонунвайронкунии андозро, ки ба рушди маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд, таъмин намояд.

Баҳри пешбурди самаранокии хизматрасониҳои электронӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз (моддаи 80) муқаррар гардидааст, ки муносибати андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳоро тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотҳои андоз оид ба баҳисобгирии андоз ва маниторинги амалиётҳои мақомоти андоз ба таври онлайнӣ дар реҷаи мустақим амалӣ менамояд[114]. Табодули иттилоот дар шакли электронӣ имконият медиҳад, ки тавассути Системаи ҳамгироии мақомоти андоз махзани ягонаи маълумот ташкил гардида, аз он тамоми вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ ба таври васеъ истифода намоянд.

Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олӣ аз 21 декабри соли 2021 бармеояд, «мақсади асосии қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав, ин дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ тариқи рушди маъмурикунонии андоз, беҳтар ва бештар намудани хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон, рақамикунонии муносибатҳои андозӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошад. Дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи фаслҳо аз 18 ба 15, бобҳо аз 50 ба 59, моддаҳо аз 329 ба 399 ва шумораи андозҳо аз 10 ба 7

[114] Давлатов Д. С. Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ). Диссертация. Душанбе – 2021, С. 1-183.

расонида шудааст. Шумораи андозҳои ҷумҳуриявӣ аз 8 ба 6 ва маҳаллӣ аз 2 ба 1 тағйир ёфтааст»[115].

Бо мақсади дастгирӣ намудани субъектҳои соҳибкорӣ, ба танзим даровардани назорати андоз, пешгирӣ намудани гуногунфаҳмӣ ва қонунвайрокуниҳо дар КА шумораи назорати андозӣ кам гардида, дар доираи нақша чоратибинои таҳияинамудаи Кумитаи андоз як қатор муқарраротҳо оид ба назорати андоз дар таҳрири нав аз ҷумла, маниторинги андозӣ такмил ёфта, пешбинӣ гардидааст. Яъне мо аз тағйиротҳои ба миён омадаи КА, ҷиҳати таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз, ки барои ҳалли роҳҳои мукаммагардидаи хизматрасониҳои электронӣ ва беҳтар гардидони самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз мусоидат менамояд, дар рисолаи илмӣ таҷдиди назар намудем.

Дар ҷамъбасти зерфасли мазкур чунин натиҷаҳои хусусияти навгонидоштаи рисола ба даст омаданд:

1. Зимни таҳлилҳои ҳамаҷониба метавон гуфт, ки равишҳо ва самтҳои амалӣ гардонии маъмурикунонии андоз дар шароити муосир, аз ислоҳотҳо, вазифаҳо, мақсадҳо ва усулҳои маъмурикунонии андоз иборат мебошад. Равона гардидани диққат бештар ба марҳилаҳои рушди маъмурикунонии андоз аст, ки гузариш ба марҳилаҳои нав дар фаъолияти мақомоти андоз навгониро ворид месозад, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт муҳим мебошад.

2. Ҳамзамон, натиҷаҳои ҷамъбастгардидаи воридотҳои андоз, ҷиҳати иҷрои қонунгузории андоз масъулияти кормандони мақомоти андозро бештар менамояд. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани назорати риояи қонунгузории андоз ва рушди маъмурикунонии андоз қабули консепсияҳо, барномаҳо ва як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар заминаи ҳамкориҳои судманд бояд ба роҳ монда шаванд.

[115] Махзани электронӣ: http://mmk.tj/content/ Санаи интишор: 17/06/2022 - 08:30

3. Зимни таҳлилҳо муқаррар карда шуд, ки масоили ташкили ҷараёни идоракунии андоз бо мақсади беҳтар намудани самтҳои фаъолияти мақомоти андоз, раванди ислоҳотҳо ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз мунтазам ҳамкории ҲҶТ дар ҷалби грантҳо басо муҳим арзёбӣ мегардад.

**Хулосаи боби дуюм**

Тартиби махсуси идоракунии қонунгузории андоз ба механизмҳои маъмурикунонии андоз алоқаманд мебошанд, ки тавассути дуруст ба роҳ мондани он мақсад, вазифа ва принсипҳои маъмурикунонии андоз таъмин мегарданд. Дар ин ҷода бештар ба омилҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва технологӣ таваҷҷуҳ намудан мумкин аст, зеро мақомоти андоз бо ин восита механизми маъмурикунонии андоз муайян намуда, тамоми унсурҳои дар муносибатҳои алоқаандбударо ташкил ва назорат менамояд.

Дар асоси нишондиҳандаҳои зикргардида, ҳолати истифодаи хизматрасониҳои электрониро таҳлил намуда, оид ба истифодаи технологияҳои рақамӣ, ки раванди ҳамкориҳои мақомотҳои андозро ҷиҳати таъмини бехатарии молиявии назорати воридоти андозҳоро таъмин менамояд, муайян намудем. Муайян карда шуд, ки истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва технологияҳои рақамӣ, раванди рақамикунониро таъмин менамояд.

Арзёбӣ гардидани самтҳои афзалиятдоштаи рушди маъмурикунонии андоз дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №643 дар бораи «Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Гуфта метавонам, ки айни ҳол таваҷҷуҳ ва эътимоднокии андозсупорандагон ба азхуднамоии тартиби истифодаи хизматрасониҳои электронӣ равона шуда, имрӯзҳо Кумитаи андоз тавассути гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ иҷрои уҳдадориҳои андозро зиёд намуда, эътимоднокии андозсупорандагонро вобаста ба масъалаҳои бақайдгирӣ ва ҳавасмандгардонии андоз меафзояд.

# БОБИ 3. ДУРНАМО ВА САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛДИҲИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Мушкилотҳо ва роҳҳои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Ҳамеша баҳри амалӣ намудани воситаҳои нави хизматрасонӣ дар рақамикунонии иқтисодиёт мушкилотҳо ва афзалиятҳо ба вуҷуд меоянд. Мушкилот дар набудани шароити иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сари вақт дастрасӣ нагардидани технологияҳои пешрафта мавҷуд буд. Афзалият бошад, имкониятҳои васеи роҳ ёфтан ба муносибатҳои нави иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт мебошад, ки аз тарафи ҳама шахсони алоҳида иститфода мегарданд. Мушкилотҳо ва афзалиятҳо ҳамеша дар раванди андозбандӣ мавҷуданд. Барои муайян гардидани мушкилотҳои андоз мақомоти андоз ҳамеша дар заминаи дуруст ба роҳ мондани робитаҳо бо андозсупорандагон ва дастрасӣ оид ба таҷрибаи истифодаи технологияҳои рақамӣ роҳи ҳалро меандешанд.

Рақамикунонӣ мушкилоти нави иқтисоди рақамӣ буда, дар ҷомеа сарфи назар аз суст будани зуҳуроти инкишофи он табадулоти рақамиро дар иқтисодиёт ба вуҷуд меорад. Идоракунии низоми андоз аз чунин тағйирот беканор нест, чунки ислоҳот оид ба қабули Кодекси андоз дар таҳрири нав дар маркази тағйиротҳо вобаста ба рақамикунонии маъмурикунонии андоз ба вуҷуд омадааст. Ҷаҳонишавии истифодаи имкониятҳои рақамӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки қобилияти ҳукуматҳоро дар ҷамъоварии андозҳо коҳиш медиҳад, чунки дар шароити нав зарурияти ислоҳоти низомҳои андозро арзёбӣ ва мутобиқнамоии нишондиҳандаҳои рақамиро ба вуҷуд меорад, ки чунин раванд вақтро талаб менамояд.

Зуҳуроти рушди рақамикунонӣ аз мавҷуд будани Интернет ҳамчун воситаи босуръат рушдёбанда дар бозори ТИК (технологияи иттилоотии комуникатсионӣ), инчунин расонидани хизматрасониҳо бо ёрии он ба ҳисоб меравад. Дар шароити имрӯза мушкилотҳо дар самти истифодаи Интернет дар бозори ТИК ва расонидани хизматрасониҳо ба назар мерасанд.

Мушкилоти истифодаи Интернет дар самти рушди фаъолияти хизматрасониҳои андоз ба назар мерасанд, ки аз суръати рушди Интернет оид ба набудани шароитҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дар сари вақт дастрасӣ нагардидани технологияҳои пешрафта вобаста мебошад.

Ба худи маънои маҷозии Интернет назар намоем, он ҳамчун бузургтарин ихтирои инсон арзёбӣ гардида, тавассути он инсоният ҳамавақт дар хусуси ба даст овардани даромадҳои зиёд ҳамчун восита имкониятҳои беназир барои муошират, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, нусхабардорӣ, таҳлил ва интиқоли зиёди иттилоот ва ғайраро пайдо менамояд. Пахши Интернет ба кори техникӣ асос ёфта, имрӯзҳо ҳазорҳо корхонаҳо ба он дастрасӣ пайдо мекунанд.

Минтақаи мо, ки баландкуҳ буда, бештар аз 93% -и ҳудуди онро кӯҳҳои бузург ташкил медиҳанд, боиси зиёд гардидани хароҷотҳои кори техникии пахши Интернет мегардад. То ҳол мушкилоти ҷойдошта дар миқёси ҷуҳурӣ дар набудани Интернет эҳсос мегардад. Ҳамзамон, якчанд мушкилоти дигар аз қабили пешниҳоди хизматрасониҳои интернетӣ, вобаста будани нархи баланд дар хизматрасонӣ, норасоии дастгоҳҳои пахшкунандаи Интенет дар минтақаҳои баландкӯҳ ва ғайра дар ҷомеаи имрӯза ҳамчун талаботи рӯзафзун боқӣ мондааст.

Дар маҷмуъ, истифодаи Интернет чун воситаи интиқоли маълумотҳо тавассути муҳити виртуалӣ ба афзоиши ҳиссаи дороиҳои ғайримоддӣ то истеъмолоти ниҳоӣ, инчунин имкониятҳои глобалии ҳамкорӣ ва логистикӣ дар тиҷорати байналмилалӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, мо истифодаи Интернетро дар раванди рақамикунонии андоз ҳамчун мушкилоти соҳа арзёбӣ менамоем.

Ба мафҳуми иқтисоди рақамӣ назар намоем, «иқтисоди рақамӣ маҷмӯи ҷараёнҳои иқтисодиест, ки хусусияти фаъолона истифода бурдани он бо мавҷудияти маълумотҳои рақамӣ, автоматӣ ва системаи коркарди автоматикунонидашуда, таҳлили ин маълумот бо мақсади баланд

бардоштани самараи иқтисодӣ мебошад».[116] Ҳамеша дар ҷомеъа байни ду категория шахсон барои беҳбудии амали як кор сабабе мавҷуд аст. Рақамикунонӣ на танҳо вазифаи мақомоти андоз, балки имнонияти нави таъмин намудани хизматрасониҳои электронӣ дар тамоми соҳаи иҷтимою иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. Раванди рақамикунонӣ имкониятҳои зиёдро дар самти татбиқи ислоҳоти маъмурикунонии андоз ба вуҷуд меорад. Ба бовари гуфта метавонем, ки роҳи осони дастрасӣ ба истифодаи хизматрасониҳоро оид ба воридсозии маълутҳо дар бар мегирад.

Барои гузариш ба рақамикунонии андозҳо чунин сабабҳо маҷуданд:

- муҳаррики рушди иқтисоди бозорӣ;
- саҳми илм ва навоварии технологӣ;
- бунёди низоми муосири андоз ва такмили масъалаҳои иқтисодии давлатӣ;
- зарурати истифодаи ахборотҳо дар низоми молиявӣ;
- такмили ҳамкорҳо ва ба вуҷуд овардани шароитҳо ҷиҳати таъмини муносибатҳои андозӣ байни мақомотҳои ваколатдор;
- тағйирёбӣ дар низоми қонунгузории андоз ва дигар шароитҳои басомаддиҳандаи раванди гузариш.

Ҷорӣ гардидани низоми рақамӣ шароитҳои нави хизматрасониҳоро дар низоми маъмурикунонии андоз ба миён овард. Яке аз масъалаҳои такмилдиҳии низоми маъмурикунонии андоз зарурияти ташкил ва ҷорӣ гардидани хизматрасониҳои электронӣ мебошад, ки нақши он тайи солҳои охир ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз бештар ба назар мерасад.

Ҳамеша, дар мавриди мавҷуд будани мушкилотҳои андоз байни мақомоти андоз ва дигар иштироккунандагони раванди андозбандӣ баррасии муҳокимаи фаъол доир мегардад. Баррасии муҳокимаро мақомоти андоз оид ба мушкилоти муайяни андоз дар заминаи ҳуқуқӣ муайян намуда, тартиби бавуҷудоӣ, нигоҳдорӣ ва муомилоти дороиҳои молиявии рақамиро дар доираи ваколатҳо таъмин менамояд. Аз ин рӯ, вазифаҳои ҳалталаб таҳия ва

[116] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2019, №642.

мушаххас намудани механизми андозбандии маҳсулот ва амалиётҳои нав дар иқтисоди рақамӣ мебошанд.

Мушкилоти объективонаи андозбандии субъектҳои иқтисоди рақамӣ мавҷуданд, ки то ҳол дар ягон давлати дунё ҳалли худро наёфтаанд. Дар асоси назария ва таҷрибаи истифодаи технологияи рақамӣ муқоиса намудан мумкин аст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ҳалли мушкилотҳоро аз сарчашмаҳои ба вуҷуд омадаи мушкилотҳо ҷутуҷӯ намудан мумкин аст. Пешниҳод намудан бамаврид аст, мақомоти андоз барои мустаҳкамнамоии раванди истифодаи технологияҳои рақамӣ, ҳалли мушкилоти рақамикунонӣ бояд ба шароитҳои ҷойгиркунонии технологияҳо дар маҳаллҳо бештар мусоидат намояд, чунки «бақайдгирӣ ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андоз дар ҳама сатҳҳои андоз тибқи принсипи ягонагии низоми андоз»[117] дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли ягона ба роҳ монда мешавад.

Ҳалли мушкилоти андозбандӣ дар шароити рақамикунонӣ на танҳо дар тарҳрезии андозҳо, балки дар бартараф намудани маҳдудиятҳои маъмурикунонии андоз, ба монандӣ:

- таъмин намудани сабти номи андозҳои ширкатҳои рақамӣ бидуни фаъолияти онҳо дар бозор;
- муайян намудани механизми ҳисобкунӣ ва тартиби баҳодиҳии андозҳо;
- истифодаи усулҳои самараноктарини андозситонӣ ба таври фосилавӣ, яъне таъмини хизматрасониҳои электронӣ;
- тартиби муайяннамоии маълумотҳои хусусияти маҳдуди иттилоот;
- такмил додани механизмҳои мониторинг ва татбиқи назорати андозбандии фаъолияти рақамӣ дар дохили кишвар алоқаманд мебошад.

Муоширати электронии муосир пайваста ба баланд гардидани суръати рушди интернет ё пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ мусоидат менамояд. Гузариш ба иқтисоди рақамӣ имконият медиҳад, ки ҳар як

---

[117] Кодекси андози ҶТ (Моддаи 7) шаҳри Душанбе аз 23.12.2023, № 1844

ташкилот ва шахсони алоҳида бо истифода аз воситаҳои рақамӣ ба рушди иқтисодии давлат саҳмгузор бошанд, зеро он мушкилотҳои дар сатҳи баланд маҷудбуда, аз ҷумла: канорагирӣ аз пардохти андозҳо ва банақшагирии андоз ҳолатҳои нигаронкунандаи пеш аз рақамикунонӣ бартараф мегарданд.

Дар марҳилаи ҳозираи иқтисоди рақамӣ мавҷуд будани технологияҳои рақамӣ маънои онро дорад, ки пешрафти маъмурикунонии андоз ба он вобаста аст. Ҳамзамон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани хизматрасониҳои электронӣ дигаргуниҳои сифатиро ба инобат гирифта, ба рушди маъмурикунонии андоз ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи низоми андозбандӣ дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои ваколатдоргардида мусоидат менамояд. Ҷорӣ гардидани хизматрасониҳои электронӣ ба таъсиси низоми глобалии назорат ва таҳлилии маъмурикунонии андоз аз истифодаи намунаҳои беҳтарини таҷрибаи ҷаҳонии дар соҳаи идоракунии андоз бармеояд.

Дар замони муосир «аксар давлатҳои абарқудрат, ба монанди ИМА, Хитой, Федератсияи Россия, Ҷопон ҳадафҳои худро дар баробари таъмини рушди иқтисодиёти рақобатпазир, истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда, таъмини тараққиёти босуботи дигар соҳаҳои хоҷагии халқ барои инкишофи иқтисодиёти рақамӣ низ дар мадди аввал қарор додаанд»[118].

Самаранокии назорати андоз яке аз шартҳои зарурии сиёсати бомуваффақияти андозбандии ҳар як давлат ҷиҳати таъмин ва риояи қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Чунин ба назар мерасад, ки ҳатто нисбати субъектҳои соҳибкории хурд гузаронидани санҷишҳои андоз давра ба давра аз тарафи мақомоти андоз ҷиҳати баҳисобгирии маълумотҳо оид ба даромадҳо ва хароҷотҳо ворид карда мешаванд. Воқеан, «дар чунин сурат пайдо шудани як воситаи самараноки муҳим, ки фишори маъмурикунонӣ ба

[118] Сабуров Д.Ҷ. Такмили низоми андозбандӣ омили рушди иқтисодиёти минтақа дар шароити рақамикунонӣ// Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Иқтисодиёти Тоҷикистон. саҳифа - 6

фаъолияти соҳибкории хурд, сарфи вақти захираҳои меҳнатӣ ва мақомоти андоз таъсири мусбат расонида, хавфҳои соҳибкориро кам мекунад»[119], сухан рондан мумкин аст.

Дар шароити муосири рушди маъмурикунонии андоз, пешбурди сиёсати андоз ҷиҳати амалинамои низомҳои умумии андозбандӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ дар маҷмуъ, самаранокии он ба иҷроиши нақшаи пешбинишудаи ҷамъоварии андозҳо дар буҷети давлат асос меёбад, ки мо тамоюли зиёдшавии онро дар расми 3.1.1. барои солҳои 2013-2022 дида мебароем.




**Расми 3.1.1. – Динамикаи воридоти андозҳо барои солҳои 2013-2022 (млн.сомонӣ)***
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ**:** Сомонаи расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон https://andoz.tj/docs/Deytelnost/NishondihandahoiAsosu_Tj.pdf

Яке аз ҳадафҳои асосии тадбиқи сиёсати андозию буҷетӣ таъмини раванди воридоти андозҳо ба ҳисоб меравад, ки ҳамасола воридотҳои андозҳо тибқи муқаррароти қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли молиявӣ» аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди

---

[119] Ефремова Т.А. Повышение эффективности налогового администрирования как необходимое условие развития налоговой системы // Налоги. 2019. № 2. С. 27.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷроиши он таъмин карда мешаванд. Тавре мо дар расми 3.1.1 тамоюли воридоти андозҳоро барои солҳои 2013-2022 мушоҳида менамоем, тамоюли иҷроиши воридоти андозҳо нисбат ба нақшаи тасдиқгардида барои ҳар соли тақвимӣ гуногун арзёбӣ мегардад. Аз рӯи хатти мушоҳидавӣ маълум гардид, ки иҷроиши воридоти андозҳо ба истисноӣ солҳои 2021-2022 дар ҳолати камшавӣ қарор доранд.

Ҳамин тавр, аз рӯи натиҷаҳои таҳлилгардида метавон қайд кард, ки якбора зиёд гардидани иҷроиши андозҳо дар солҳои 2021-2022 ба ҳадафҳои татбиқи маъмурикунонии андоз рост меояд. Махсусан таъсири омилҳои COVID-19 яке аз ҳолатҳои нигаронкунандаи вазъи иқтисодӣ боиси устувор гардонидани ҳамкориҳои фосилавӣ ва дар ин замина ба миён омдани воситаҳои нави хизматрасонӣ ҷиҳати такмили Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2015-2019 ба ҳисоб рафт. Дар ин давра ислоҳоти маъмурикунонии андоз ҳамчун ҳамчун самти афзалиятноки аввалиндараҷа қарор дошта, мақомоти андоз барои раидан ба ҳадафҳои стратегии давлат тамоми тадбирҳоро оид ба вусъат бахшидан ба рушди соҳибкорӣ, беҳтар гардонидаи хизматрасониҳои электронӣ таъмин намуд.

Бояд қайд кард, ки зиёд гардидани хизматрасониҳо дар шароити ҳозира аз иваз намудани шароити хизматрасониҳои гузашта куллан фарқ мекунад. Хизматрасониҳои ҳозира имконияти васеъро дар бар мегирад, ки он на танҳо дохили кишвар, балки берун аз кишвар ҳамкориҳоро ба вуҷуд меоранд. Чунин раванд дар шароити гузашта мушкилотҳои зиёдро ба вуҷуд меовард ва боиси харҷотҳои зиёд мегардид. Имрӯз бо назардошти гузариш ба шароити иқтисоди рақамӣ хизматрасониҳо ба низоми автоматикунонӣ табдил ёфта истодааст, боиси зиёд гардидани даромад ва манбаҳои андозбандӣ мегарданд. Танҳо таъсири манбаҳои даромади андозии кишвар ба ҳисоби миёна, нисбат ба ММД дар заминаи таъсири пандемияи COVID-19 аз 23% дар соли 2020 ба 20,5% коҳиш ёфтааст. Чунин ҳолат дар навбати худ,

«боиси суст шудани афзоиши сармоягузориҳо ба хизматрасониҳои давлатӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки рушди иқтисоди миллӣ гардид»[120].

Зиёднамоии сарчашмаҳои даромади устувори пешбинишавандаи кишвар барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ, расонидани хизмтрасониҳои иҷтимоӣ ва навсозӣ ба инфрасохтори муҳим, ки дар Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон (СМР) ҳамчун ҳадафи асосӣ гузошта шудааст,[121] арзёбӣ гардидааст. То ҳадди 3,5 маротиба зиёд намудани ҳаҷми даромадҳои дохилӣ ва дар сатҳи ду маротиба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушд равона гардида, ҷамъоварии даромадҳои дохилӣ ҳамчун афзалияти аввалиндараҷаи ҳукумат буда, ба устувории низоми буҷет мусоидат менамояд. Яъне ҳар қадаре, ки сарчашмаҳои даромадҳои дохилӣ зиёд гардад, ҳамон қадар ҳаҷми воридотҳои андозӣ ба буҷет таъмин мегардад.

Андешидани чораҳои маъмурӣ аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф гардидани баъзе аз мушкилоти пайгиригардидаи андозбандӣ дар амалисозии тадбирҳои пешбинигардидаи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2011-2019 бо гузаронидани ислоҳоти сохторӣ ва функсионалии мақомоти андоз чунин масъалаҳо ҳалли худро дар фаъолияти мақомоти андоз пайдо намудаанд:

- бо мақсади таҷдиди сохтор ва такмили уҳдадориҳои вазифавии мақомоти андоз Низомномаи Кумитаи андоз дар таҳрири нав таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ карда шуд, ки барои беҳтар намудани робитаҳо ва муосиргардонии хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва сохторҳои дахлдори мақомоти андоз дар вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон,

---

[120]Обеспечение экономического роста Таджикистана за счет более эффективной налоговой системы. Махзани электронӣ: https://blogs.worldbank.org/ru/europeandcentralasia
[121]Стратегияи милли рушд барои давраи то соли 2030. Махзани электронӣ: https://andoz.tj/media/docs/2_Strategiyai_Milli_2030_tj.doc

шаҳри Душанбе ва нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ равона гардид;

- беҳтар намудани шароит дар низоми идоракунии иттилоот ва таъмини низоми иттилотӣ байни мақомоти андоз;
- нигаҳдорӣ ва ҳифзи маълумоҳоро тавассути таъсиси шабакаи ягона ва корбарии он мақомоти андоз;
- пайгирӣ ва амалӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ дар мақомоти андоз;
- вусъат ёфтани низоми идоракунӣ ва тартиби бақайдгирии андозсупорандагон дар асоси принсипи «Равзанаи ягона»;
- ташкили Шурои апеллятсионӣ ва машваратӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- вусъатдиҳии низоми идоракунии дастгоҳҳои фосилавӣ ва назоратӣ бо дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, раёсатҳои андоз ва нозиротҳо андози дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавҷудбуда;
- таҷдиди сомона бо мақсади такмили низоми маъмурикунонӣ дар Кумитаи андоз, ки оид ба таъмини риояи қонунгузории андоз мебошад;
- корбари барои қабули фаврии зангҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар Кумитаи андоз бо рақамҳои 151 ва 152;
- дар асоси арзёбии хавфҳо таҳия намудани нақшаи санҷиши андози субъектҳои хоҷагидор ҷорӣ карда шуд.

Хуб арзёбӣ гардидани фаъолияти мақомоти андоз дар самти амалӣ намудани Барномаи рушди маъмурикунонии андоз дар масъалаҳои иҷрои нақшаи ҷамъоварии андоз ба назар мерасанд. Бо назардрошти хуб арзёбӣ гардидани иҷрои нақшаи пешбинигардидаи андоз шаклҳои гуногуни назоратро нисбат ба субъектҳои хоҷагидорӣ истифода менамоянд, ки ин мушкилоти хислати санҷиш боиси дахолат кардан дар фаъолияти андозсупорандаро ба ҳисоб меравад. Метавонем қайд намоем, ки чунин амалҳо ба ҳаҷми истеҳсол, гардиши тиҷоратии корхонаҳо, мутаносибан

ҳаҷми пардохти андозҳо ва робитаҳои мустақими онҳо бо мақомоти андоз таъсири манфӣ мерасонад.

Тақозои маъмурикунонии андоз аз навсозии системаи ҳамгироиҳои иттилоотӣ буда, он ҳамчун восита барои сафарбаркунии маблағҳо ба сатҳҳои гуногуни буҷети давлатӣ ҷорӣ мегардад, ки дар оянда мавҷудияти ин система метавонад ба мубориза бо саркашӣ аз андоз мусоидат намояд.

Монеаҳои иловагӣ ин аст, ки «хизматрасониҳои электронӣ роҳу воситаҳои муосири раванди муносибатҳро ба вуҷуд оварда, пеш аз ҳама дарк ва фаҳмиши истифодаи он мушкилоти навро арзёбӣ намуда, вобаста ба пардохти маблағи андоз ва хизматрасониҳои алоҳида шартҳои андозбандиро тағйир медиҳад»[122].

Бо мақсади беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонии маъмурикунонии андоз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи хориҷии рақамикунонии маъмурикунонии андозро зарур мешуморад. Ташкили чорабиниҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ, ки чунин ҳолат ба аксарияти давлатҳо муяссар гардидааст, вобаста ба қабул гардидани як қатор консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳо дар ҷараёни ҳамкорҳои иқтисодӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд. Бо мақсади татбиқи Консепсияи иқтисоди рақамӣ[123], Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рақамикунонии маъмурикунонии андоз чораҳои дахлдорро пайгирӣ намуда, барои ҳалли баъзе аз мушкилотҳои ҷойдошта, аз қабилӣ: таҳлили сифатии маълумотҳои воридгардида, таҳлили пардохтҳои андозӣ ба шахси дуюм ва сеюм тааллуқдошта, муқоисиаи маблағҳои барзиёд пардохтгардидаи андозсупорандагон нисбати давраҳои гузашта ва ғайра дар фаъолияти мақомоти андоз мусоидат менамояд.

---

[122] Севостьянов, И. А. Проблемы налогового администрирования в условиях цифровой экономики / И. А. Севостьянов // Наука и общество. – 2019. – № 3(35). – С. 41-45. – EDN DDPJHS.

[123] Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, таҳти № 642

Бо дарназардошти омилҳои мазкур, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 23 декабри соли 2022) дар назди мақомоти андози ҷумҳурӣ вазифаҳои муҳим гузошта шуданд, аз ҷумла: «андешидани тадбирҳои иловагӣ ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва дар ин замина маҳдуд намудани омили инсонӣ ба раванди андозсупорӣ, истифодаи ҳатмии дастгоҳҳои назоративу хазинавии насли нав, пурра ба таври ғайринақдӣ ба роҳ мондани пардохти ҳамаи андозҳо ва боҷҳои давлатӣ, андешидани тадбирҳои судманд ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон ва ғайраҳо» мақомоти андоз ҷиҳати иҷро дастуру супоришҳои Президенти кишвар ва бартараф намудани монеаҳои ҷойдошта, тадбирҳои аввалиндараҷа дар самти маъмурикунонии андоз андешида, мустақилият низоми идоракунии андозро дар кишвар ва шаффоифияти воридоти андозро таъмин менамояд.

Бояд мо ба саҳми ҳар як шаҳрванд ва андозсупоранда расонем, ки андозҳо аслан, саҳм ва сармояи мо барои ояндаи муштараки ободи худи кишвари мо мебошад. Мо бояд дар ҷомеаи мутараққӣ пайваста кӯшиш намоем ва дар кишвари пешрафта зиндагӣ намоем, таъмини амнияти давлат ва зиндагии шоистаро баҳри мардуми мамлакатамон сазовор донем, ки ҳамаи ин муваффақиятҳо аз таъмини буҷети давлатӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, қадр намудани ҳар як андозсупоранда вазифаи мо мебошад, бояд бо ҳар як андозсупоранда муносибати дурусти саммимона дошта бошем. Имрӯзҳо мушкилотҳое, ки байни андозсупорандагону мақомоти андоз ба миён меоянд, ҷиҳати мусоидат намудан ба онҳо машваратгоҳҳои андозӣ бо ҷалби мутаххассисони соҳа аз рӯи реҷаи мустақими онлайн ба роҳ монда шавад.

Мақомоти андоз бо дастгириҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба дастовардҳои зиёд ноил гардиданд, аммо дар

баробари ин, мо бояд хуб дарк намоем, ки рушди минбаъдаи соҳа бе алоқаи мутақобилаи судманд бо андозсупорандагон ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, алоқаи мутақобилаи мақомоти андозро бо андозсупорандагон ва шаҳрванд нисбат ба масъалаҳои андозбандӣ дар расми 3.1.2. дида мебароем.




**Расми 3.1.1. – Алоқаи мутақобилаи мақомоти андоз бо андозсупорандагон ва шаҳрвандон***
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф бо истифода аз сомонаи расмии мақомоти андоз www. andoz tj

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз то ҳол дар 38 шаҳру ноҳияҳои мамлакат, марказҳои машваратӣ ҷиҳати татбиқи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ таъсис дода шудааст, ки андозсупорандагон дар ҳолати дастрасӣ надоштан ба Интернет ва надоштани технологияҳои муосир метавонанд аз марказҳои машваратӣ истифода баранд. Дар шароити ҷаҳонишавии истифодаи Инернет на ҳамавақт ба чунин марказҳои машваратӣ андозсупорандгон имконияти ташриф овардан доранд, чунки чунин раванд дар оянда ҳамкориҳои фосилавиро суст мегардонад.

Тавре аз расми 3.1.1 бамеояд, ҷиҳати беҳтар гардидани алоқаи андозсупорандагон бо мақомоти андоз мушкилот дар норасоии

машваратгоҳҳои андозӣ назаррас аст. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор имконият доранд, ки бо мақсади беҳтар гардидани сатҳи хизмарасониҳои электронӣ ҷиҳати ба роҳ мондани маркзҳои машваратӣ «оид ба масъалаҳои андозбандӣ» дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамкориҳоро тақвият диҳанд ва дар ин замина ба омодасозии кадрҳои баландихтисос дар шароити рақамикунонии андоз мусоидат намоянд.

Дар мақомоти андоз то имрӯз вобаста ба риоя ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ яке аз масъалаҳои муҳимми самаранокии маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад, машваратҳои андоз ташкил карда шудааст, ки алоқаи мутақобилаи муносибатҳоро дар асоси шартномаҳои шаҳрвандӣ ва маҳалли фаъолияти андозсупоранда ба миён меорад. Аз ин рӯ, мо дар мисоли таҷрибаи Россия машваратдиҳии андозиро мушоҳида менамоем, ки дар ҷодаи ҳам пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳам беҳтар гардидани истифодаи хизматрасониҳои электронӣ пайваста оид ба пардохти андозҳо мусоидат менамоянд.

Раванди тадбиқи барномаҳои маъмурикунонии андоз ба ба вусъатёбӣ ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои самарабахши маъмурикунонии андоз натиҷаҳои хуб дода истодааст. Вале ин маънои онро ифода намекунад, ки бо пешниҳод гардидани технологияҳои муосир ва зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ тамоми самтҳои афзалиятдоштаи фаъолияи мақомоти андоз пурра ҳалли худро меёбад. Ворид гардидани технологияи муосир ва зиёд гардидани хизматрасониҳои электронӣ танҳо мутобиқ ба талаботи замон буда, пайваста дар шароити гузариш ба иқтисодӣ рақамӣ аз тарафи давлат ба навоварӣ тавсия карда мешавад. Ҳамин тавр, гузариш ба иқтисоди рақамӣ раванди натиҷаи рақамикунониро таъмин намуда, бо дарназардошти фароҳам овардани имкониятҳо, ба тағйир додани равандҳои тиҷоратӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодӣ ва густариши инноватсияро фароҳам меорад. Масалан, пайгирӣ гардидани сухане аз сомонаи Кумитаи андоз дар он мебошад, ки «фурӯшандагон ба муштариён имкон медиҳанд, ки

фармоишҳои худро дар реҷаи онлайн ба воситаи Интернет ҷойгир кунанд, реклама бо тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда шавад, пардохтҳои электронӣ ҷорӣ гардад, ҷамъоварӣ ва таҳлили автоматии маълумот ташкил карда шавад»[124]... Дар ин замина Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамасола дар паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ оид ба фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна, диққати махсус дода, баҳри рушди он, ворид намудани сабукиву имтиёзҳо дар фаъолияти соҳибкорон ва ҳавасмандгардониву дастгирии онҳо мақомоти ваколатдори давлатиро ба таври мушаххас вазифадор менамоянд.

Тавре аз ҳадафи асосии давлат бармеояд**,** «афзоиши даромади буҷети давлатӣ набояд бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз ба иқтисодиёт, балки аз ҳисоби вусъат додани заминаи андозбандӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди соҳибкории хусусӣ, махсусан, соҳибкории хурду миёна, маҳдуд намудани доираи фаъолияти иқтисоди пинҳонӣ, беҳтар ба роҳ мондани баҳисобгирии андозсупорандагон ва объектҳои андозбандӣ, анҷом дода шавад»[125]. Воқеан, беҳтар намудани ҳолати маъмурикунонии андоз ба тадҷиди имкониятҳои муосири ватанӣ равона гардида, вобастагии зиёди истифодаи хизматрасониҳои электронӣ ва раванди рақмикунониро дар иқтисодиёт таъмин менамояд.

Рушди фаъолияти мақомоти андоз яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат буда, баҳри пешбурди хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ ва дар ин замина ба вуҷуд овардани имкониятҳои нави иқтисодиро баҳри бартараф намудани таъсири омили инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт арзёбӣ менамояд. Таъмини ҷараёни андозбандӣ афзалиятҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз дар реҷаи вақти воқеӣ амалкунанда буда, имрӯзҳо баҳри амалӣ сохтани вазифаҳо ва мақсадҳои муайянгардида низоми кории мақомоти андоз корҳои

---

124 Сомонаи расмии Кумитаи андоз// Ҳафтаномаи "Боҷу хироҷ" www. bojukhiroj.tj

125 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлиси Олӣ аз 23.12.2022с. Махзани электронӣ: www.prezident.tj

судманд, амалӣ шуда истодаанд. Бо бовари қайд намудан лозим аст, ки баҳри бартараф намудани монеаҳо ва норасоиҳо дар баробари такмил додани хизматрасониҳои электронӣ, инчунин такмили низоми қонунгузории андоз ва баланд бардоштани эътимоднокии андозсупорандагон яке аз самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати давлатии андоз дар шароити рақамикунонӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ҷамъбасти зерфасли мазкур чунин хулосаҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Мавҷуд будани вазъи мушкилотҳои соҳаи хизамарасонии интернетӣ ва зуҳуроти рушди Интернет дар хусуси ба даст овардани даромадҳои зиёд ҳамчун восита имкониятҳои беназир барои муоширát, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, нусхабардорӣ, таҳлил ва интиқоли зиёди иттилоот мавриди таҳлил қарор гирифта шуд. Хулоса, ҳангоми истифодаи Интернет дар раванди рақамикунонии маъмурикунонии андоз ҳам мушкилот ва ҳам афзалият ба назар мерасанд.

2. Сабабҳои ҷорӣ намудани рақамикунонии андоз ба имкониятҳои истифодабарии технологияҳои иттилотӣ, дастрасӣ ба Интернет, инчунин роҳи осони воридсозии маълумотҳо ва дастрасӣ ба истифодаи маълумотҳо муқаррар карда шудааст. Пешниҳод намудан бамаврид аст, ки ҳалли мушкилотҳо дар самти истифодаи хизматрасониҳои электронӣ танҳо вазифаи мустақилонаи мақомоти андоз нест, зеро мақомоти андоз метавонад баҳри мустаҳкамнамоии раванди муносибатҳои андозбандӣ ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ бештар ҳамкориҳоро бо мақомотҳои дахлдор вобаста ба шароитҳои ҷойгиркунонӣ ва технологияҳои иттилоотӣ вусъат диҳад.

3. Тамоюли ҳозираи раванди рақамикунонӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои электронӣ, ки дигаргуниҳои сифатиро ба миён меорад, минбаъ ба рушди маъмурикунонии андоз ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи низоми андозбандӣ мусоидат менамояд. Тавре аз натиҷаи таҳлили расми 3.1.1 муайян гардид, тамоюли иҷроиши воридоти андозҳо барои солҳои 2012-

2021, нисбат ба нақшаи тасдиқгардида барои ҳар соли тақвимӣ гуногун арзёбӣ мегардад. Пас зарур мешуморем, ки бо мақсади устувор гардонидани ҳамкориҳои фосилавӣ раванди рақамикунониро дар ҳамаи самтҳои афзалиятдоштаи маъмурикунонии андоз ҷоннок намоем.

4. Зимни таҳлили ҳолати воридоти андозҳо нисбат ба ММД муайян гардид, ки то ҳадди 3,5 маротиба зиёд намудани ҳаҷми даромадҳои дохилӣ ва дар сатҳи ду маротиба коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои Стратегияи миллии рушд равона гардида, ҷамъоварии даромадҳои дохилӣ ҳамчун афзалияти аввалиндараҷаи ҳукумат буда, ба устувории низоми буҷет мусоидат менамояд. Аз ин сабаб зиёд гардидани шумораи имтиёзҳои андоз боиси талафоти назарраси даромадҳо гардидида, ба ҳисоби миёна аз 4 то 11 фоизи коҳишёбии ҳиссаи воридоти андозҳоро нисбат ба ММД-ро ташкил намуд.

5. Аз таҳлили расми 3.1.1 бамеояд, ки ҷиҳати беҳтар гардидани алоқаи андозсупорандагон бо мақомоти андоз мушкилот дар норасоии машваратгоҳҳои андозӣ назаррас аст. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор имконият доранд, ки бо мақсади беҳтар гардидани сатҳи хизмарасониҳои электронӣ ҷиҳати ба роҳ мондани маркзҳои машваратӣ «оид ба масъалаҳои андозбандӣ» дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамкориҳоро тақвият диҳанд ва дар ин замина ба омодасозии кадрҳои баландихтисос дар шароити рақамикунонии андоз мусоидат намоянд.

6. Муқаррар карда шуд, ки машваратдиҳии андозӣ яке аз масъалаҳои муҳимми самаранокии маъмурикунонии андоз ба ҳисоб рафта, айни замон раванди татбиқи барномаҳои маъмурикунонии андоз ба ба вусъатёбӣ ва беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои самарабахши маъмурикунонии андоз натиҷаҳои хуб дода истодааст. Аз ин хотир, пешниҳод гардидани технологияҳои муосир ва зиёд намудани хизматрасониҳои электронӣ яке аз талаботҳои замони муосир ба ҳисоб рафта,

дар тамоми самтҳои афзалиятдоштаи фаъолияи мақомоти андоз раванди вусъатёбанда арзёбӣ намудан мумкин аст.

## 3.2. Такмилдиҳии раванди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт

Дар шароити муосир майл намудани андозсупорандагон ба истифодаи таҷҳизотҳои пешрафта ҳамчун воситаи ояндадор дар шароити гузариши иқтисоди рақамӣ ба мукаммалгардонии маъмурикунонии андоз боис гардид. Дар гузашта, яъне то солҳои 2000-ум, дар низоми муносибатҳои андозбандии кишвар чораҳои маъмурикунонии андоз ба назар намерасид. Баъдан, бо дарназардошти воридгардидани дастгоҳҳои виртуалӣ, афзудани хизматрасониҳои электронӣ ва ташкили ҳукумати электронӣ зарурияти такмил ва роҳҳои мукаммалгардонии маъмурикунонӣ дар мақомоти андоз ба миён омад. Нисбат ба масъалаҳои такмилдиҳии танзими андоз яке аз механизми таъсиррасон дар низоми маъмурикунонии андоз мебошад, Д.С. Давлатов таҳқиқоти илмиашро дар ин самт анҷом дода, дар асоси омӯзиши таҷрибаи андозбандии ватанӣ моҳияти иқтисодии он муайян гардидааст. Ба андешаи муаллиф, «Танзими андоз – ҳамчун раванди ташаккулёбӣ ва такмилдиҳии низоми андозбандӣ пешниҳод шудааст, ки вазифаи фискалӣ, ҳавасмандӣ ва иҷтимоии андозҳоро иҷро мекунад»[126]. Ҳамзамон, раванди такмили маъмурикунонии андоз танзими муносибатҳои андоз ва ташаккули унсурҳои онро ба монандӣ: банақшагирӣ ва ояндабинии андоз, танзими андоз ва назорати андоз арзёбӣ менамояд.

Маъмурикунонии андоз шаффофити фаъолияти мақомоти андозро баҳри таъмин иҷрои қонунгузории андоз ва самаранок гардидани ҳамкориҳо бо дарназдошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта ва мақомоти андози кишварҳои дигар нишон медиҳанд, ки омилҳои асосии ба рушди фаъолияти

---

[126] **Давлатов Д.С.** Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ).Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе – 2021с, Саҳифа 23.

мақомоти андоз асосёбанда – ин такмили қонунгузории андоз, баланд бардоштани фарҳанги иҷрои мустақилонаим уҳдадориҳои андоз ва таъмин намудани воридоти маблағҳо ба буҷети давлат, беҳтар намудани маъмурикунонии андоз, рақамикунонии фаъолияти мақомоти андоз дар доираи беҳтар гардидани сифати хизматрасониҳои давлатӣ, баланд бардоштани сатҳи дониши молиявию ҳуқуқии шаҳрвандон ва масъулияти андозсупорандагон, такмил додани малакаи касбии кормандон, беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо шаҳрвандону андозсупорандагон тавассути коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ ва ҳамчунин батанзим даровардани меъёрҳои андоз ва имтиёзҳои андоз боиси таъмин гардидани воридоти маблағҳо ба буҷет мегарданд, ба ҳисоб меравранд.

Таъмини воридоти маблағҳои андоз яке аз вазифаҳои мақомоти андоз ба шумор меравад, ки имрӯз дар доираи амалӣ гардидани Кодекси андоз аз 1 январи соли 2022 тадбирҳо  бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои пешрафта буда, номгӯи андозҳо аз 10 адад ба 7 намуд кам гардид, меъёри андоз аз арзиши иловашуда аз 18 фоиз ба 14 фоиз паст карда шуд ва дар қатори ин ба дигар намуди андозҳо тағийротҳо ба назар расиданд. Раванди ҳавасмандгардонӣ яке аз омоилҳои асосии рушди иқтисоди миллӣ буда, ҷиҳати ҳавасманд гардидани субъектҳои соҳибкорӣ меъёри андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ширкатҳои мобилӣ аз 23 фоиз ба 20 фоиз, барои дигар намуди фаъолиятҳо аз 23 фоиз то 18 фоиз паст карда шуд, ба истисноi фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – 13 фоиз ва барои истихроҷу коркарди захираҳои табиӣ - 18 фоиз пешбинӣ гардидааст. Ҳар як тадбирҳои амалигардида, бартарии ислоҳшавандаро дар низоми қонунгузории андоз ба вуҷуд меорад, ки аз тарафи субъектҳои соҳибкорӣ бо мақсади таъмини шаффофияти баҳисобгирии даромадҳои шахсони воқеӣ нишон додани ҳисоботҳои кормандон риоя карда мешавад.

Такмили назорати андоз яке аз воситаҳои муҳими таъмини риояи қонунгузории андоз ба ҳисоб рафта, дар ташшакули механизми

маъмурикунонии андоз роҳу воситаҳои нави назоратро таъмин менамояд. Бо дарназардошти омӯзиш ва амалинамоии таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар Кодекси андоз ба муқаррарот оид ба ислоҳоти андоз, шаклҳои нави назорати андоз ҷорӣ карда мешавад. Аз ҷумла, мониторинги андозӣ, нархгузории трансфертӣ, рамзгузории электронии молҳо, шакли ба таври автоматӣ гузаронидани назорати камералӣ, баҳисобгирии хавфҳои андозӣ тавассути барномаҳои компютерӣ амалӣ шуда истодаанд.

Амалигардонии чораҳои мушаххас вобаста ба таъмини риояи қонунгузории андоз – ин омили таъмини шаффофияти воридоти андозҳо ба буҷети давлатӣ буда, айни ҳол бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон ва содаю осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андоз фармоиши Раиси Кумитаи андоз «Дар бораи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»[127] аз 28 марти соли 2022 таҳти №170 тасдиқ карда шуд. Тасдиқи фармоиши мазкур гувоҳи он аст, ки Стандарти ягонаи хизматрасонӣ бо мақсади беҳтар гардидани сатҳи хизматрасонӣ, тибқи муқаррароти Кодекси нави андоз ва бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои сарраёсатҳо ва раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз омода гардида, дар он номгӯй, муҳлат ва лаҳзаи анҷом додани хизматрасониҳо, инчунин заминаҳои ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасониҳо муаррифӣ гардидааст[128].

Зиёд гардидани хизматрасониҳо аз самаранок арзёбӣ гардидани истифодабарии он шаҳодат медиҳад. Аз ин бармеояд, ки зарурати истифодаи хизматрасониҳои электронӣ яке аз самтҳои аввалиндараҷаи такмилдиҳии маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Зимни таҳлилҳо муайян гардид, ки дар соли 2022 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро дар шакли электронӣ пешниҳод менамоянд, беш аз 6,5 ҳазор адад зиёд гардиданд. Айни ҳол, зиёда аз 155,0

---

[127] Фармоиши Раиси Кумитаи андоз " Дар бораи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон" аз 28 марти соли 2022, №170

[128]Махзани электронӣ: https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxAffairs

ҳазор субъекти хоҷагидор эъломия ва ҳисоботи худро тариқи электронӣ пешниҳод намуда истодаанд.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар натиҷаи рақамикунонии иқтисодиёт савдои электронӣ (е-коммерс) ба вуҷуд омадааст, ки бештар хариди молҳоро тавассути шабакаи интернет дар асоси реҷаи анъанавӣ (офлайн) пешбинӣ менамояд, бо суръат рушд ёфта истодааст. Ҳамзамон, бо мақсади ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти савдои электронӣ, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиён ва таъмини фаъолияти субъектҳои тиҷорати электронӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи савдои электронӣ»[129] аз 24 декабри соли 2022 таҳти №1921 қабул гардидааст, ки он аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дорад.

Бо назардошти имкониятҳо ва истифодаи роҳу воситаҳои гуногун дигар омилҳое ҳастанд, ки боиси беҳтар гардидани фаъолияти мақомоти андоз мегарданд. Дар ин самт мақомоти андоз ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас вобаста ба дарёфти манбаҳои иловагии андозбандӣ, корҳои аввалиндараҷа дар самти такмили маъмурикунонӣ тақвият дода, бо мақсади роҳандозӣ намудани фаъолияти пурсамар, тамоми механизмҳои ба андозбанддӣ мансуббударо истифода менамояд. Риояи шаффофияти муносибатҳои андозӣ ва таҳкими ҳамкориҳои иқтисодӣ дар асоси самтҳои муайянгардидаи Барномаи рушди маъмурикунонии андоз такмил меёбад.

Натиҷаи чорабиниҳои амалигардида дар самти такмили сиёсату маъмурикунонии андоз ва рақамикунонии соҳа аз ҷониби ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ мусбӣ арзёбӣ гардидаанд. Қайд намудан бамаврид аст, ки дар ҳисоботи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд (OECD) «Оид ба такмили фазои ҳуқуқии соҳибкорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ»[130] барои солҳои 2020-2023 доир ба беҳтар

---

[129] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон "Дар бораи савдои электронӣ". Махзани электронӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1921%D1%82%D1%87.pdf

[130] Ҳисоботи Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд (OECD) "Оид ба такмили фазои ҳуқуқии соҳибкорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ Махзани электронӣ: https://www.oecd.org/eurasia/Improving-LEB-CA-RU.pdf

гардидани маъмурикунонии андоз ба туфайли дуруст ба роҳ мондани рақамикунонӣ дар бахши хусусӣ қайд карда шудааст.

Мақомоти андоз ҷиҳати тадбиқи муқаррароти моддаҳои 80 ва 81 Кодекси андоз дар речаи вақти мустақим ба роҳ мондани назорат ва мониторинги амалиётҳоро байни андозсупорандагон, мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳо тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз роҳандозӣ гардидани ташкили пурраи ҳукумати электрониро оид ба хизматрасониҳои давлатӣ шароит муҳайё менамояд.

Фароҳам гардидани шароит ба рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ имконият медиҳад, ки такмили ҳадафҳои маъмурикунонии андоз бояд, пеш аз ҳама давра ба давра, дар шакли электронӣ роҳандозӣ намудани муносибатҳои андозӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон, зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ ва дар ин замина мусоидат намудан барои расидан ба ҳадафҳои Стратегияи миллӣ равона карда шавад.

Андешидани тадбирҳо бо мақсади такмили маъмурикунонии андоз дар заминаи ҳадафҳои Стратегияи миллӣ буда, баҳри пешрафи фаъолияти бонизом ва беҳсозии таркибҳои сифати фаъолияти мақомоти андоз, ҷоннок намудани муносибатҳои андоз бо андозсупорандагон пайваста роҳҳои усулҳои татбиқшавандаро амалӣ намудан мумкин аст. Ба роҳ мондани истифодаи дуруст ва самараноки барномаҳои компютериро аз ҷониби кормандони соҳаи андоз ва ҳам андозсупорандагон таъмин намуда, дар ин самт афзалияти асосии иҷрои вазифаҳои хизматию мансабиро дар ҷои аввал мегузорад.

Мақомоти андоз ҷиҳати беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон аз 1 декабри соли 2023 модули хизматрасонии «Идораҳои давлатӣ» мавриди истифода қарор дод, ки тавассути ин модули минбаъд вазорату идораҳо имкон доранд бе мурочиат ба мақомоти андоз барои иҷрои масъалаҳои андозбандӣ ва бақайдгирии давлатӣ маълумотҳои худро пешниҳод ё дастрас намоянд. Пешниҳод гардидани ин модул дар асоси

омўзиши Системаи ҳамгироиҳои иттилотӣ такмил ёфта, ҳамчун воситаи хизматрасонӣ на танҳо барои мақомоти андоз, балки барои дигар мақомотҳои давлатӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳояшон шароит фароҳам меорад. Хизматрасонии модули мазкур барои идораҳои нотариати давлатӣ маълумотро оид ба иҷрои уҳдадориҳои андозӣ дар ҳолати мавҷуд будан ё набудани қарзи андозҳо бе ташриф овардани шаҳрвандон ба мақомоти андоз, дар шакли электронӣ дастрас намуда, дар асоси амалҳои нотариалӣ оид ба хариду фурўш ё дигар шаклҳои бегонакунии объектҳои ғайриманқули шахсон вазифаҳои худро иҷро менамояд.

Инчунин, бо мақсади такмили раванди маъмурикунонии андоз аз тарафи мақомоти андоз хизматрасониҳои нав дар давоми соли 2023 роҳандозӣ карда шуд, ки тавассути он қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи патент, шаҳодатнома бо шартҳои махсус ва шаҳодатнома амалкунанда дар шакли электронӣ анҷом дода мешавад. Бо мақсади татбиқи муқаррароти моддаи 79 Кодекси андоз, модули нави хизмтрасонӣ аз 25 январи соли 2024 роҳандозӣ карда шуд, ки истифодаи он ба шахсони воқеӣ имконият медиҳад, ки рақами мушаххаси андозсупорандаро бе ташриф овардан ба мақомоти андоз дар реҷаи вақти мустақим муайян намоянд.

Масъалаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорни инфиродӣ, яке самтаҳои асосии мукаммалгардонии рушди низоми маъмурикунонӣ ба ҳисоб рафта, ҳамзамон дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани тартиби бақайдгирӣ ҳамчун чораҳои маъмурӣ ба ҳисоб меравад. Пас аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» анҷом додани бақайдгирии давлатӣ ба зиммаи мақомоти андоз вогузор карда шуд, ки қаблан ин масъала аз тарафи мақомоти адлия гузаронида мешуд. Бо мақсади амалӣ намудани талаботи қонун дар сохтори Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №456 Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон таъсис дода шуд, ки воҳидҳои маҳаллии он дар тамоми ҷумҳурӣ амал мекунанд.

Дар асоси татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025 чор самти асосии беҳтар намудани маъмурикунонии андоз пешбинӣ гардидааст




**Расми 3.2.1. – Самтҳои асосии беҳтарнамоии маъмурикунонии андоз***
***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №643[131]

Дар асоси замимаи 2-юми қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 643, Нақшаи чорабиниҳо дар солҳои 2020-2025 ҷиҳати беҳсозии маъмурикунонии андоз, афзоиши ҷамъоварии андоз тавассути васеъ намудани пардохтҳои ғайринақдӣ, гузариш ба моделҳои нави технологии рушди системаи мақомоти андоз, баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон ва беҳтар намудани сифати фаъолияти мақомоти андоз дар доираи амалӣ намудани 31 адад чорабиниҳо пешбинӣ гардидааст.

Тибқи маълумотҳои Кумитаи андоз дар соли 2022 аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатӣ «дар маҷмуъ 32849 адад шахси ҳуқуқӣ ва 99407 нафар соҳибкори инфиродӣ ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки баъд аз мавриди амал қарор гирифтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

[131] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ислоҳоти Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, аз 30 декабри соли 2019, №643

бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»[132], шумораи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар соли 2010-ум ба 47 988 адад, дар соли 2011 ба 77 802 адад, дар соли 2016 ба 288683 адад, дар соли 2019 ба 326493 адад, дар соли 2021 ба 339407 адад ва дар соли 2022 ба 340107 адад расидааст»[133]. Яъне шумораи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ сол аз сол тамоюли зиёдшавиро дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке ҳолатҳои зудтағйирёбандаи маъмурикунонии андоз боиси зиёд шудани шумораи субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ ва коркарди механизмҳои нави такмили маъмурикунонии андоз мегардад. Сабабҳои зудтағйирёбии муносибатҳои андоз ба ислоҳоти қонунгузории андоз ва зиёдшавии хизматрасониҳои электронии андоз мусоидат менамояд, ки раванди содагардонии расмиёти маъмуриро таъмин менамояд. Тағйиротҳо ҳангоми амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» дар соли 2022 боиси чунин бартариятҳо гардид:

– кам гардидани муҳлати бақайдгирӣ аз 35-40 рӯзи корӣ ба 3-5 рӯзи корӣ;

– ҷоннок гардидани шумораи мурочиатҳо ба мақомоти давлатӣ аз чор то ба як адад дар як вақт;

– кам кардани миқдори номгӯи ҳуҷҷатҳои бақайдгирии давлатӣ аз 12-14 номгӯй то ба 4-5 номгӯй;

– дар ташкили раванди бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бениҳоят назорат пурзӯр гардид.

Ҷорӣ гардидани шаклҳои муосири хизматрасонӣ барои содаю осон намудани пардохти андозҳо ва сарфа намудани вақти андозсупорандагон тавассути сомонаи Кумитаи андоз яке аз тадбирҳои маъмурикунонии андоз ба ҳисоб рафта, истифодаи он ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон

---

[132] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»

[133] Ҳисоботи ҷамъбастии фаъолияти мақомоти андоз. Ҳафтаномаи “Боҷу хироҷ” www. bojukhiroj.tj

имконият медиҳад, ки бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии «Амонатбонк» маблағи андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт ва боҷи давлатиро бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ба буҷети давлат пардохт намоянд. Чуноне ки аз рафти назорати сомонаи расмии мақомоти андоз бармеояд, яке аз шаклҳои хизматрасонии давлатӣ барои андозсупорандагон ин барномаи мобилии «Андози ман» барои сода ва қулай намудани таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозии соҳибкорон ва шаҳрвандон, инчунин шумораи зиёди хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз маълумотҳоро ҷойгир менамояд, мушоҳида гардид.

Бояд гуфт, ки рушди босуръати истифодаи технология дар ҷаҳони муосир зарурати усулҳои муосири пардохтҳоро, ба мисли пардохтҳои ғайринақдиро тақозо мекунад. Имконияти гузаронидани пардохт тавассути POS-терминалҳо қадами муҳим барои амалисозӣ ва рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар мамлакат мебошад. Айни ҳол дар кишвари мо на танҳо пардохти маблағи молу маҳсулот, балки қабули маблағҳои пардохти молу хизматрасониҳо низ ба таври ғайринақдӣ тавассути ҳамёнҳои электронӣ роҳандозӣ шуда истодааст, ки бевосита дар ин афзалиятҳои пебинигардидаи Кодекси андоз муҳим аст.

Баҳри пешбурди самаранокии хизматрасониҳои электронӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз муқаррар гардидааст, ки «муносибатҳои андозсупорандагон ва мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва ташкилотҳоро тавассути Системаи ҳамгироии иттилоотҳои андоз оид ба баҳисобгирии андоз ва маниторинги амалиётҳои мақомоти андоз ба таври онлайн дар реҷаи мустақим амалӣ карда мешавад»[134]

Амалиётҳое, ки байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз анҷом дода мешаванд, имконияти дар асоси Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз

---

[134] Давлатов Д. С. Такмили танзими андозии иқтисоди миллӣ (дар маводҳои ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ). Диссертация. Душанбе – 2021, С. 1-183.

ба роҳ монданро дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ таъмин менамояд. Яке аз вазифаҳои мақомоти андоз ҷиҳати вусъат бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандону андозсупорандагон барои анҷом додани муомилоти ғайринақдӣ, ки риояи дурусти истифодаи технологияҳои рақамиро таъмин менамояд, чораҳо андешад.

Бо мақсади беҳтар гардонидани хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ, тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва дар ин замина бартараф намудани таъсири омилҳои инсонӣ, аз ҷониби Кумитаи андоз корҳои зиёде ба анҷом расонида шудааст, ки метавнем онро бо таври муфассал дар ҷадвали 3.2.1 шарҳ диҳем:

**Ҷадвали 3.2.1. – Раванди вусъатдиҳии ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ***

| | **Қарорҳои ба тавсибрасида** | **Нишондиҳандаҳои натиҷавӣ** | **Ҳамкориҳо** |
|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» | Бо мақсади сарфа намудани вақт ва кам кардани хароҷоти шаҳрвандону андозсупорандагон барои пардохти андозҳо, аз 1 майи соли 2018 аз ҷониби Кумитаи андоз хизматрасонии эквайрингӣ ҷорӣ карда шуд. | Тавассути хизматрасонии эквайрингӣ бо истифодаи куортҳои «Visa», «Master Card» ва «Корти миллӣ» пардохт намудани андозҳо бо КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва ҶСК «Алиф Бонк» амалӣ гардидааст. |
| 2. | Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.12.2014, №815 ва аз 30.11.2018, №565 «Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳо и ғайринақдӣ» | Аз ҷониби КВД Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» дар марказҳои хизматрасонии хазинаҳои бонк, ки дар мақомоти ҳудудии андоз ва филиалу шуъбаҳои бонки мазкур ҷойгир мебошанд, POS – терминалҳо барои ба таври ғайринақдӣ қабул намудани маблағи андозҳо ва пардохтҳо насб карда шуд. | Бо мақсади васеъ намудани дастрасӣ ба воситаи электронии пардохт ва тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, Кумитаи андоз дар якҷояги бо Бонки миллӣ ва дигар бонкҳою ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани маблағи хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ, тавссути ҳамёни электронӣ QR-коди ягонаро ҷорӣ ҷорӣ гардид |

**Давоми ҷадвали 3.2.1.**

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| 3. | Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ» аз 09.10.2021, №432 | Истифодаи дастгоҳҳои муосири назоратӣ-хазинавӣ барои зиёд намудани муомилоти ғайринақдӣ мусоидат намуда, ба соҳибкор имкон медиҳад, ки баҳисобгирии даромаду хароҷоти худро дар шакли сода ва қулай пеш баранд. Истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ» барои дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ насб намудани дастгоҳҳои назоратӣ – хазинавӣ ва назорати аз ҷониби андозсупорандагон пешбинӣ гардидааст | Таъмини иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 09.10.2021, №432 «Дар бораи тартиби истифодаи дастгоҳҳои назоратӣ-хазинавӣ» дар доираи маблағҳои барои Лоиҳаи «Амалиёт оид ба ислоҳоти андоз» пешбинӣ шудааст. |
| 4. | Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023, № 586[135] | Шумораи ПОС – терминалҳои электронии дар маҷмуъ 1075 ададро ташкил медиҳад. Аз 01.08.2023 то инҷониб шумораи амалиётҳо оид ба ба таври ғайринақдӣ пардохт намудани андозҳо ва боҷҳо зиёда аз 3,8 млн. адад ба маблағи зиёда аз 1,3 млрд. сомониро ташкил гардид. | Таъмини иҷрои талаботи фамони мазкур аз тарафи мақомоти андоз бо 19 адад ташкилотҳои қарзии молиявӣ созишномаҳо «Оиди ба таври ғайринақдӣ қабул намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ» ба имзо расонид, аксарияти он дар филиалу шуъбаҳои КВД бонки амонатгузории «Амонатбонк» рост меояд. |

***Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар заминаи Кодексҳои андози қабулгардида

Ҳалли вазифагузориҳо бо мақсди беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳо дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ вобаста ба тақозои замон буда, масъалаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакатро фаро мегирад. Самтҳои муайяни вазифагузориҳо яке аз тадбирҳои аввалиндараҷаи хизматрасониҳои электронӣ буда, дар ҳалли мушкилотҳои

135 Махзани электронӣ: https://jumhuriyat.tj/bahsho/1089-shari-farmoni-prezidenti-umurii-toikiston-dar-borai-tadbiroi-vusat-dodani-isobbarobarkunii-ajrinad.html

ҷойдошта нигаронида шуда, дар пешрафти иқтисодиёти малакат мусоидат менамояд. Вазифаҳои гузошташуда самтҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 буда, бахри фароҳам гардидани вазифаҳо «барои паст кардани нархҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва коҳиш додани хароҷотҳои амалиётӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ, гузариш ба сохторҳои ташкилии тағйирпазир, модернизатсияи заминаи техникии муассисаҳои молиявӣ, истифодаи васеи усулҳои муосири идоракунии суратҳисобҳои бонкӣ, истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохт, баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ, амният, сифати хизматрасониҳои пардохт ва низоми пардохт, рушди заминаи техникию инфрасохтори низоми пардохт дар бар мегирад»[136].

Ҳамеша ҳамкориҳои мақомоти андоз дар самти асосҳои институсионалӣ байни вазорату идораҳои дахлдор густариш ёфта, такмилдиҳии минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии бахши молиявӣ ҷиҳати баланд бардоштани шаффофият ва эътимоднокӣ ба фаъолияти муассисаҳои молиявӣ, ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ, бахусус низоми бонкӣ, равона гардида истодааст.

Тавре ки аз мушоҳидаҳо ба мо маълум мегардад, дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт раванди гузариш ҷой дорад. Ҳар як марҳилаи раванди гузариш дар иқтисодиёт тадбирҳои навро ҷиҳати такмилдиҳии низоми муносибатҳои андоз ба вуҷуд меорад:

– Тартиби соддагардонии расмиёти баҳисобгирии андозро таъмин менамояд;

– Иҷрои уҳдадориҳои андозро зиёд менамояд;

– Тартиби дурусти истифодабарии хизматрасониҳои электрониро таъмин менамояд;

– Шумораи корбарони хизматрасониҳои электрониро зиёд менамояд;

[136] Манбаъ: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси ОлииҶумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016 № 636

– Таҷдиди хизматрасониҳо ва хизматрасонии фаъолро бо мақомотҳои дигари ваколатдори давлатӣ дар сатҳи минтақавӣ ва маҳаллҳо таъмин менамояд;

– Ҳиссаи гардиши ҳуҷҷатҳои қоғазӣ ва пардохтҳои ғайринакдиро то соли 2030 ба 50% кам менамояд;

– Такмили механизми истифодаи васеи воситаҳои пардохти электронӣ бо мақсади зиёд намудани ҳиссаи пардохти ғайринақдӣ анҷом дода мешавад;

– Назоратҳои фаврӣ тавассути реҷаи мустақими онлайнӣ таъмин мегардад.

Асоси тараққиёти иқтисодиётро низоми самараноки ташкили идоранамоии андоз ташкил медиҳад, ки вобастагии идоранамоии низоми андоз ба такмилдиҳии механизми маъмурикунонии андоз алоқаманд мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҳолати рушди маъмурикунонии андоз ба истифодаи меъёрҳои танзимкунандаи нишондиҳандаҳои ММД ва ҳаҷми умумии буҷети давлатӣ алоқаманд аст. Афзалиятҳои асосии пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ба марҳилаҳои татбиқи Кодекси андоз ва татбиқи барномаҳои стратегии рушди маъмурикунонии андоз вобаста мебошад.

Моҳияти иқтисодии андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин ё он фишанги иқтисодӣ метавонад ба тадбиқи сиёсати андозию буҷетӣ таъсир расонида, ҳиссаи муайяни даромади худро дар шакли марказонидашуда тағйир дода, ба ин восита буҷети давлатро ғанӣ гардонад. Маблағҳои қисмати даромади буҷети давлатӣ ҳоло ҳам аз ҳисоби воридоти андоз зиёд ба назар мерасад, ки ҷиҳати такмилдиҳии механизми муосири воридотҳои андозӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди маъмурикунонии андоз таваҷҷуҳи зиёд менамояд.

Вобаста ба зерфасли мазкур мо чунин натиҷаҳои хусусияти навгонидоштаро ба даст овардем:

1. Бояд тазаккур дод, ки тамоми воситаҳо ва имкониятҳои мавҷудбуда дар самти риояи низоми ҳуқуқӣ, маъмурӣ, технологӣ ва истифодаи хизматрасониҳои электронӣ баҳри таъмини риояи қонунгузории

андоз барои иҷро намудани ҳуқуқу уҳдадории андозсупорандагон ва шаҳрвандон фарох бошад. Ҳамзамон, мутахассисони Кумитаи андоз тамоми кӯшишҳоро ба харҷ дода истодаанд, ки минбаъд бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи давлатҳои дигар модулҳои компютерии мавҷуда ва таҳияи хизматрасониҳои нави электроние, ки ба рушди соҳибкорӣ ва гузариш ба иқтисодиёт мусоидат мекунанд, таҳким бахшанд;

2. Муайян гардид, ки такмили сиёсати андоз аз рушди ҳозираи иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста буда, ҷиҳати беҳтар намудани маъмурикунонии андоз бояд пеш аз ҳама, бо дарназардошти давра ба давра пурра дар шакли электронӣ роҳандозӣ намудани муносибатҳои андозӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҳавасманд ва мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон, зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ ва дар ин замина мусоидат намудан барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ анҷом дода шавад.

3. Қайд гардидани омилҳои такондиҳандаи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ аз дастрасии хизматрасониҳои электронӣ вобаста мебошад, ки дар самт маълумотҳо ҷиҳати татбиқи Кодекси андоз ва барномаҳои стратегӣ дар расми 3.2.1 диссертатсия муайян гардида, амалӣ гардидани қонуни мазкур, раванди содагардонии бақайдгирии давлатӣ хоҳиши анҷом додани фаъолияти соҳибкориро дар дилхоҳ вақт ё мурочиатҳои онҳоро ҷиҳати бақайдгирӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳо оварда шудааст.

## 3.3. Дурнамои рушди маъмурикунонии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Идоракунии низоми амалкунандаи андози мамлакат хусусияти дахолатпазирӣ дошта, имрӯзҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад. Тайи солҳои охир дар заминаи такмил ёфтани низоми қонунгузории андоз раванди ба танзим даровардани муносибатҳои андозӣ мустаҳкам гардида, тағйирёбии шароитҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ зиёд намуд, ки боиси такмилидиҳии маъмурикунонии андоз гардид. Чунин мешуморе, ки

раванди такмилдиихии маъмурикунонии андоз, ин тадбири доими амаликунандаи фаъолияти мақомоти андоз буда, имконияти ташаккул ва инкишофи фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро ба вуҷуд меорад.

Раванди пардохти андоз аз тарафи мақомоти андоз назорат гардида, бо воситаи қонун танзим ва муқаррар карда мешавад. Маҳз риояи меъёрҳои танзимшавандаи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ боиси рушди маъмурикунонии андоз ва дар ин замина таъмини шаффофияти воридотҳои андозро ба буҷет зиёд намуда, беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳо ва коҳишёбии раванди анъанавии назорати андозро кам менамояд.

Иқтисодчиии тоҷик С. Халифазода дар таҳқиқоти илмии худ назарияи иқтисодшиноси рус М.В. Мишустин дар бораи «беҳтар намудани маъмурикунонии андоз дар шароити имрӯза, вазифаи асосӣ дар ҷараёни навовариҳои андозӣ ҳисобида мешавад. Такмили маъмурикунонии андоз мунтазам зиёд ворид гардидани андозҳоро ба буҷети давлатӣ, ки қонунгузории андоз муқаррар намояд, пешбинӣ менамояд"» пайгирӣ намуда,[137] чунин мешуморад, ки «мақомоти андоз на танҳо барои ташаккули захираҳои молиявӣ, инчунин барои иҷрои уҳдадориҳои умумидавлатӣ, махсусан ҳадафҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ равона гардида, барои тақсим ва азнавтақсимкунии даромадҳои андозии раванди такрористеҳсолии захираҳои молиявӣ хизмат менамояд»[138].

Воқеан, масъалаи такмил додани маъмурикунонии андоз на танҳо ташаккули захираҳои моливӣ аст, чунки дар заминаи ташаккул додани воридотҳои андоз бояд ба равиши омилҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат таваҷуҳ намуд. Низоми кори мақомоти андоз роҳи расидан ба мақсадҳои маъмурикунонии андозро дар хусуси беҳтар намудани хизматрасониҳои андоз, раванди воридотҳои андоз ба буҷети давлатӣ, таъмини шаклу усулҳои

---

[137] Мишустин М.В. Совершенствование налогового администрирования - фактор повышения эффективности работы налоговых органов // Финансы, 2010, № 6 - С. 27.

[138] Халифазода С. Такмилдиҳии низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир// Диссерртатсия, 2022

назорати андоз, ки боиси тағйирёбии шароитҳои молиявӣ мегардад, пайгирӣ менамояд.

Таҷрибаи маъмурикунонии андоз дар замони шуравӣ ба назар намерасид, зеро тачрибаи андозбандӣ дар масъалаҳои банақшагрӣ ва оядабинии низоми идоракунии андоз зиёд боқӣ монд. Яъне, дар замони шуравӣ таҳрезӣ гардидани механизми банақшагирӣ ва ояндабинии воридоти андозҳо танҳо дар сатҳи давлатӣ ба шумор рафта, тамоми равандҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро дар сатҳҳои микро ва макро дарбар мегирифт. Банақшагирии андоз дар асоси маълумотҳои базавии фаъолияти мақомоти андоз ва омилҳое, ки ба раванди воридоти андоз таъсир мерасонанд, дар шакли нақшавӣ таҳия гардида, бо шакл ва усулҳои бозорӣ асоснок гардида, иҷроиши он ба дурнамои фаъолияти воридотҳои андоз мусоидат менамояд.

Дурнамои воридоти андоз дар сатҳи корхонаҳо ва давлат дар шакли ояндадор таҳия гардида, иҷроиши он ба омилҳои асосии фаъолияти мақомоти андоз ва корхонаҳо вобаста мебошанд. Дурнамои нишондиҳандаҳои ба дастомдаи фаъолияти мақомоти андоз дар раванди маъмурикунонии андоз ба омилҳои зерин вобаста мебошанд, аз ҷумла шумораи умумии андозсупорандагон, шумораи хизматрасониҳои электронӣ, шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.

Гузаштан ба шароити нави муносибатҳои бозорӣ аз он далолат медиҳад, дурнамои ислоҳоти низоми қонунгузории андоз адолатро зиёд намуда, риояи принсипҳои қонунгузориро ҳатмӣ мешуморад. Дар ин давра вобастагии зиёди омилҳо боиси рушди иқтисодиёти мамлакат мегарданд, ки аз шаффофияти иҷрои қонунгузории андоз вобаста буда, раванди такмили низоми андозситониро таъмин менамояд. Ҷорӣ гардидани низоми қонунгузорӣ ва қабул гардидани Кодекси андоз яке аз воситаҳои маъмурии танзими иқтисодии андоз ба ҳисоб меравад. Дурнамои вобастагии ташаккулёбандаи рушди маъмурикунонии андоз аз истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои пешрафта дар доираи мустаҳкам намудани ҳамкориҳои

байнидавлатӣ, таъсиси Кумитаи андоз ва таҳияи сохторҳои маъмурии он, баланд бардоштани сатҳи интизоми меҳнат дар фаъолияти мақомоти андоз, ҷорӣ гардидани афзалиятҳои стратегидошта дар рушди маъмурикунонии андоз алоқаманд мебошанд. Илова бар ин, бо мақсади таъмини устувории низоми молиявӣ, тарзу воситаҳои рақобатпазирӣ ва тобоварии субъектҳои хоҷагидорӣ ба талаботи шароитҳои имрӯза аз самараноки низоми маъмурикунонии андоз вобаста мебошад.

Воқеан, дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ раванди банақшагирии корхонаҳо зиёд гардид, ки боиси зиёд гардидани сарчашмаҳои воридоти андозӣ гардиданд. Масъалаҳои асоси зиёднамоии корхонаҳо дар шаклҳои гуногун боиси зиёд ба нақша гирифтани воридоти андозҳо гардид. Аз таҷрибаи андозбандӣ бармеояд, ки зиёд гардидани банақшагирии воридоти андозҳо ба дурнамои сиёсати иқтисодии давлат ва беҳтарнамоии фаъолияти мақомоти андоз мусоидат намуд.

Рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020 – 2025 марҳилаи дуюми татбиқи Стратегияи миллӣ буда, дар пояи мақомоти андоз иҷрои вазифаҳои он вогузор гардида, андешидани тадбирҳои миёнамуҳлатро дар асоси арзёбӣ гардидани корҳои зерин: чораҳо бо мақсади амалинамоии фароҳам овардани муҳити рақобати солим ва коҳиш додани сатҳи иқтисоди пинҳонӣ, рушди пайвастаи системаи автоматикунонидашудаи маъмурикунонии андоз, ба роҳ мондани ҳамкории фосилавӣ бо андозсупорандагон, баланд бардоштани интизоми андозсупории андозсупорандагон ва беҳтар гардидани фаъолияти мақомоти андоз пешбинӣ менамояд[139].

Омӯзиши мушкилоти низоми маъмурикунонии андоз ба мо имконият медиҳад, ки тайи солҳои охир роҳандозии нақша чорабиниҳои таҳиянамудаи мақомоти андозро ҷиҳати рушди маъмурикунонии андоз таҳрезӣ намуда, раванди такмилдиҳӣ ва дурнамои он, ҳамчун механизми муосири танзими

---

[139] Барномаи рушди маъмурикунонии андоз барои солҳои 2020-2025

давлатии андоз ин маҷмуи шаклҳо, усулҳо ва воситаҳои идоракунии андоз, ки бо дахолати давлат дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ тибқи консепсияи қабулшудаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудааст, татбиқ намоем.

Дар раванди таҳқиқоти илмӣ усулҳои индуксия ва дедуксия, мушаххаскунӣ, умумикунонӣ, ягонагии инкишофи таърихӣ, деаликтикӣ ва мантиқӣ дар шинохти рушд, усулҳои иқтисодӣ-оморииҷадвалӣ ва графикӣ, усули ҳисобҳои миёна, таҳлили дисперсионӣ, таҳлили динамикӣ, таҳлили коррелиятсионӣ-регрессионӣ, моделсозӣ ва пешгӯии равандҳои андозбандӣ бо истифода аз пакети барномаҳои EXCEL ба таври васеъ истифода гардидаанд.

Вобастагии нишондиҳандаи воридоти андозиро дар заминаи қатор нишондиҳандаҳои ба аломати натиҷавӣ таъсиррасон бо истифодаи усулҳои иқтисодӣ-оморӣ ва иқтисодӣ-риёзӣ тавассути таҳияи моделҳои регрессионӣ ва таҳлили коррелятсионӣ дида мебароем. Бо ин мақсад аз маълумотҳои нишондиҳандаҳои ба воридоти андозӣ таъсиррасонро истифода намуда, вазъи воридоти андозро барои давраи таҳқиқотӣ таҳлил менамоем (нигаред ба ҷадвали 3.3.1).

Барои муайян кардани алоқамандиҳои омилҳои вобастагию сабабии воридоти андоз аз нишондиҳандаҳои ба он таъсиррасон аз маълумотҳои ҷадвали 3.3.1 – ро истифода намуда, фарзияи алоқамандии нишондиҳандаи воридоти андозҳоро аз аломатҳои омилии зикршуда пешниҳод мекунем.

Фарз мекунем, ки нишондиҳандаи воридоти андозҳо аз омилҳои зерини вобаста аст: шумораи умумии андозсупорандагон (ҳазор адад); шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд (ҳазор адад); шумораи хизматрасониҳои электронӣ (адад); бақияпулиҳои андоз (андозҳои пардохтнашуда, бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳо, бо ҳисоби миллион сомонӣ); маблағи андози аз ҳисоби назоратҳои камералӣ воридгардида (млн. сомонӣ); маблағи аз ҳисоби санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз воридгардида (млн. сомонӣ).

## Ҷадвали 3.3.1. – Омилҳои ба воридоти андозҳо таъсиррасон*

| Солҳо | Ичроиши воридоти андозҳо, бо ҳисоби миллион сомонӣ | Шумораи умумии андозсупорандагон (ҳазор адад) | Шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд (ҳазор адад) | Шумораи хизматрасониҳои электронӣ (адад) | Бақияпулиҳои андозӣ (андозҳои пардохтнашуда, бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳо, (млн. сомонӣ) | Маблағи андозҳо аз ҳисоби назоратҳои камералӣ воридгардида, (млн. сомонӣ) | Маблағи аз ҳисоби санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз воридгардида, (млн. сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Y | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ | $X_6$ |
| **2015** | 7947,7 | 278,471 | 23,604 | 10 | 702,2 | 224,1 | 562,9 |
| **2016** | 8436,1 | 288,683 | 34,656 | 18 | 860,5 | 312,0 | 755,0 |
| **2017** | 9563,3 | 301,298 | 51,439 | 22 | 771,1 | 334,3 | 746,2 |
| **2018** | 10523,3 | 315,89 | 72,121 | 24 | 725,7 | 376,6 | 706,5 |
| **2019** | 11115,7 | 326,493 | 123,522 | 36 | 580,4 | 333,4 | 499,8 |
| **2020** | 10634,5 | 335,305 | 144,7 | 56 | 884,0 | 457,4 | 469,9 |
| **2021** | 13721,8 | 339,407 | 293,2 | 66 | 649,8 | 462,3 | 848,0 |
| **2022** | 15388,5 | 340,107 | 312,124 | 76 | 728,0 | 479,1 | 850,1 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф. Махзани электронӣ:: https://andoz.tj/TaxCommittee/TaxAffairs ва https://andoz.tj/TaxCommittee/BojuHiroj // Нашри №16 (1269)

Дар асоси омилҳои вобастагардида, тафтиши фарзияи пешниҳодҳо бо истифода аз матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт, мавҷудияти алоқамандии байни нишондиҳандаҳои омилӣ ва натиҷавиро ошкор менамоем. Барои истифодаи фарзияи мазкур аз пакети барномаҳои амалӣ истифода бурдан мувофиқи мақсад аст. Бо иҷрои алгоритмаи махсус дар муҳити MS Excel матритсаи коэффитсиентҳои корелятсияи ҷуфтро ҳосил мекунем:

**Ҷадвали 3.3.2. – Матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт***

| | *Y* | *$X_1$* | *$X_2$* | *$X_3$* | *$X_4$* | *$X_5$* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| $X_1$ | 0,8728 | | | | | |
| $X_2$ | 0,9689 | 0,8554 | | | | |
| $X_3$ | 0,9285 | 0,9139 | 0,9639 | | | |
| $X_4$ | ***-0,3358*** | -0,2150 | -0,2842 | -0,0988 | | |
| $X_5$ | 0,8483 | 0,9219 | 0,8490 | 0,9255 | 0,0979 | |
| $X_6$ | ***0,4939*** | 0,1377 | 0,4615 | 0,3145 | -0,0334 | 0,3511 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.3.1.

Аз матритсаи коэфисиентҳои корреляитсияи ҷуфт дида мешавад, ки дар байни аломати натиҷавӣ (Y) ва аломатҳои омилӣ ($X_1$, $X_2$, $X_3$ ва $X_5$) алоқамандии зич мавҷуд аст, чунки ҳамаи коэффитсиентҳои дар сутуни якум ба як бениҳоят наздик аст. Ин падида аз он шаҳодат медиҳад, шаффофияти воридоти андозҳо солҳои охир аз тарафи шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, хело назаррас гардида истодаанд. Нишондиҳандаи воридоти андозҳо аз аломатҳои омилии $X_4$ ва $X_6$ аломандии сусти хаттӣ доранд, ки ба сифр наздик будани ду коэффитсиентҳои коррелятсияи сутуни якуми ҷадвали 3.3.2. аз ин гувоҳӣ медиҳанд. Коэффитсиенти коррелятсия танҳо зичии алоқамандии хаттиро нишон медиҳад ва ба сифр наздик будани он маънои онро надорад, ки дар байни нишондиҳандаҳо умуман ягон намуди алоқамандӣ мавҷуд нест, чунки мавҷуд будани алоқамандии ғайрихаттӣ имконпазир аст. Махсусан дар кам гардидани маблаҷи қарзи андоз ва мабаҷҳои аз ҳисоби санҷиҳои андоз ошкор гардида ба буҷети давлат. Ниҳондиҳандаҳои аломати омилии $X_4$ ва $X_6$ аз он

шаҳодат медиҳад, ки тадбирҳои маъмурикунонии андоз баҳри иҷрои қонунгузории андоз шаффофияти воридоти андоз натиҷаҳои мусбиро арзёбӣ менамояд.

Дар як вақт байни аломатҳои омилӣ вобастабуда, алоқаманди зич ба миён меояд, ки ин ҳолат мушкилии мултиколлинеариро ба вуҷуд меорад. Барои пурра фаҳмидани ин мушкилӣ омили бақияпулиҳои андозӣ (андозҳои пардохтнашуда, бо дарназардошти ҷарима ва фоизҳоро, ки бо аломати натиҷавӣ, алоқамандии на он қадар зич доранд, аз модел хориҷ карда, омилҳои $x_3$, $x_5$ ва $x_6$-ро барои бартараф кардани муаммои муллтиколлинеарӣ аз модел хориҷ мекунем. Ҳамин тавр, якчанд моделҳои регрессияи сода ва маҷмӯиро тартиб дода, дар умум таъсири омилҳои мавриди назарро таҳлил менамоем.

Моделҳои регрессиониро дар намуди зерин таҳия мекунем:

$$\boldsymbol{Y=a+b_i x_i +c} \qquad (1)$$

Дар ин ҷо: ***Y***- Воридоти андозҳо, (миллион сомонӣ);

$x_i$ – аломатҳои омилӣ;

$a$, $b_i$ – параметрҳои модел (коэффитсиентҳои регрессия)

Барои баҳодиҳии параметрҳои модели (1) аз зербарномаҳои пакети амалии MS Excel истифода мебарем. Дар натиҷаи иҷрои алгоритми махсус тавсифҳои омории моделҳои регрессиониро дар намуди ҷадвали зерин ҳосил менамоем:

**Ҷадвали 3.3.3. – Натиҷаҳои ҷамъбастии омори регрессионӣ***

| *Омори регрессионӣ* | | |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| Коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ | 0,9727 | |
| Коэффитсиенти детерминатсияи маҷмуӣ | 0,9461 | |
| Коэффитсисенти детерминатсияи меъёрӣ | 0,9245 | |

**Давоми ҷадвали 3.3.3.**

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| Хатогии стандартӣ | 696,1273 | |
| Мушоҳидаҳои оморӣ | 8 | |
| *F*-меъёри Фишер | 43,868 | |
| | Параметрҳои муодилаи регрессия | t-омори Стюдент |
| Аъзои озод | 2970,782 | 0,476842 |
| X1 | 17,42901 | 0,818418 |
| X2 | 18,51964 | 4,133549 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои ҷадвали 3.3.1.

Ҳамин тавр, дар асоси маълумотҳои оморӣ модели регрессияи маҷмӯиро тартиб медиҳем:

$$\mathbf{Y=2970{,}782+17{,}43x_1+18{,}521x_2} \qquad \mathbf{(1)}$$

Модели (1) тавсифҳои хуби иқтисодӣ-оморӣ дошта, раванди таҳлил ва дурнамои иҷроиши воридоти андозҳоро аз рӯи вобастагии нишондиҳандаҳои шумораи умумии андозсупорандагон ва шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, таъмин менамояд.

Дар модели (1) регрессияи маҷмуӣ параметри назди тағйирёбандаи $x_1$ ба 17,43 баробар буда, нишон медиҳад, ки ҳангомии ба ҳазор субъект афзудани шумораи андозсупорандагон воридоти андозӣ ба 17,43 млн. сомонӣ меафзояд. Параметри назди тағйирёбандаи $x_2$ ба 18,521 баробар буда, нишон медиҳад, ки ҳангомии ба ҳазор субъект афзудани шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, воридоти андоз ба 18,521 млн. сомонӣ меафзояд.

Илова ба муодилаи мегрессияи маҷмуии (1) моделҳои регрессияи содаи алоқамандии Y-ро аз омилҳои $x_3$, $x_5$ ва $x_6$ ҳосил мекунем, ки омилҳои мазкурро барои баратарфсозии мушкилии мултиколлинарӣ ба модел ҳамроҳ карда нашуда буданд.

**Ҷадвали 3.3.4. – Моделҳои регрессиявӣ ва тавсифи онҳо***

| № | Модели регрессия | Коэффитсиенти коррелятсия | Коэффитсиенти детерминатсия | F – меъёри Фишер (5,99)[140] | t- меъёри стюдент (2,44)[141] |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | $Y=7214{,}73+96{,}14X_3$ | 0,928 | 0,839 | 37,51 | 10,26 |
| 2. | $Y=1913{,}59+24{,}17\ X_5$ | 0,848 | 0,719 | 15,41 | 3,92 |
| 3. | $Y=0{,}1298x_6^2-162{,}99x_6+59181$ | 0,897 | 0,805 | 10,31 | 3,79 |

***Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Дар ҳамаи моделҳои таҳияшуда параметрҳои аъзои озод аз ҷиҳати иқтисодӣ шарҳ дода намешавад.

Дар модели якум параметри назди тағйирёбандаи $x_3$ ба 96,14 буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба як номгӯй афзудани шумораи хизматрасониҳои электронӣ воридоти андозӣ ба 96,14 млн. сомонӣ меафзояд.

Дар модели дуюм параметри назди тағйирёбандаи $x_5$ ба 24,17 буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 млн. сомонӣ афзудани маблағи андозҳо аз ҳисоби назоратҳои камералӣ воридгардида воридоти андозӣ ба 24,17 млн. сомонӣ меафзояд.

Дар модели сеюм, ки модели ғайрихаттӣ аст, параметри назди тағйирёбандаи $x_6$ ба 0,1298 буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 млн. сомонӣ афзудани маблағи аз ҳисоби санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз воридгардида, воридоти андозӣ ба 129,8 ҳаз. сомонӣ меафзояд.

Тавассути тамсилаи иқтисодӣ-риёзӣ воқеияти равандҳои иқтисодиро таҷассум намудан мумкин аст. Он омилҳое, ки хусусияти сохти таркибӣ ва қонунияти тағйирёбии зуҳуроти воридоти андозҳоро бо ёрии аломатҳои

[140] Қимати ҷадвалии F-меъёрр Фишер. Эконометрика. Учебник. Под редакцией И.И. Елисеева. Москва «Финансы и статистика» 2006.
[141] Қимати ҷадвалии t-меъёри стюдент.

ифодаёфта ва усулҳои риёзӣ (баробарӣ, нобаробарӣ ва ҷадвалҳо) ифода намудан мумкин аст. Ҳамеша, қайд кардан бамаврид аст, ки он омилҳое, ки дар тамсилаҳо ҳамроҳ гардидаанд, онҳоро ба тариқи алоқаи матритсаи корелиятсионии ҷуфт таҳлил намудем.

Аз ҷадвали 3.3.3 дида мешавад, ки тамоми тавсифҳои омории моделҳои 1-5 аз қабили коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ, коэффитсисенти детермирнатсия, Ғ-омори Фишер ва t-омори Стюдент қобили қабул буда, сифати хуби модели таҳияшударо нишон медиҳанд.

Аз ин лиҳоз, ин моделҳоро барои таҳияи дурнамои воридоти андозӣ, ки аз аломатҳои омилии зикршуда вобастаанд, тавсия дода мешавад.

Дар асоси моделҳои таҳишуда дурнамои воридоти андозӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонро барои то соли 2030 таҳия менамоем:

**Ҷадвали 3.3.5. – Дурнамои аломати натиҷавӣ ва омилӣ***

| **Солҳо** | **Иҷроиши воридоти андозҳо, бо ҳисоби миллион сомонӣ** | **Шумораи умумии андозсупорандагон (ҳазор субъект)** | **Шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд (ҳазор субъект)** | **Шумораи хизматрасониҳои электронӣ (адад)** | **Маблағи андозҳо аз ҳисоби назоратҳои камералӣ воридгардида, (млн. сомонӣ)** | **Маблағи аз ҳисоби санҷишҳои ҳуҷҷатии андоз воридгардида, (млн. сомонӣ)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Y** | **$X_1$** | **$X_2$** | **$X_3$** | **$X_5$** | **$X_6$** |
| 2025 | 17286,37 | 377,43 | 413,86 | 101 | 685,13 | 791,21 |
| 2026 | 18266,37 | 386,93 | 457,24 | 111 | 677,04 | 808,35 |
| 2027 | 19246,37 | 396,43 | 500,61 | 121 | 668,95 | 825,49 |
| 2028 | 20226,37 | 405,92 | 543,99 | 130 | 660,86 | 842,63 |
| 2029 | 21206,38 | 415,42 | 587,36 | 140 | 652,78 | 859,78 |
| 2030 | 22186,38 | 424,92 | 630,74 | 150 | 644,69 | 876,92 |

***Сарчашма:** Таҳияи муалиф

Аз нишондиҳандаҳои бадастомадаи рушди омилҳои вобастагардида то соли 2030 чунин натиҷаҳоро арзёбӣ менамоем. Ҳамин тавр, интизор шудан мумкин аст, ки то соли 2030 воридоти андозӣ то ба 22184,21 ҳазор сомонӣ, шумораи умумии андозсупорандагон 424,92 ҳазор нафар, шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод

менамоянд, ба 630,74 ҳазор нафар расида, шумораи пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ба 150 номгӯй расиданаш мумкин аст, агар омилҳои таъсиррасон бетағйир бошанд.

Масъалаи зиёдшавии ҳаҷми воридоти андозҳо аз андешидани тадбирҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии аҳаммияти стратегидошта дар самти беҳтарнамоии фаъолияти мақомоти андоз ва самаранок татбиқ намудани чораҳои истифодаи хизматрасониҳои электронӣ шаҳодат медиҳад.

Дурнамои рушди маъмурикунонии андоз, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, истифодаи технологияи иттилоотӣ аз тарафи андозсупорандагон дар асоси моделҳои таҳияшуда ва дурнамои вобастагии натиҷаҳои аломати омилӣ метавонад дар оянда ба пешрафти вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа, сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва моликияти зеҳнӣ дар шароити гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт метавонад нақши ниҳоят калон бозад. Чунин тағйирёбии эҳтимолии нишондиҳандаҳои маъмурикунонии андоз ба рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ кишвар заминаҳои муосид фароҳам меоранд.

Тавассути методҳо ва моделҳои иқтисодӣ-риёзӣ ва истифодаи технологияи информатсионӣ, таъминоти риёзӣ ва барномавии пешгӯикунии воридоти маблағҳои андоз тахия карда гардиданд, ки ҳангоми бетағйир будани дигар шароитҳои таъсиррасон амалӣ гардидани онҳо имконпазир аст.

Зимни баррасии зерфасли мазкур чунин хулосаҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

1. Муайян карда шуд, ки дурнамои нишондиҳандаҳои ба дастомдаи фаъолияти мақомоти андоз дар раванди маъмурикунонии андоз ба омилҳои зерин вобаста мебошанд, аз ҷумла шумораи умумии андозсупорандагон, шумораи хизматрасониҳои электронӣ, шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд.
2. Аз матритсаи коэфисиентҳои корреляитсияи ҷуфт муайян гардид, ки ҳамаи коэффитсиентҳои дар сутуни якум буда, имконияти ба адади як наздик шуданро доранд, ба истисноии аломатҳои омилии $X_4$ ва $X_6$ , ки

вобастагии воридотҳои андозӣ ва аломатҳои омилӣ дар байни аломати натиҷавиро муайян менамояд.

3. Пас аз баҳо додани параметрҳои ҷусташавандаи модели регрессияи (1) баҳо дода, бо истифода аз зербарномаҳои пакети амалии MS Excel дар ҷадвали 3.3.1. натиҷаи таҳлили регрессивии мадели 1-ро муайян намудем.
4. Дар асоси модели 1 ва моделҳои қатори вақтӣ дурнамои воридоти андозӣ ва омилҳои ба он таъсиррасонро барои то соли 2030 муайян намудем. Аз нишондиҳандаҳои бадастомадаи рушди омилҳои вобастагардида то соли 2030 чунин натиҷаҳоро арзёбӣ гардиданд. Ҳамин тавр, интизор шудан мумкин аст, ки то соли 2030 воридоти андозӣ то ба 30894,77 ҳазор сомонӣ, шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро бо тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд ба 578,02 ҳазор нафар расида шумораи пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ба 144 номгӯй расиданаш мумкин аст, агар омилҳои таъсиррасон бетағйир бошанд.

Дар маҷмуъ, зимни баррасии боби мазкур чунин хулосаҳои хусусияти навгонидошта ба даст омаданд:

Масъалаи рақамикунонӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар таҳқиқоти илмӣ яке аз мушкилотҳои асосии рушди маъмурикунонии андоз дар шароити имрӯза муайян гардид. Имрӯзҳо мақомоти андоз барои беҳтар намудани ҳолати андозбандӣ дар кишвар ва ҳалли мушкилоти рақамикунонӣ бештар ба шароитҳои ҷойгиркунонии технологияҳо дар маҳаллҳо диққат менамоянд. Чунки тамоюли ҳозираи раванди рақамикунонӣ на танҳо барои беҳтар шудани хизматрасониҳои электронӣ, балки барои осон намудани табодули маълумотҳо ва ҳалли мушкилотҳои ҷойдоштаи низоми андозбандӣ мусоидат менамояд.

Зимни таҳлилҳо ошкор гардид, ки маъмурикунонии андоз хусусияти навсозӣ дошта, вобаста ба ҳолати сиёсати андоз ва болоравии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ба фаъолияти мақомоти андоз ва андозсупорандагон шароит фароҳам меоранд. Муайян гардид, ки такмили сиёсати андоз аз рушди ҳозираи иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста буда, ҷиҳати

беҳтар намудани маъмурикунонии андоз бояд, пеш аз ҳама, бо дарназардошти давра ба давра пурра дар шакли электронӣ роҳандозӣ намудани муносибатҳои андозӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон, ҳавасманд ва мусоидат намудан ба рушди фаъолияти соҳибкорону сармоягузорон, зиёд намудани манбаъҳои андозбандӣ ва дар ин замина мусоидат намудан барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ анҷом дода шавад.

Дар диссертатсия дурнамои рушди маъмурикунонии андоз аз рӯи вобастагии модели қатори вақтӣ ва регрессионӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, дар оянда ба пешрафти вазъи иқтисодию иҷтимоии ҷомеа ва таъмини моликияти зеҳнӣ дар шароити рақамикунонӣ нақши ниҳоят калон мебозад. Нишондиҳандаҳои зудтағйирёбандаи аломатҳои омилӣ ҳолати ҳақиқии маъмурикунонии андозро барои пешбурди иқтисодиёт муайян намуда, ташаккули усулҳо ва омӯзишу таҳлили онҳоро талаб менамояд. Аз ин рӯ, маъмурикунонии андоз ба илми муосир ворид гардида, барои таҳқиқотҳо баҳри пешгӯикуниҳои воридоти маблағҳои андоз ба буҷаи давлат аз усулҳои математика ва омор бо таври васеъ истифода мегарданд.

# ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДОТ

Зимни баррасии масъалаҳои рушди маъмурикунонии андоз дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт чунин натиҷаҳои хусусияти навгонидошта пешниҳод карда мешаванд:

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия:**

1. Маъмурикунонии андоз муносибатҳои омиронаи давлат ва андозсупорандаро дар бар мегирад, ки андозсупоранда дар ин муносибат нақши асосии объективиро мебозад. Ақидаи муаллиф оид ба мафҳуми маъмурикунонии андоз пешниҳод гардид, ки маъмурикунонии андоз – ин маҷмӯи тадбирҳои интитутсиолии ҷараёни идоракунии андоз буда, таъмини риояи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ ва такмили низоми қонунгузории андозро, ки шаффофияти рақамикунонии воридоти андозҳоро бахри нигоҳ доштани тавозуни молияи давлатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таъмин менамояд. Рушди маъмурикунонии андоз ислоҳоти низоми андозро тақозо менамояд. Ислоҳотҳои низоми андоз доир ба беҳтар намудани хизматрасониҳои мақомоти андоз бо андозсупорандагон дар доираи амалинамоии барномаҳои мушаххас анҷом дода мешаванд, ки ба афзалиятҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар алоқаманд мебошанд. [5-М].

2. Мукаммалнамоии механизми маъмурикунонии андоз ин риояи низоми қоидаҳои ба фаъолияти мақомоти андоз алоқаманд, ки ба андозсупорандагон чораҳои расмиёти соддагардонӣ ва имкониятҳои дастраси ба истифодаи хизматрасониҳоро дар шакли электронӣ фароҳам оварда, воситаи тадбиқи усулҳои электрониро ҳамчун омили муҳимми таҳкими минбаъдаи иқтидори иқтисодӣ ва истеҳсолии кишвар таъмин менамояд.[1-М, 2-М].

3. Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷараёнҳои иқтисодӣ дар ҳолати шахшуда намеистанд, аз ин рӯ маъмурикунонии андоз аз тағйиротҳои назаррас бархӯрдор мебошад. Маълум мешавад, ки маъмурикунонии андоз ба дигаргунсозиҳои иқтисодиёт, раванди муносибатҳо ва умуман тамоми

иқтисодиётро фаро гирифта, бо ёрии механизмҳои танзимкунанда унсурҳои худ ва давлатро тағйир медиҳад ва ба бунёди инфраструктураи иқтисодиёт шароити мусоид фароҳам меорад. [3-М].

4. Эътимоднокии андозсупорандагон ба сиёсати андози мамлакат вобаста буда, аз маҷмуи қонунгузорӣ, низоми кории мақомоти андоз ва муносибати корманди мақомоти андоз доир ба масъалаҳои андозбандӣ вобастагӣ дорад. Айни замон гуфта метавонем, ки таваҷҷуҳи асосии андозсупорандагон ба азхуднамоии тартиби истифодаи хизматрасониҳои электронӣ равона шуда, имрӯзҳо Кумитаи андоз бо воситаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ иҷрои уҳдадориҳои андозро зиёд намуда, эътимоднокии андозсупорандагонро вобаста ба масъалаҳои бақайдгирӣ ва ҳавасмандгардонии андоз меафзояд. Қабул гардидани Кодекси андоз дар таҳрири нав аз 23.12.2021, таҳти №1844 бо дарназардошти пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, имкониятҳои зиёди навгонӣ дар соҳаи андозро ба вуҷуд оварда, дар доираи механизмҳои амалкунандаи андозбандӣ аз тарафи Кумитаи андоз раванди иҷроиши он аз 01.01.2022 таҳти назорат қарор дорад. [4-М].

5. Чунин ба назар мерасад, ки ҳатто нисбати субъектҳои соҳибкории хурд гузаронидани санҷишҳои андоз давра ба давра аз тарафи мақомоти андоз ҷиҳати баҳисобгирии маълумотҳо оид ба даромадҳо ва хароҷотҳо ворид карда мешавад. Тайи солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти маъмурикунонии андозро ҳамчун самти афзалиятноки аввалиндараҷа қарор дода, барои ноил шудан ба ҳадафҳои кишвар оид ба суръат бахшидан ба рушди бахши хусусӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, васеъ намудани заминаи содирот ва ташкили ҷойҳои корӣ мусоидат намуд. [3-М, 5-М].

6. Пешгӯии рушди маъмурикунонии андоз, пешниҳоди хизматрасониҳои электронӣ, истифодаи технологияи иттилоотӣ аз тарафи андозсупорандагон дар асоси тамсилаи 1 ва дурнамои вобастагии натиҷаҳои аломати омилӣ метавонад дар оянда ба пешрафти вазъи иқтисодию иҷтимоии

ҷомеа, сохтани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва моликияти зеҳнӣ дар шароити гузариши рақамикунонӣ нақши ниҳоят калон бозад. Маъмурикунонии андоз ба илми муосир ворид гардида, барои таҳқиқотҳо баҳри пешгӯикуниҳои воридоти маблағҳои андоз ба буҷаи давлат аз усулҳои математика ва омор бо таври васеъ истифода мегарданд. Дар маҷмуъ таҳияи модели рушди маъмурикунонии андоз на танҳо шаш омили вобастагардида, балки аз омилҳои бо ҳамвобаста истифодаи технологияҳои муосир, ки он ҳамчун масъалаи актуалӣ барои беҳтарнамоии низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. [5-М].

